**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 372.8:30+373 (575.3)**
**ТКБ 74.261:6+74.2 (2тоҷик)**
**Ш - 32**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАРИФОВА САНАВБАР САЪДУЛОЕВНА**

# НАҚШИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ )**

**Роҳбари илмӣ: Раҳимзода Хуррам**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор**

**ДУШАНБЕ - 2025**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА………………………………………………………..………. 4**

**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ҲИССИ ХЕШТАНШИНОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ…………………………………….... 17**

1.1.Асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ……………………………………………………………...…… 17

1.2. Инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир……………………..………..………………………… 38

1.3. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълими арзишҳои миллӣ ………………………………..………….. 66

Хулосаи боби якум……………………………………………………… 85

**БОБИ II. МАЗМУНУ МУНДАРИҶА ВА НИЗОМИ ТАШАККУЛИ ХЕШТАНШИНОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАЪЛИМИ ТАЪРИХИ УМУМӢ ……………………………………………………. 89**

2.1. Сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ……………………..……………. 89

2.2.Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ ……………………………………………………….… 110

2.3.Озмоиши педагогӣ ва натиҷаҳои он дар ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагон.………………………………...…….. 129

Хулосаи боби дуюм…..……………………………………………….. 145

**ХУЛОСА……………………………………………………………..… 147**

**АДАБИЁТ ……………………………………………………………... 155**

## НОМГӮИ ИХТИСОРА ҲО

**ВАО** – васоити ахбори омма

**ҶТ** – Ҷумҳурии То ҷикистон

**ГН** – гурӯҳи назоратӣ

**ГО** – гурӯҳи озмоишӣ

**МТМУ** – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳозираи ҷаҳони пуртазод тарбияи хештаншиносӣ, худогоҳии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз вазифаҳои асосии оила, мактаб ва ҷомеа мебошад. Хушбахтона имрӯз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароитҳои мусоид баҳри ба воя расонидани насли худшиносу меҳанпараст фароҳам гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таълими фанни таърих дар тарбияи хештаншиносии хонандагони муассисаҳоси таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аҳамияти беназир дорад. Маҳз фанни таърих аст, ки хонандагон зимни омӯзиши он аз гузаштаи дури худ бохабар гардида, дар бунёди ҳаётиояндаи худ пайроҳаи дурустро интихоб менамоянд. Инчунин, дар баробари инъикоси воқеаҳо, ҳодисаҳо ташкилёбии давлатҳо, таназзули онҳо арзишҳои миллии халқиятҳо дар фанни таърих возеҳу ошкор баён мегарданд. Ҳангоми таълими онҳо хонандагон дар руҳияи хештаншиносӣ тарбия ёфта, меҳру муҳаббаташон нисбат ба ватан ва миллати худ зиёд мегардад. Таҳсилот нақши калидии тарбияи маънавӣ ва маърифатиро дар сохтори ҷомеа дорад. Дар таҳкими маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон, иттиҳод будани он дар муқобили мушкилоти беруна ва дохилӣ, таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоди шахс ба ҳаёт дар мамлакат, ҳамватанон, ҷомеа, давлат, имрӯз ва фардои кишвар ба соҳаи маориф нақши калидӣ гузошта шудааст. Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин маънӣ таъкид менамоянд: «Мо бояд аз умқи таърих шуъла бардорем, на ин ки хокистар». Дар ҳақиқат, гузашта ва аъмоли ниёгони мо пур аз саҳифаҳои қаҳрамонӣ буда, таълими дурусти он ба насли наврас дар замири онҳо меҳру муҳаббат ба ватан ва ҳуввияти миллиро бедор месозад. Ин раванд ба ташаккули шахсиятҳои ватандӯст ва соҳибмаърифат мусоидат намуда,

онҳоро барои номбардории аҷдодони сарбаланди худ ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа ҳавасманд месозад. Ҷавонон бо дарки амиқи арзишҳои миллии худ, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то наслҳои ояндаро низ ба ҳамин рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихор аз фарҳангу таърихи худ тарбия намоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳқиқи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносӣ, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои милли халқи тоҷик таҳқиқотҳои М. Орифӣ, И. Обидов, М. Эркаев, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, К. Қодиров, И. Х. Каримова, Ф. Гулмадов, Т. Зиёзода, Б. Раҳимов, А. Нуров, Х. Раҳимзода [7], М. Р. Юлдошева, Ҷ. Файзализода, Б. Маҷидова, Ҳ. Хоҷаев, Қ. Абдураҳимов, Б. Раҳимов, С. М. Арутюнян, Г. Е. Глезерман, С. Т. Калтахчян, И. С. Кон, К. Н. Хабибулин ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд. Сохтори худшиносии миллӣ дар таълифоти муаррихон - мардумшиносон Б. Ғафуров [8], Н. Яъқубов, З. Табаров, А. Агаев, Ю. Бромлей, Л. Дробижева, П. Кушнер, Г. Старовойтова, Г. Шелепов ва дигарон баррасӣ шудааст. Муҳаққиқони тоҷик дар корҳои илмии худ, дар атрофи ин масъала тадқиқот бурдаанд, аз ҷумла, Ҷ. Файзалиев «Фалсафаи тарбияи мутафаккирони асрҳои миёна ва арзиши онҳо дар рушди педагогикаи муосири миллӣ», С. Розиқова «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии донишҷӯёни факултетҳои забонашон ғайри забони модарӣ»: оид ба маводи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», А. Нуров «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас», Г. Мамурова «Асосҳои фарҳангии тафаккур ва тамоюли арзишҳои ҷавонон дар Тоҷикистони муосир: таҳлили фалсафӣ ва фарҳангӣ», А. Сатторов «Ташаккули муносибатҳои арзишӣ-ахлоқӣ ва нақши онҳо дар муайян кардани мавқеи иҷтимоии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ», М. Мадатова «Шароитҳои педагогии ташаккули тамоюли арзишмандии наврасони калонсол дар корҳои беруназсинфии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ», Б. Ашурова «Ташаккули арзишҳои умумибашарии хонандагони типи нави мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ: намунаҳои мактабҳои ш. Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

Х.Асоев «Аз - худкунии арзишҳои умумибашарӣ аз ҷониби хонандагони наврас: дар асоси маводи мактабҳои Тоҷикистон» ва диг.

Дар диссертатсия маводи илмии нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих ҳамаҷониба ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, тамоми паҳлӯҳои аҳамияти тарбияи эҳтироми арзишҳои миллӣ ва таъсири он ба хештаншиносии хонандагон ба воситаи таълими фанни таърих ба воситаи гузаронидани таҷриба ва озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Чӣ тавре, ки аз таҳлили мухтасари адабиёти илмию методӣ маълум шуд, масъалаи мазкур дар илми педагогикаи тоҷик ҳоло ба тадқиқ нарасидааст ва омӯзишу тадқиқи он таҳқиқи мукаммали илмиро интизор аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва стратегияи рушди маориф барои солҳои 2019-2022, дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» ва муқаррароти асосии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006, № 94) иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот -** таҳлили илмию педагогии шаклу усулҳои самарабахши омода намудани хонандагон зимни таълими фанни таърих дар асоси анъанаҳои миллии хештаншиносӣ. Ки барои ташаккули ватандӯстӣ ва инсонпарварии онҳо кӯмак мерасонад

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин ҳадаф, мо қарор додем, ки чунин вазифаҳоро барои худ муқаррар кунем ва онҳоро иҷро намоем:

1. Омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои назариявии муҳаққиқон ва ошкор сохтани паҳлӯҳои гуногуни мавзуи нақши арзишҳои миллӣ зимни таълими фанни таърих.

2. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муайян намудани хусусиятҳои

истифодаи тарбияи худшиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих.

3. Ошкор ва муайян намудани аҳамияти педагогӣ ва хусусиятҳои рушди ҳувияти миллӣ, тарбияи худшиносии хонандагон ҳангоми таълими фанни таърих.

4. Ташкили ташхиси озмоишию таҷрибавии тарзу усулҳои таҳлилу тадқиқ намудани рушди ҳувияти миллӣ тарбияи худшиносии хонандагон ҳангоми таълими фанни таърих.

5. Таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба рушди ҳувияти миллӣ тарбияи худшиносии хонандагон ҳангоми таълими фанни таърих.

**Объекти таҳқиқот.** Раванди таълиму тарбияи арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих.

**Предмети таҳқиқот.** Низому воситаҳои фаъоли таълими нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих:

**Фарзияи таҳқиқот.** Арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих ба шарте дуруст ба роҳ монда мешаванд, ки агар:

- зимни таълими фанни таърих нақши арзишҳои миллӣ ба назар гирифта шаванд;

- зимни таълими фанни таърих омӯзгорон ба мушаххас ва эҳтиром намудани арзишҳои миллӣ такя кунанд;

- тарбияи хештаншиносии насли наврас, ки имконияту мазмуни ғанӣ доранд, дар омода намудани хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ истифода бурда шавад;

- таҳқиқ ва омӯзиши нақши арзишҳои миллии халқи тоҷик дар омода намудани хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ, дар заминаи анъанаҳои пешқадам ва мусбат, ки аҳамияти педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар бар мегирад, ба назар гирифта шавад;

-таҳияи барномаҳои таълимӣ дар асоси муайян кардани фанҳои таълимӣ доир ба фардикунонии раванди таълим таъмин карда шавад;

-истифодаи технологияҳои педагогии таълими фанни таърих дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиддӣ ба роҳ монда шуда, рушди иҷтимоии арзишҳои миллии худшиносии хонандагон амалӣ карда шаванд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шуд:

**Марҳилаи якум** (2019-2020) – марҳилаи ҷустуҷӯию омӯзишии масъала буда, омӯзиши адабиётҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологию педагогӣ, таърихӣ, этнологӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаи анъана ва урфу одатҳо дар омода намудани ҷавонон дар руҳияи ҳуввияти миллӣ хештаншиносӣ, асоснок намудани аҳамияти мавзуи интихобшуда, муайян намудани дастгоҳи илмию таҳқиқотӣ, нашри мақолаҳои илмиро бахшида ба мавзуи таҳқиқот дар бар мегирад.

**Марҳилаи дуюм** (2020-2021) – назариявӣ буда, тавзеҳи вазифаҳои илмӣ, методӣ, ибтидоӣ, таҳлили адабиёт, татбиқи маводи омӯзишӣ дар таҷрибаи педагогӣ, муайян намудани ҳолати истифодаи анъанаҳои ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ зимни таълими фанни таърих, омода намудани ҷавонон, таҳияи нақша ва усулҳои таҳқиқоти илмиро фаро гирифтааст.

**Марҳилаи сеюм** (2022-2023) – ҷамъбастию таҳлилӣ буда, дар он танзим ва муттаҳид намудани маводи таҷрибавӣ, таҳияи хулосаҳо; гузаронидани мушоҳидаҳо, суҳбатҳо, анкета, саволу ҷавоб, таҳияи кори озмоишию таҳқиқотӣ; нашри натиҷаҳои фосилавии тадқиқот, лоиҳаи рисолаи илмӣ, омода ва пешниҳод намудани рисолаи илмӣ ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмӣ дарҷ ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон чунин асосҳои назариявиро дар бар мегиранд:

- маҷмуи маълумоти назариявӣ ва таълимот дар бораи моҳияти нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих;

- таҳлили мероси таърихии арзишҳои миллӣ, дидгоҳҳои мутафаккирони

тоҷику форс ва ба педагогикаи муосири миллӣ табдил додани онхо;

- мафҳумҳои асосии дарки назарияи диалектикии тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих ва талаботи аз онҳо бавуҷудоянда;

- арзишҳои миллӣ дар ҷомеа ва хусусиятҳои мавҷудаи он, тафаккури мантиқӣ ва рушди шахс:

- моҳияти назариявии ҷараёни таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, тавассути ташаккули тарбияи хештаншиносӣ;

- системаҳои таълиму тарбия ҳамчун қисми таркибии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар Тоҷикистон дар асоси муносибатҳои материалистӣ ва прагматикӣ.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Усули асосии тадқиқот усули илмӣ - назариявӣ мебошад. Ғайр аз ин, усули тадқиқотие истифода шуд, ки воситаҳои таълим ва таърихи таълимро меомӯзад. Усули мушоҳида, инчунин усулҳои тавсифӣ ва миқдорӣ низ зимни таҳияи рисола истифода шуданд. Ғайр аз ин, усули таҳлили семантикӣ - педагогӣ ва функсионалии таълим низ васеъ истифода гардид. Зимни таҳқиқи мавзуи тарбияи хештаншиносӣ ва рушди ҳувияти миллӣ аз методи илмӣ-назарӣ низ истифода бурда шуд. Инчунин, методи мушохида, методҳои тасвирӣ ва миқдорӣ низ корбурд шудааст. Ба таври васеъ усули таҳлили назариявии илмӣ, психологӣ, педагогӣ ва адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба мушкилоти тадқиқот, ки фарогири чунин усулҳо мебошад, истифода гардид.

**Сарчашмаи маълумот.** Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти

умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон.

**Заминаҳои эмперикӣ.** Заминаҳои эмперикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷаъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия; дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди окилонаи онҳо рӯйи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №23, (47) № 50 - и н. Восеъ (88 хонанда), №1,н.Рудакӣ (58 хонанда), №2,н.Рудакӣ (77хонанда) №57, (64хонанда) №77, (83хонанда) ш. Душанбе анҷом дода шудаанд. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озомоишӣ беш аз 45 омӯзгор ва 276 хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 8) ҷалб карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд: Ин таҳқиқот ва таҳлили илмии мукаммалест, ки ба омӯзиш ва баррасии мавзуи нақши арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои табиии тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих бахшида шудааст. - дар раванди таҳқиқот кӯшиш карда шудааст, ки масъалаҳои асосии тарбияи хештаншиносӣ ва нақши ҳувияти миллӣ дар раванди таълими замони муосир, ки аҳамияти ҷиддӣ дорад, ба таври амиқ муайян ва таҳлил карда шаванд. Дар ин равиш, диққат ба рушди ҳисси масъулият ва эҳсоси ватанпарастӣ дар байни хонандагон, ки ояндаи ҷомеаро ташаккул медиҳанд, равона гардида аст.

- ҷустуҷӯҳои илмӣ ва озмоишӣ имкон доданд, ки дар асоси истифодаи мероси педагогии халқи тоҷик, роҳҳои оқилона ва самарабахши ворид

намудани мафҳумҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ дар амалияи таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон пешниҳод шаванд.

- навгонии илмӣ бо дар назардошти мафҳумҳои «хештаншиносӣ», «ватандӯстӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» имкон хоҳад дод, равиш ва тавсияҳои консептуалӣ барои омӯзгорони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва олии касбӣ таҳия гардад;

- усулҳои пуртаъсир ҷиҳати таҳия намудани технологияи ҳавасмандгардонии хонандагони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои дарки анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ омода гарданд.

**Муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бо анҷом додани озмоиши илмӣ ҷузъҳои зерини рушди маънавӣ ва ахлоқии шахс муайян гардида, ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- ташаккул додани омодагӣ ва қобилияти хонандагон барои такмили тарбияи маънавӣ ва амалӣ намудани нерӯи эҷодӣ дар асоси салоҳияти умумиинсонии маънавӣ ва ахлоқӣ;

- таҳкими самти тарбияи арзишҳо ва ҳувияти миллӣ;

- ташаккули асосҳои тарбияи худшиносӣ ва ахлоқии шахс, худбаҳодиҳии мусбӣ ва худогоҳӣ зимни таълими фанни таърих;

- тақвият додани омодагӣ ва қобилияти ошкоро изҳор ва дифоъ кардани мавқеи маънавии худ, зуҳуроти муносиби танқидӣ ба ниятҳо, фикрҳо ва амалҳои худ;

- тарбияи дурусти дарки арзиши ҳаёти инсон, некбинии зиндагӣ, позитивизм, қобилияти қабул ва бартараф кардани мушкилот тавассути таълими фанни таърих.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Дар замони ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти илму техникаи муосир, ки сарҳадҳои муоширати халқу миллатҳоро барҳам медиҳад, эҳтиёҷ ба ҳувияти миллӣ ва тарбияи хештаншиносӣ шарт ва зарур аст. Барои илми педагогикаи тоҷик тадқиқоте, ки доир ба нақши ҳувияти миллӣ ва тарбияи худшиносӣ зимни таълими фанни таърих ба анҷом расонида шудаанд, аҳамияти бузурге доранд.

Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти зерини назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт:

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ кӯмак хоҳад расонд;

- барои ҷорӣ намудани тарбияи хештаншиносӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих мусоидат менамояд;

- барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ёрӣ мерасонад;

- ҳамчун дастури таълимӣ дар соҳаи илми педагогика хизмат хоҳад кард;

- маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва хроникаҳо истифода шавад;

- онро ҳамчун роҳнамо ва дастур дар соҳаи илми педагогика истифода бурдан мумкин аст;

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии арзишҳои миллӣ ва ташаккули худшиносии толибилмон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи худшиносии миллӣ, ки характери ватандӯстӣ доранд, ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон, унвонҷуён, донишҷӯёни факултетҳои таърих ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти амалӣ дошта метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот инҳоянд; маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуи интихобшуда ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд; интихоб ва таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд; азназаргузаронии маводҳои бадастомадашудаи рисола;

муътамад будани натиҷаҳои бадастомадашуда; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ), аз он ҷумла, ба банди 1. Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (1.1. - Методологияи таълими фанҳои ҷомеашиносӣ; 1.2. - Арзиш ва ҳадафҳои таълим;) ва банди 2 - Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъитӣ (муайян намудани ҳадафҳои тарбияи хонандагон мутобиқи вазъияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии муосири рушди ҷомеа) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқарраароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин сурат гирифтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-педагогии омӯзгорони фани таърих оид ба тарбияи худшиносии миллӣ дар омода сохтани хонандагон ба эҳтиром доштани арзишҳои миллӣ;

- ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;

- дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи таълиму тарбия;

- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

- ҳангоми баромадҳо ва суханрониҳо дар конфросҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ якчанд маротиба дар ҷаласаи Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конференсияҳо баррасӣ ва ироа шуда, ҳамзамон дар шакли 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат намуда, аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт 146 номгӯй иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ХЕШТАНШИНОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар даҳсолаҳои охир, бахусус дар солҳои охир дар сиёсати ҷаҳонӣ, илмҳои ҷомеашиносӣ, хоса илми фарҳангшиносӣ, ба вуқуъ пайвастанд, бештар дар атрофи зиддияти тамаддунҳо ё ҳамгироии онҳо ва худшиносии миллатҳо сурат гирифтаанд ва ин баҳсҳо ҳанӯз ҳам идома доранд.

Ба таҳсилот ва маориф ҳамчун соҳаи нақши калидидошта дар ҷомеа аз ҷониби давлат аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҷиҳати осоиштагию оромӣ ва мустаҳкамгардонии амнияти миллӣ ва боварии одамон ба зиндагии хушбахтонаи оянда соҳаи маориф ва дар робита ба он таълиму тарбияи арзишҳои миллӣ нақши муҳим дорад. Идеали замонавии тарбияи миллӣ – ин шахсест, ки маънавиёти баланд дорад, эҷодкор ва босалоҳият аст, шахсест, ки арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии миллиро эҳтиром мекунадуояндаи Ватанроояндаи тақдири худ медонад. Дар атрофи ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ зиддияти тамаддунҳо ва худшиносии миллатҳо гуногунанд. Дар ин раванд яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз дар тӯфони ҷаҳонишавӣ – ин ҳифзи асолати арзишҳо ва фарҳанги миллӣ мебошад. Чунки оянда ва абадияти миллат ба он вобаста аст. Дар баҳсҳои илмии муосир масъалаи муҳими ҳалталаб ҷаҳонисозии миллатҳо ва фарҳангҳо аст.

## 1.1. Асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Як нуктаи ташвишовар дар ин раванд паҳншавии фарҳанги аввомона аст. Хатар эҷод намудани он ба арзишҳои миллӣ, эстетика ва ахлоқ махсусан, таъсири он ба насли ҷавон зарурат ба миён овардааст, ки ин масъала ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ намуда шавад ва ҳалли худро ёбад. Ҳалли ин масъала ба худшиносии миллии ҳар як фарди ҷомеа вобаста буда, таваҷҷуҳи

бисёр олимони педагогро низ ба худ ҷалб намудааст. Аз баски дар ҷаҳони муосир тазодҳои бисёр ба назар мерасанд ва ба задухӯрдҳо низ сабаб шуданашон мумкин аст, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ низ ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пас аз ҳалли масъалаи низоъҳои дохилӣ ва барқарор кардани сулҳ дар кишвар, ба таҳқиқи бевоситаи мушкилоти таърихи халқи тоҷик ва таъмини устувории таҳаммулпазирӣ ва гуфтугӯи фарҳангӣ миёни фарҳангҳои гуногун, ҳамчунин байни динҳо ва таълимоти гуногун, рӯ овард. Асарҳои ӯ, аз ҷумла «Тоҷикистон дар оинаи таърих» (дар чанд ҷилд), «Назаре ба таърих ва фарҳанги ориёӣ», «Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам» ва дигарон, дар байни аъзои илми кишвар ва хориҷ мавриди таваҷҷуҳ ва арзёбӣ қарор гирифтанд. Дар ин китобҳо, Президенти То ҷикистон ба масъалаҳои муҳим ва ҳассоси ҷаҳони муосир посух медиҳад ва хатарҳое, ки ба амният ва суботи инсоният таҳдид мекунанд, шиносои амиқ мекунанд. Аз ҷумла, дар яке аз асарҳояш навиштааст: «Воқеан ҳам, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва боло рафтани сатҳи худогоҳии миллӣ ба таъмини ваҳдати миллӣ ва маърифати солими мардум сахт вобаста аст. Ноил шудан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ имкон дод, ки кишвари мо буҳрони амиқи сиёсию иҷтимоӣ ва инсониро, ки масъалаи ҳаёту мамоти миллат ва давлат буд, бартараф намояд [ 162, с. 23].

Пешрафти иҷтимоии ҳар оила, ҳар қавм, халқ, миллат ва давлат танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки инҳоро муттаҳид ва якҷоя нигоҳ дошт. Ҳамон гуна, ки ягонагӣ ва ҳамбастагӣ омилҳои асосии муваффақият дар тамоми ҷамбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳастанд, парокандагӣ ё тахминан халалдор шудани ин ягонагӣ метавонад ба паёмадҳои нохуш, ба монанди ихтилофоти дохилӣ, заифшавии иттиҳоди миллӣ ва ҳатто нобудии ташкилотҳои иҷтимоӣ, қавмҳо ё давлатҳо оварда расонад.

Таҳқиқоти олимони педагогикаи тоҷик, ки дар онҳо масъалаҳои накши ҳуввияти миллӣ ва тарбияи худшиносии хонандагон баррасӣ гардидааст, ба

монанди М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Т. Зиёзода, М. Орифӣ, И. Обидов, М. Эркаев, К. Қодиров, Б. Раҳимов, Ф. Гулмадов, А. Нуров, С. Туронов, Х. Раҳимов, Л. Иматзода, С. Сулаймонӣ, С. Неъматов манбаи асосии назариявии таҳқиқот мебошанд.

Зимни таҳқиқ ва омӯзиши мавзуъ аз таҷрибаи кории омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ низ маводи назариявӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт. Муҳаққиқони соҳаи психология Л. И. Божович, Б. Г. Ананев, А. Н. Леонтев, Л. С. Виготский, Б. Д. Элконин, В. С. Мерлин, С. Л. Рубинштейн ва дигарон масъалаи худшиносии миллиро ба меҳвари ботинии шахсият монанд кардаанд, ки сатҳи инкишофи онро ба андозаи назаррас муайян менамояд. Асарҳои олимони тоҷик ба монанди Б. Ғафуров, А. Баҳоуддинов, М. Орифов, Т. Зиёзода, Г. Ашуров, М. Диноршоев, К. Олимов, Н. Неъматов, М.Осимӣ ва дигарон дар дараҷаи баланди илмӣ ва фалсафаи он консепсияи нигаҳдорӣ ва ғанигардонии минбаъдаи таърихи халқи тоҷикро доранд. Таҳқиқоти ин олимон асарҳо, назарияи таърих ва ормонҳои донишмандони машҳури Шарқро эҳё мегардонанд. «Раванди педагогӣ аз сарчашмаи пайдоиши худ хусусияти воқеӣ буданро дорад, зеро талаботи воқеии ҷомеа таълиму тарбияи насли наврас, ба онҳо додани таҷрибаи иҷтимоии замони гузашта ва ҳозира мебошад. Он аз ҷиҳати натиҷаҳои худ низ объективӣ мебошад, зеро ҷараёни педагогӣ ба баланд шудани таълим, ташаккули сифатҳои шаҳрвандии насли наврас мусоидат мекунад. Ҷараёни воқеии педагогӣ ба шароити моддие, ки дар он сурат мегирад, вобаста аст. Унсурҳои субъективӣ ба раванди педагогӣ аз ҷониби одамоне ворид карда мешаванд, ки иштирокчиёни бевоситаи он мебошанд ё ин равандро ташкил мекунанд. Субъективӣ будан дар раванди педагогӣ аз бисёр ҷузъҳо иборат аст: маҳорати педагогии омӯзгор, шавқу рағбат ва майли инфиродии хонандагон, сатҳи ташкили раванди педагогӣ ва бисёр ҷузъҳои дигар» [37, с.36].

Ҷиҳати коркард ва таҳияву мукаммал гардонидани китобҳои дарсии таърих барои мактаби миёнаи умумӣ олимони зерини рус низ нақши

арзандаи худро гузоштаанд: А. В. Мишулин, Е. А. Косминский, А. В. Ефимов, К. В. Базилевич, С. Б. Вахрушин, А. М. Панкратова, А. В. Фохт, И. С. Галкин, Л. И. Зубок, Ф. О. Нотович, В. М. Хвостов, Ю. С. Кукушкин, В. Д. Есаков, Г. М. Донской, О. И. Бахтина, А. П. Невароков, В. А. Онищук, И. Я. Лернер, В. Ф. Паламарчук, В. И. Ривчин, С. Г. Шаповаленко, И. Е. Задорожнюк, Н. К. Алексашкина, Л. Ю. Карабаева, Г. В. Алямовская, Б. А. Литвинский, Б. А. Казачковский, Г. Е. Беляков, Ф. П. Репа ва диг. Қисми зиёди ин олимон муаллифони китобҳои дарсии таърихи СССР, таърихи умумӣ  ва таърихи халқи то ҷик буданд. Аз олимони тоҷик бошад, А. Мухторов, З. Раҷабов, М. Яхёев, М. Бобохонов, Г.  Ҳайдаров Т. Зиёзодаро номбар кардан лозим аст, ки дар навиштани китобҳои дарсии таърих саҳм гузоштаанд. Дар навиштани диссертатсия аз дастовардҳои соҳаи педагогикаи хориҷи кишвар фаровон истифода бурда шудааст. Ба ғайр аз ин, асарҳои илмии педагогии рус, англис мавриди баҳрабардорӣ  қарор гирифт, зеро олимони дигар низ дар мавзуи тарбияи хештаншиносӣ  ва рушди  ҳувияти миллӣ  дастовардҳои назаррасе доранд. Пас аз соли 1991 сарчашмаҳои асосии таҳсилоти таърих дар мактаб китобҳои дарсии таърих мебошанд, ки аз  ҷониби Ю. Яъқубов, С. Хоҷаев, А. Мухторов, Р. Набиева, Ф. Зикриёев, Н. Ҳотамов, Н.  Ҳакимов, Т. Зиёев, Р. Шарифов, Х. Нуриддинов, К. Искандаров, К. Расулиён ва Р. Абдуллоев таҳия гардидаанд. Бояд зикр кард, ки аз асарҳои пажӯҳишгарону олимони соҳаи илмҳои ҳамҷавор ба монанди  ҷомеашиносӣ, фалсафа, сиёсатшиносӣ, адабиётшиносӣ  ва забоншиносӣ  низ барои  ҳаллу фасли мавзуъ истифода бурда шуд. Қайд намудан лозим аст, ки инчунин, аз донишнома, тазкира ва сомонаҳои педагогӣ ва таърихшиносии манбаъҳои интернетӣ  низ  ҷи ҳати  ҳаллу фасли мавзуъ корбурд гардид.

Дар тӯли таърихи чанд  ҳазорсолаи хеш, миллати тоҷик борҳо ба хатари парокандагӣ ва нобудӣ  рӯ ба рӯ шуда, давлатҳои барпо кардаашон ба завол рафтаанд. Бо вуҷуди ин,  ҳар дафъа онҳо тавонистанд, ки худро аз нобудшавӣ  раҳо кунанд ва роҳи эҳё ва тақвияти истиқлолияти миллии худро пай гирад.  Ҳамон гуна, ки имрӯз  Ҷумҳурии Тоҷикистон дар  ҷодаи рушди

сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст овардааст, ва дар ҷаҳони муосир мавқеи худро ба даст овардааст. Амният ва оромии кишвар, ки маҳз натиҷаи сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошанд, ба мо имконият дод, ки кишвари мардона ва зебои худро ба осудагӣ ва тараққиёт оварда расонем.

Барои инсоният муҳим аст, ки танҳо ба таҷрибаи худ эътимод дошта бошад, чунки ба чизи дигаре такя карда намешавад. Вале мутаассифона, одамон аз ин таҷриба сабақ гирифта наметавонанд ва бисёр вақт бани одамро ҳолати тотамаддунӣ, ки муаррихон онро «ҷоҳилият» номидаанд, пеш рафтан намемонад.

Халқи мо таърихи қадимаи давлатдорӣ ва фарҳанги ҷаҳоншумул дошт. Ба ақидаи олимони мо, аз ҷумла академик Бобоҷон Ғафуров, халқи тоҷик дар замони Сомониён, ки онро давлати миллии тоҷикон номидан мумкин аст, ташаккул ёфтааст.

Дар замони ба сари қудрати сиёсӣ омадани аҷдоди тоҷикон ва эрониён, ки дар саргаҳи он мубориза Абӯмуслим қарор дошт ва баъдан хонадони ҳукумати ғайрима ҳаллӣ аз қабили Бармакиён, Навбахтиён ва давлатҳои мустақили тоҷикон аз қабили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Бувайҳиён, Ғуриён ва амсоли эшон дар ҳудуди собиқ давлати Сосониён ба вуҷуд омада, анъанаҳои қаблии давлатдорӣ ва дигар расму русуми мардумии худро дар либоси ислом эҳё карда, хеле инкишоф доданд. Аз байни мардуми тоҷик шахсони шуҷоъ то ба маснади сарлашкарии Хилофат расида буданд, ки мақсадашон истиқлолияти Хуросону Мовароуннахр будааст. Ҳайдари Афшин яке аз стратегҳои низомии он вақт будааст. Ин тоҷик аз Истаравшан ба сарлашкарии Хилофат расид, дар ҷангҳо пирӯзиҳои бузург ба даст оварда, вале бар асари хиёнати дарбориёни араб қурбон шуда буд.

Дар замони ҳукмронии сулолаҳои Ғазнавиёну Салҷуқиён ва баъдан Хоразмшоҳиён халқи тоҷик тавонист сохти давлатдории худро дар дарборҳои онон ҷорӣ кунад ва худ низ дар идора кардани ин давлатҳо саҳми муҳим дошт. Дақиқтар гӯем, ин қабилаҳо маҷбур буданд, ки дар умури

идораи давлат ба сарвати зеҳнӣ ва таҷрибаи ғании истеҳсолии тоҷикон рӯ овараданд. Баъдан, ҳатто бо вуҷуди он ки муғулон ин қадар мардуми тоҷикро қир карданд, шаҳрҳо ва деҳот боғҳову киштазорашро сӯзонанд, нобуд карданд, миллати мо тавонист ҷисман ва рӯҳан худро эҳё кунад, асолати забонӣ динӣ ва фарҳании худро ҳифз намояд. Агар заминаи қавии худшиносии қавмӣ ва захираи бузурги нерӯи фарҳангӣ намебуд, хатари комилан аз байн рафтани халқи тоҷик мавҷуд буд.

Чанде баъд аз қатли ом намудан аз ҷониби Темур ва аз кала манораҳо сохтани ӯ, махсусан дар Эрон, инкишофи босуръати илму фарҳанг дар Хуросон ва Мовароннаҳр боз ҳам асосан ба нерӯи хирад ва ҳунари тоҷикону эрониён амалӣ гардид. Бинобар ин қатъи назар аз бебунёдии ақидаҳои бадбинон инкоргарони тоҷикон ва таърихи онон вазифаи ниҳоят муҳими ҷомеаи мост, ки насли имрӯзуояндаи худро дар рӯҳияи худшиносии солими миллӣ ва ифтихори давлатдорӣ тарбия кунем. Аз ин ҷиҳат кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин самт бояд ҳамаҷониба дастгирӣ кунем ва тақвият бахшем. Асарҳои ӯро, ки сар то сар маҷмуи ифтихори миллӣ ва даъват ба дӯстии миллатҳо ва гуфтугӯи фарҳанг ҳост, мутоила намоем.

Дар давраи шуравӣ соҳиби давлати ҳамноми миллии худ шудани тоҷикон, қатъи назар аз маҳрумиятҳои ҳудудӣ ва маънавӣ як марҳалаи хеле муҳим дар таърихи сарнавишти миллати мо буд. Шуури воқеии худшиносии миллӣ ва ҳисси давлатдорӣ дар марҳалаи пас аз ноустувории давлатдории миллӣ ба вуҷуд омад. Дар замони ҳузури халқи тоҷик дар Иттиҳоди Шуравӣ, ки истиқлолияти комил надошт, дар асоси ниёзҳо ва зарурати муносибат бо қудратҳои империявӣ, шаклгирии эҳсоси худшиносии миллӣ ва рушди илмӣ оғоз шуд. Дар ҳамин давра, эҳсоси муттаҳидии миллат дар заминаи ҳудудҳои ягона ва ваҳдати забонию психологӣ қувват гирифт. Дар ин вақт, ҳисси миллӣ ва ифтихори миллӣ бештар дар контексти муқовимат ба таҳдидҳои берунӣ, аз ҷумла пантуркизм ва маъруфсозии идеологияи интернасионализми сиёсӣ, шакл ёфт.

Вале дар айни замон, дар зеҳни иддае аз мансабхоҳон ғаризаҳои маҳалгарой ва сепаратизми маҳаллӣ ноаён ба зуҳур омаданд, ки дар оғози давраи истиқлолияти давлатӣ бо дахолати қуввахои хориҷ аз кишвар ба омили хатарзо табдил ёфтанд. Тангназариҳои маҳалпарастӣ то дараҷае фикри баъзе намояндагони зиёиёни миллиро низ тира карда буданд, ки ҳатто як шоири мо дар мавъизаи зидди ҳукуматии худ дар аввалҳои соли навадум ишора карда буд, ки дар он тарафи кӯҳ тоҷики ҳақиқӣ вуҷуд надорад. Як сабаби чунин тирафикрӣ шояд ин буд, ки як қисми зиёиёни ҳангомапарасти солҳои ҳаштодум ва навадуми асри гузашта аз тарзи зиндагӣ, одоб ва хусусиятҳои аҳолии минтақаҳои ҷумҳуриамон иттилои чандон кофӣ надоштанд, амалан дар доираи тафаккури маҳалли худ монда ва эҳсоси ягона будан бо мардуми минтақаҳои ватани худ фарогири андешаи онон нашуда буд. Дар замони истиқлолияти давлатӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионии дохилӣ баровардани кишвар ва вусъати алоқаҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар байни аҳолии шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои аз байн рафтани чунин андешаҳои тангназарона ва маҳалгароёна ва таҳкими ваҳдати миллӣ заминаи муҳим гардид. «Мақсади асосии тамоми ислоҳот дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсат, маориф инсон аст. Аз ин рӯ, масъалаи таълиму тарбия, тарбияи насли нав, ки қодир ба татбиқи ғояҳои эҳёи миллӣ аст, бояд масъалаи давлат, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи он боқӣ монад» [42,с.11]. Дар партави сиёсати мустақилонаи давлати миллӣ мазмуни нав гирифтани худшиносии миллӣ дастоварди бузурги фарҳанги иҷтимоӣ ва сиёсии давраи навин аст. Дар фазои рушд ва таҷлили истиқлолияти миллӣ, халқи тоҷик тавонист на танҳо ба як шохаи этникии худ, балки ба як қаламрави равонии ягона табдил ёбад, ки дар он якҷоя шудани дигар гурӯҳҳои этникии кишвар ба татбиқи мафкураи шаҳрвандии умумӣ ва муштарак боиси таҳкими арзишҳои ваҳдати миллӣ гардид. Воҳид шудани шиносоии "халқи тоҷик" ва "тоҷикистонӣ " бо як шеваи ягона, маъзӣ ва амалӣ ба аникшавии маромҳои миллӣ ва қонунҳои якҷоягӣ, ки барои ҳар як шаҳрванди кишвар манфиат ва арзиш доранд,

таъсир расонид. Моҳияти чунин падидаро хуб ошкор карда, донишманди давраи қадим Ҳегел ба он диққати махсус додаст. Ба ақидаи ӯ, одамони ибтидоӣ низ монанди ҳайвонҳо талаботу хоҳишҳои табиие доранд, ки ба хориҷ нигаронида шудааст, яъне хӯрдан, нӯшидан, сарпаноҳ доштан ва аз ҳама муҳимтар – худро ҳифз кардан. Вале инсон аз ҳайвон бунёдан бо он фарқ мекунад, ки аз тарафи дигарон мавриди эътироф қарор бигирад. Масалан, ӯ мехоҳад, ки дигарон ӯро ҳамчун инсони шарофатманд эътироф намоянд. Ӯ ҳозир аст бо тамоми вуҷудаш барои шарофатмандӣ мубориза барад, то ки соҳиби обрӯ гардад. Бояд ҳамеша дар назар дошт, ки ҳеҷ миллате дар танҳоии комил зиндагӣ карда наметавонад, робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва ҳатто оилавӣ миллатҳои ҳамсояро бо ҳам дар таъсири мутақобила қарор медиҳанд. Ин робита фарҳанги ҳамдигарро ғанӣ мекунад. Халқе, ки мутамаддин ва тарбиятдидаву фарҳангӣ аст, ин аслро ҳеҷ гоҳ инкор намекунад, ҳатто барои пеш бурдани маданияти халқҳои дигар хидмат мекунад.

Инро дар мисоли бисёр зииёнии тоҷики асрҳои XIX-XX мушоҳида мекунем, ки ба ғайр аз забони модариашон тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ ) ба забонҳои арабӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, пашту низ асарҳо офаридаанд ва намунаи барҷастаи заковат ва дӯстию ҳусни инсоният будаанд. Бинобар ин, тарбияи ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва ифтихор аз истиқлолияти давлатӣ дар ҷомеа, алалхусус таблиғи ин маром дар байни ҷавонон вазифаи ниҳоят зарур дар марҳалаи кунунии рушди давлатдории миллатҳои дигарро бад дидан нишонаи ҷаҳолат ва бесаводӣ аст. Чунин шахси шовинист ҳеҷ гоҳ дӯсти воқеии миллат ва ватани худ низ буда наметавонад. Зеро ба гуфтаи академик Димитрий Лихачёв миллатхоҳӣ дар сатҳи олӣ ва огоҳонӣ худ ҳамеша эҳсоси сулҳхоҳонаи фаъол аст ва ба миллатҳои дигар бетафовут нест. Дар байни ватандӯстӣ ва миллатчигӣ фарқи амиқ вуҷуд дорад. Ҳақ ба ҷониби ин донишманди рус аст, ки гуфта буд ба беморecho миллатчигӣ бештар халқҳои заиф гирифтор мешаванд ва ба воситаи ҳис ва идеологияи миллатгароӣ мекӯшанд, мавҷудияти худашонро ҳифз кунанд. Зеро

бузургони илму адаб ҳамеша таъкид карданд, ки миллатчиён дар байни фарҳанги худ ва фарҳанги дигарон девор эҷод карда, дар амал фарҳанги худро маҳв месозанд.

Аз таърихи тамаддуни башарӣ ҳувайдо мегардад, ки миллати бузург ва тамаддунсоз ҳеҷ гоҳ даъвои мероси маънавӣ ва моддии миллатҳои дигарро надорад, баръакс, он чиро аз фарҳангҳои халқҳои дигар гирифтааст, эътироф мекунад. Олимони бузурги рус бо изҳори сипос ба халқҳои Осии Миёна, аз ҷумла ба халқи тоҷик эътироф кардаанд, ки шарқшиносони рус забонҳо ва таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва Кавказро омӯхта, дар натиҷаи таҳқиқи фарҳанги Шарқ ба пешрафти илми филологияи рус ва шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардани он ноил шудаанд. Воқеан ҳам хизматҳое, ки олимони рус ва Шуравӣ дар таҳқиқи таърих, адабиёт, забон, фарҳанг ва ба вуҷуд овардани мактабҳои илмии муосир кардаанд, қобили ситоиш аст. Номҳои академик А. Бартолд, Е. Бертелс, А. Андреев, А. Семёнов, Е. Павловский ва дигаронро ҳеҷ гоҳ фаромӯш кардан мумкин нест. Баъзе аз онҳо дар шароити душвор ҳуқуқи маънавии халқи тоҷикро ҳимоя карда буданд. Масалан, ҳангоми таҷлили 100 солагии Е. Бертельс соли 1990 дар Маскав, писараш Андрей дар суханрониаш қайд карда буд, ки падарашро барои таълифи китоби «Таърихи адабиёти форс-тоҷик», нисбат додани ин адабиёт ба тоҷикон аз Ленинград бадарға карданӣ будаанд. Вале дар айни замон инро ҳам бояд донист, ки аз тарафи генералҳо ва аскарони Россия ҳангоми забти Осиёи Миёна ва солҳои аввали Инқилоби Кабири Октябр куштор ва таъқибҳои мардуми бегуноҳ ва донишмандони тоҷик сурат гирифта буд. Инро ҳам набояд фаромӯш кард. Ҳақиқатан, истиқлолияти давлатии як миллат ва худшиносии миллӣ, вақте ки манфиатҳои умумимиллӣ ва масъулияти таърихии ҳар як узви ҷомеа ба таври амиқ дарк ва қабул намешавад, барои рушди устувор ва пойдории давлат ғайриимкон мегардад. Бо ин ҳол, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ки аз шиносоии амиқи таърихи миллат ва арзишҳои он бармеояд, як аломати муҳим барои ташаккул ва тақвияти ваҳдати миллӣ мебошад, ки дар навбати худ ба пойдории истиқлолияти давлатӣ ва рушд ва дарки масъулият дар

назди ояндаи кишвар мусоидат мекунад. Маҳз ба ҳамин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин сол аст, ки диққати ҷомеа, махсусан зиёиёни кишварро ба проблемаи боло бурдани сатҳи худогоҳии миллӣ ва ҳисси ватанпарасӣ ҷалб кардааст. Чунонки дар боло қайд намудем, ин ҳадафро Президенти кишвар дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор додаст. Ин кор комилан дуруст ва ҷавобгӯйи талаби замон ва таърихи навини халқу давлат мебошад.

Дар партави ин сиёсати давлатӣ таваҷҷуҳ ба низоми таълим дар мактаб ҳои миёнаву олӣ, муассисаҳои илмиву фарҳангӣ, сохтмони биноҳо ва иншооти гуногуни ба он вобаста зиёд гардида, мулоқотҳои зуд - зуди Президенти мамлакат бо зиёиён ва маърузаҳою суҳбатҳои ӯ гувоҳи дар алоқамандии бевосита арзёбӣ шудани истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Истиқлолият танҳо дар ҳолати воқеӣ ва амалии худ маъно ва арзиши амиқро эҳсос мекунад, вақте ки ҷомеа, ба вижа ҷавонон, онро на танҳо як рамзи сиёсӣ, балки як дастоварди бузурги таърихии миллати худ мешуморад. Он гоҳ истиқлолият барои ҳар як фард асоси бунёдии хушбахтӣ ва рӯшноии ояндаи наслҳои баъдӣ мегардад. Ба ин тартиб, ҳифзи истиқлолият ва муҳофизат кардани арзишҳои миллӣ вазифаи муҳим ва муқаддаси ҳар як узви ҷомеа, бахусус ҷавонон, мешавад. «Санъати тарбия истифодаи чунин механизми муҳими психологию педагогиро дар бар мегирад, ба монанди эҷоди омезиши дурусти «далелҳои даркшуда», «воқеан амалкунанда» ва дар айни замон, маҳорати баландтар доштан ба натиҷаи бомуваффақияти фаъолият, инчунин дар сари вақт гузаштан ба типи баландтари амалҳои воқеие, ки ҳаёти шахсро идора мекунанд» [29,с.296]. Барои рушди устувори ҷомеа ва пойдории арзишҳои истиқлолият, ташаккул ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури интиқодӣ дар байни мардум як шарти асосии рушд мебошад. Агар ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷомеа заиф гардад, ин метавонад боиси роҳ ёфтани омилҳои ғайри илмӣ ва ақидаҳои хурофӣ гардад, ки тавони доранд ба шуури ҷомеа таъсир гузоранд. Дар чунин шароит, хурофот ва таассуби динӣ метавонанд ҳамчун унсурҳои зидди илмӣ шуюъ кунанд, ки барои таълими дуруст ва рушди маърифати

умумӣ  хатарнок мебошанд.

Ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон солиён пеши худ масъулияти рушди ҷомеа ва таҳкими истиқлолиятро дарк намуда, сиёсати иҷтимоии давлатро ба роҳ монд. Бо вуҷуди он ки мушкилоти зиёде барои  ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ  вуҷуд доранд, давлати мо дар ин самт бо тадбир ҳои амиқ ва мувофиқ ба муваффақиятҳои муҳим расидааст, ки ин пешравиҳо бояд таваҷҷуҳи  ҷиддӣ  дошта бошанд. Пешрафти устувор ва боэътимод дар ҷомеа, инчунин таҳкими арзишҳои истиқлолият, ба таври амиқ дарки ватандӯстӣ  ва худшиносии миллӣ, ки му ҳимтарин унсури сарҷамъии  ҷомеа мебошад, тақозо мекунад. Ин маъзӣ, барои таъмини рушди ҷомеа ва истиқлолият, дар баробари тарбияи  ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон, касбият, масъулиятшиносӣ  ва поквиҷдон будани кормандони масъули давлатӣ вобаста аст.

Дар  ҳамин масъала робитаи диалектикаи  ҷомеа-давлат бештар ва равшантар зоҳир шуда, барои ташаккули дурусти худшиносӣ  ва дарки манфиатҳои миллӣ  имконияти бештар ва вуҷуд хоҳад омад. Чунки баъзе донишмандону сиёсатшиносони бонуфузи ғарбӣ, масалан, Хабермас, ба хулоса омадаанд, ки  ҷомеи  ҷаҳони имрӯз дорои бозори глобалӣ  буда, ҷомеаи  ҷаҳонии шаҳрвандӣ  дар  ҳолати оғози ташаккул мебошад. Вале созмони сиёсии глобалӣ  имрӯза ва мутаассири фавқулдавлатӣ   ҳанӯз ба вуҷуд наомадааст. Созмони Милали Муттаҳид форуми давлатҳо буда, вазифаи сиёсии ҷиддиро анҷом дода наметавонад. Бинобар ин, тарафдорони сиёсати глобалии муосир ба ин ақида  ҳастанд, ки як созмони сиёсии бузурги идоракунандаи давлат зарур аст. Намояндаи шинохтаи элитаи ИМА Г. Киссенҷер ақида дорад, ки сохтори иқтисоди глобалӣ  бо сохтори пурқудрати устувори сиёсии микёси  ҷаҳонӣ  такмил дода шавад.

Дар давоми ду даҳсолаи охир вобаста ба масъалаи арзишҳои миллӣ  ва тарбияи худшиносии хонандагон асарҳои илмии зиёде рӯйи кор оамадаанд. Аз намояндагони дигар халқу миллатҳо олимони зерин ба ин масъала даст задаанд: олимони рус - Т. Иларионова «Воздействие национально-

политических отношений на формирование духовных ценностей: опыт исторического анализа печати российских немцев)», О. Зубов «Формирование национально-культурных ценностных ориентаций современной студенческой молодежи: Социально-философский Анализ», А. Койчуева «Формирование ценностных ориентаций старшеклассников в национальной школе», Е. Махова «Формирование у студентов ценностного отношения к национальной культуре другого народа», Р. Хаертдинова «Формирование у дошкольников ценностного отношения к национальной культуре в многоэтническом пространстве», Л. Гатиева «Формирование ценностных ориентаций молодежи национальной республики в современных социально-педагогических условиях», Э. Шурдумова «Формирование нравственной позиции студентов вуза на основе императивов национальных ценностей», И. Кожанов «Формирование национального самосознания у старшеклассников в процессе изучения истории», Н. Боаги «Формирование национальных культурно-духовных ценностей старшеклассников в современной школе Республики Алтай», Л. Прокошенкова «Формирование этнического самосознания учащихся в региональной национальной школе как комплексная социально-педагогическая проблема», Э. Игорева «Педагогические условия формирования системы российских национальных ценностей у учащихся подросткового возраста», И. Халиков «Формирование этнокультурной и гражданской идентичности современной учащейся молодежи на основе духовно-нравственных ценностей татарской народной педагогики», Г. Очиров «Формирование национального самосознания младших школьников», Ф. Гяургиева «Формирование социально-этических норм поведения учащихся национальных школ на традициях народного этикета кабардинцев и балкарцев», А. Басова «Этнокультурное образование как фактор формирования основ национального менталитета у школьников», О. Тараненко «Формирование национального самосознания подростков в процессе освоения этнопедагогической культуры русского народа», А. Аджиева «Формирование духовно-нравственных качеств личности

шиддат ва талоши беихтиётоҳ барои эҳё ва рушди арзишҳои миллӣ, забон, ва фарҳанги тоҷикӣ ҷон ба каф гузоштанд. Дар баробари муҳити сарду душвори сиёсӣ ва иҷтимоии замона, онҳо на танҳо барои давлату миллати худ, балки барои таъмини ҳуқуқи инсон ва истиқлолияти фарҳангии тоҷикон мубориза бурданд.

Шахсиятҳое, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз он, инчунин дар аҳдҳои вазнини таърихии Тоҷикистон, на танҳо бо ташкили як идораи муназзам ва устувор, балки бо таҳкими маърифати миллӣ ва ҳамгироии мардум кумак карданд, барои наслҳои оянда як намунаи беназир мебошанд.

Аҳмад Махдуми Дониш воқеан як шахсияти бар ҷастаи таърихии тоҷикон мебошад, ки дар асри XIX ба унвони донишманди амиқ ва хидматгор ба миллат шухрат ёфтааст. Вай на танҳо дар соҳаи илм, балки дар сиёсати давлати Бухоро, ҳамчунин дар фарҳанг ва адабиёт як шахсияти амиқ ва дарки баланди маънавӣ буд. Аз он ҷумла, ӯ ситорашинос, муаррих, адиб, публитсист ва дипломат буд, ки бо таваҷҷуҳ ба ҳаёти иҷтимоии миллат ва мардумон кӯшиш мекард, то ҳуқуқи инсон ва эътибори халқро барқарор намояд. Вай инқилоб ё табаддулоти давлатӣ кардан намехост, ӯ тарафдори инқилоби фикрӣ буд, мардум ва сиёсатро аз ҷаҳолати муллоҳои нодон раҳо бахшидан, илми зиндагӣ таърих, тиҷорат, ҷуғрофия, илму ҳунари муосирро дар Бухоро дидан мехост. Дар пайравии шахсият ва мактаби вай шахсиятҳое чун Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзомуҳиддин Мансуров, Саидризо Ализода, Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукруллоев ба камол расиданд, ки ҳар кадоми онҳо дар шаклгирии афкори миллӣ, махсусияти миллӣ ва давлати миллии мо ҳисса гузоштаанд. Халқи тоҷик дар он замон мисли ҳар кадом миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ ба номи худ давлате надошт, балки дар давлатҳое чун Туркистон (дар ҳайати Россия) ва Бухоро (побанди Россия) вуҷуд доштанд. Ин мардони асил дар матбуот китобу рисолаҳои илмӣ ва сиёсии худ, дар мактабҳои тарзи ҷадидия, ки бо сармояи хеш ташаккул медоданд, зарра-зарра андешаи худшиносии тоҷиконаро ҳам парвариш мекарданд. Рӯзнома ва маҷаллаҳои

Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Мирзомуҳиддин Мансуров - «Бухорои шариф», Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ - «Овози Самарқанд» ва «Оина», Саидризо Ализода – «Шуълаи инқилоб», ҳамин мақсадро доштанд. Аз шиносоӣ ва суҳбату асарҳои чунин бедорфикрон, олимон ва сиёсатмадорони Россия, ки давлаташон ҳукмронӣ мекард, истифода бурда, дар хусуси халқи тоҷик, тамаддуни қадимӣ анъанаи устувори таърихи доштани он асарҳо менавиштагӣ шудаанд. Онҳо муътақид гардиданд, ки халқи азалии таҳҷояи Осиёи Марказӣ тоҷиконанд ва давлатдорони кишвари худро бовар кунондан хостанд, ки аксарияти кулли мардуми ин сарзамин ба қабилаҳои турку тотор не, балки ба мардуми эронинажод тааллуқ доранд ва на Туркистон ва на мафумҳои дигар асли этникии мардуми Осиёи Миёнаро ифода карда наметавонад. Яке аз намояндагони бузурги насл устод Садриддин Айнист, ки баробари фароҳам омадани аввалин имконият байрақбардори халқу миллати тоҷик гардид. Ӯ дар солҳои 1920-1925 дар рӯзномаҳои «Шуълаи инқилоб», «Овози то ҷик» ва дигар воситаҳо беш аз 100 мақолае нашр кард, ки мавзуъ ва мақсадашон бедор кардани худшиносии миллӣ ва садоқат ба ватану давлати худ аст. Дар ҳамин давра се асари муҳими сиёсиаш «Ҷаллодони Бухоро», «Таърихи амирони манғития» ва «Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро», чоп шудаанд, ки дар ҳамаи онҳо нависандаи бузурги мо бадбахтиву таҳқиру хории давлатдории ғайримиллӣ ба сари халқи тоҷик овардаро, олимона ва устодона тасвир кардааст. Азбаски устод Айнӣ ин таърихи воқеиро дар гармияш дар замони ҳанӯз зинда будани гунаҳкорон ва шоҳидон гуфтан мехост, ба сабаби «гум» шудани дастхатҳои тоҷикиаш вай маҷбур шуд бадеҳатан бо забони расмии замон-туркӣ онҳоро аз нав навишта ба чоп супорад.

Устод Айни аз бузургии забон ва адабиёти тоҷик ифтихор мекард ва мегуфт, ки ин забони оммаи мардуми Бухорост, бинобар ҳамин ҳам менависад, ки «Рӯзномаи «Қутулиш» маҳз бо шеърҳои инқилобии тоҷикиаш дар Бухоро тухми инқилобро кошт. Маҳз ташаббуси устод Айнӣ буд, ки аввалин нашрияи Шӯравии Ҳукумати То ҷикистон «Овози тоҷики камбағал»

чоп шуд ва ин унвони асари ӯ буд, ки баъдтар бо номи «Одина» машҳур гардид. Дар ҳамин солҳо устод С. Айнӣ ба навиштани асари безаволаш «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда, онро соли 1926 ба табъ расонд. Ин асар халқи хос ва мустақил будани тоҷикон, фарзандони Бухоро (дар ин ҷо ба маънои Осиёи Миёна ва Хуросон) будани ин халқ ва соҳиби таърихи бойи адабиву илмиву фарҳангӣ будани онро зикр мекунад. Ин асар шиносномаи халқи тоҷик гардид, ки аввалин давлати миллиашро, бо номи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ба миён оварда буд. Дар нимаи дуюми солҳои бистум зиёиёни миллии тоҷик А.Муҳиддинов, Ч.Имомов, Ш.Шотемур, Н.Махсум, А.Ҳоҷибоев бо ҳамкории устод Айнӣ барои такмили давлати миллии тоҷикон, барои хат ва номи забони миллӣ ва бедории миллӣ мубориза бурда, муваффақ гардидаанд, ки Ҷумҳурии мустақили Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҷумҳурии миллии мо ба майдони ҳастӣ биёяд. Андаке дертар устод Айнӣ дар мақолаи «Маънои калимаи тоҷик» таърихи халқ ва забони тоҷикиро равшан кард.

Ин мақола барои миллати тоҷик баробари китоб аст. Кӣ будани тоҷик, ё худ ватандӯсту қаҳрамон будани халқро нақл мекунад, ки арабҳо барои қасос гирфтан аз Абӯмуслим ва тарс додани пайравонаш зану писарамаки нобинои Сарв ном сарҳанги Абӯмуслимро асир мегиранд. Вале ин ду аз ҷиҳати фикр ба онҳо таслим намешавад. Занро бо шамшер ду пора мекунанд. Ва сари нобиноро мебурранд. «Ана ҳаминҳо ҳам тоҷик буданд» - бо ифтихор менависад С. Айнӣ. Исёнҳои Восеъ ва Усмон то кушта шуданашон давом карданд, яке тоҷики ҷувозкаш, дигаре тоҷики коргар буд - таъкид мекунад устод калтакдорони сурх, ки босмачиёнро торумор карданд, тоҷик буданд. Устод Аҳмад Махдуми Дониш дар таърифи таърихии халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон, ки имрӯз ба номи тоҷикон шуҳрат ёфтаанд, ба таърихи амиқ ва гузаштагони фарҳангии онҳо ишора мекунад. Вай таъкид мекунад, ки тоҷикиён дар замонҳои қадим, алалхусус дар давраи Сомониён, ба ҳайси миллате бо тамаддуни олӣ ва фар ҳанги пурғановат шуҳрат доштанд.

Устод, бо ишора ба решаҳои амиқи фарҳангии тоҷикон, муҳтавои

таърихи гузашта онҳоро бо тамоми ҷиддият ва эҳтиром нишон медиҳад. Ӯ бо ифтихор мефармояд, ки халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон, ки пас аз исломият «тоҷик» ва забони онҳоро «форсӣ» ё «то ҷикӣ» номиданд, дар асл аз суғдиён, бохтариён ва тахориён буданд, ки аз чандин аср пеш аз ислом дар ин минтақаҳо дар шаҳрҳо ва деҳаҳо зиндагӣ мекарданд, зироат ва касбҳои дастиро барои таъмин кардани зиндагии худ меомӯхтанд.

Барои ҳамин қаҳрамониҳо дар замони давлати миллии Тоҷикистон Президент Эмомалӣ Раҳмон ба гурӯҳе аз зиёиёни номдори тоҷик С. Айнӣ, Н. Махсум, Ш .Шотемур унвони қаҳрамони Тоҷикистон дод. Ба ин унвон академик, собиқ роҳбари Тоҷикистон, зиёии номбардори тоҷик Бобоҷон Ғафуров низ сарфароз гардидааст. Дар идомаи кори устод Айнӣ вай китобе ба номи «Тоҷикон» навишт, ки таърихи воқеии миллати моро дар заминаи садҳо маъхази илмии ҷаҳонӣ нишон медиҳад ва бовар мекунонад. Вай ба сарзамини мо - Тоҷикистон устод С.Айнӣ, донишмандони шашмақом, олимон С. Умаров, З. Раҷабов, А. Семенов ва гурӯҳи дигари олимони русро кӯчонида оварда, имкони кору фароғаташонро фароҳам сохт, роҳбарияти давлати Шуравӣ ба ин васила аҳли илмро ба мавқеи тоҷикон дар Осиёи Миёна ва таъриху фарҳанги он муътақид сохт. Дар фаҳмиши мардум ва ҳатто илм, зиёӣ натанҳо ақида балки хислату мафҳуми иҷтимоӣ низ дорад. Яъне мардуме, ки ба меҳнати ҷисмонӣ не, ба меҳнати ақлонӣ машғул аст. Дар замони Шуравӣ ду синф-коргар ва деҳқон ва як қишри иҷтимоӣ -зиёӣ асоси ҷомеаи Шӯравӣ шинохта мешуд. Ин қишри иҷтимоӣ адибон, олимон, рӯзноманигорон, кормандони ҳизбу давлат, аҳли ҳунар, духтурҳо, муҳандисон, хулоса бо ифодаи устод С. Айнӣ, аҳли қалам буданд. Муҳандисонро чун бунёдкор ҳама мешинохт, бинобар ин нақши зиёиёни дигар - нависандагонро бо онҳо қиёс мекарданд. Олимон, омӯзгорон ва нависандагон муҳандисони рӯҳи одамизоданд «Яъне муҳандис технология ва иншоот месозад, олим, омӯзгор нависанда бояд одами навро ба миён оваранд. Агар эътироф кунем, ки замони Шуравӣ дар Тоҷикистон одамон бо мафкураи нав ба камол расиданд, муносибати байни ҳамии инсонҳо,

муносибат ба кору зиндагӣ, тарзи ҳаёти оиладорӣ ва муносибат ба фарзанд, талоши илм, ҳунар, касб ва амсоли ин ба куллӣ ба маънои мусбати ин калима дигаргун шуд, пас дар ин бобат дар баробари сиёсати Ҳукумат равшанфикрон нақши ниҳоят муҳиме бозиданд. Образҳое, ки дар адабиёту санъати нави мо пайдо шуданд, дар ташаккули маънавиёти насли нав нақши муҳимтарин доштанд. Матбуот бошад, бо тавсифи меҳнати ҳалол одамонро ба мафкураи меҳнати ҷамъиятӣ, ба шарофатмандии ҳар гуна кору амали нек раҳнамоӣ мекард. Ин буд, ки худи эҷодкорон ҳам ба асару образҳои офаридаашон ангуштнамо шуда буданд. Ҳукумат ҳам танҳо дар заминаи ҳамин меҳнат ва ҳамкорӣ аз эҷодкорон пуштибонӣ мекард. Барои шинохтани он ҳақиқате, ки дар гузаштаи дур зиёиёни мо - адибон, олимон, донишмандони илму дин дар масъалаи худшиносии мо чи хидмате кардаанд, мафҳуми миллат ва халқро барои он давра - асри миёна ба маънои ватанпарастӣ истифода кардан, дар онҳо ро ҷеъ ба халқи тоҷик ва миллати тоҷик сухане суроғ кардан, дар бораи мафҳуми худшиносии миллӣ баҳс карда ва асарҳои пурқимати шоирону олимони тоҷикро ба табъ расонда ба халқ пешниҳод шуданд.

Мо халқи худро аз номи шаҳрҳо ва вилоятҳо ва шояд баъзан аз истифодаи калимаи «тоҷик» шиносем. Дар он навиштаҳо, ҳам дар назму ҳам дар наср, халқ ҳои ғолиб, яъне хонадони ҳокимони араб, қабоили турк зиётар ёд мешаванд ва номи тоҷик камтар ва ифодаҳои деҳқон, озодагон ва дигарҳое ҳам, ки ба андешаи муҳаққиқон ишора ба тоҷикон аст, камтар вомехӯранд. Аммо номи шаҳру мулкҳое, ки ишора ба тоҷикон доранд - Бухоро, Самарқанд, Балх, Нишопур, Бадахшон, Хатлон, Хуҷанд зиёдтаранд. Дар ишора ба ин калимаҳо, дар шакли пурраи мафҳуми ватанпарастӣ , мо рӯҳи миллӣ ва ватандӯстии иддае аз адибонамонро пай мебарем. Яке аз чунин навиштаҳо «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и устод Рӯдакӣ аст. Дар ин шеър рӯҳи болидаи шоир аз ёди мулки Бухоро, аз шукуфоиҳои он, ин ватан аст (Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме) возеҳ эҳсос мешавад. Воқеан, рӯҳи миллии тоҷиконаи шоир дар ин шеър ба давлати миллӣ низ пайванд аст. Аз ин рӯ,

адиби бузурги мо Сотим Улуғзода дар филмномае, ки барои Рӯдакӣ навиштаанд, ҳамин эҳсоси ватанпарастиро на танҳо дар ин ғазали Рӯдакӣ, балки дар муносибати шоҳони Сомонӣ нисбат ба адабиёту ватани худ низ нишон додааст. Шоҳ Наср бинни Аҳмади Сомонӣ аз Рӯдакӣ хоҳиш менамояд дар ҳузури адибони араб шеъре хонда исбот кунад, ки шеър ва шоири мулки Бухоро камтар аз араб нест.

Шояд дар таърихи ду ҳазорсолаи мо, то соли 1920, замони Сомониён ягон даврае буду бошад, ки зиёӣ ва давлатдор ҳарду миллӣ будаанд ва ҳарду як мақсад ободии ҳамин мулкро доштаанд. Дар тамоми давра ҳои дигар давлатдорон қабоили бегона будаанду со ҳибватанони зиёӣ дастнигари онҳо. Аз ин сабаб ҳам умумияти мақсад камтар ва ёди тоҷику ватанаш аз назар ниҳонтар ва руститар аст. Аз ҳамин сабаб Саъдии Шерозӣ бар ҳокими вақт гуфтааст, ки «турки ту бирехт хуни тоҷик».

«Барои дигарҳо Ватану ҳамватан ёди диёр, ёди замони хубиҳо, хумор аст. Мавлонои Балх «Маснавии маънавӣ »- ашро аз нолаи фироқи Ватан шуруъ мекунад:

Аз найистон то маро бибидаанд,

Аз нафирам марду зан нолидаанд.

Ҳар ҷо дар Маснавӣ аз Бухорову Самарқанд, Балху Бадахшон ёд мешавад, вобаста ба мавзуъ ду чиз падид меояд: ё эҳсоси болида аз Ватану одамону одоби вай, ё навмедӣ аз дуриву дастнорасиаш. Ҳамин рӯҳия-меҳру ёди ватан достони диниро ба меҳри Ватан ҳам табдил додааст.

Ҳамин навъ эҳсосро дар ашъори Камол низ мебинем. Ӯ хитоб мекунад, «Бовар намекунанд, ки гӯям хуҷандиям!». Вай ёди диёр мекунад ва садои пазмониаш ба ватан ба гӯш мерасад: «Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб!».

Зиёии беватан мисли мурғи беболу пар, афтодаву бегонаву зор аст. Сайидо мегӯяд:

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,

Нолаи чуғзе шунидам манзилам омад ёд».

Ҳамин ҳолат буд, дар иртиботи байни зиёии тоҷик ва давлати бегонагон дар асрҳои миёна. Ватан ба ҳоли худ, давлат ба ҳоли худ ва зиёӣ ба худ. Аммо, наметвон чунин пиндошт ва навишт, ки ҳамаи равшанфикрони мо ба ин ақидаву ин маром буданд. Расидани дини ислом ба кишвари мо ҳама чизро дигар карда буд. Халқи мо номи давлати худ - Суғдро, ки яке аз мулкҳои ободи Эронзамин буд, гум кард. динамон, ки аввалин дини якахудоӣ буд, таъқиб ва нобуд карда шуд, забонамон бо таъсири забони дини нав дигаргун гардид, зеро ба шакли аввалӣ нигоҳ доштани он имкон надошт фарҳангамон ба таъсири фарҳанги бегона афтод. Номи фарзандону хонаводаҳо тамоман бегона шуданд. Акнун Рустам, Суҳроб, Таҳмина, Гурдофарид барин номҳоро камтар мемонданд. Тартиб ва одоби давлатдории ҳазорсолаамон, ки бо Искандари Юнонӣ сарбасар шуда буд, боқӣ намонд. Ҳар қабилаи бегона, ки бо пуштибонии хилофати исломии араб ба сарзамини мо мерасиданд, ба мо бо виқор менигаристанд ва хор мекарданд. Асарҳои Убайди Зоконӣ ҷойи захми ҳамин таъқибҳоянд. Мехостанд ба миллати ислом як забон диҳанд - арабӣ, аммо забони халқи мо, ки аз он тавонотар буд, маҷруҳ шуд, лекин нашикаст.

Наслҳои зиёди халқи тоҷик дар ҳамин муҳит тарбия ёфтанд, дар ҳамин муҳит эҷод карданд, дар ҳамин муҳит, бе давлати худӣ зистанд. Дар ҳамин муҳит ақидаҳо дигар гардиданд. Аттору Саноиву Мавлонову Ҳофизҳо ва муаллифони садҳо рисолаҳои илмии динӣ ҳамон рӯҳро пазируфтанд ва асарҳо офариданд, беҳтару хубтар дар ситоиши оёти каломуллоҳу аҳодиси паёмбар сухан гуфтанд, навиштаҳои онҳо дар ҳар давра чун китоби аксарияти кулли аҳли ислом асарҳои мадрасавӣ шуданд. Дар онҳо худову банда буд, одоби мусулмонӣ ва зимнан одоби умумиинсонӣ шуданд. Ин навиштаҳо дар дасти ҳокимони замон василаи идора кардани ҷомеа маҳсуб мешуданд, аммо дар аксари ин навъ осор ватани хос, халқи хос намоён набуд, гӯё вуҷуд надошт.

Ин ҳолати табии забон натанҳо хоси адибони мо, балки равшанфикрони илмиву таърихнависони мо низ гардида буд. Кор ба ҳадде

расидааст ки бисёре аз бузургони моро аз халқи мо ҷудо мекарданд. Ҳатто дар тӯли садсолаҳо ҷаҳон Синоро чун олими араб ном мегирифтанд. Адабиёти асримиёнагӣ, эҷодкорони давр ҳамаи донишмандон он чизеро таблиғ мекарданд, ки замона мехост, талаби давр буд.

Аммо на ҳама бо ин шева аз тартиби наву давлати нав ҳамкорӣ мекарданд. Гарчанде, ки дар масъалаи аввал-дину диёнат гуфтор нарму ором буд, аммо ёди таъриху ватану халқ ба ин ё он шевае, албатта, рӯ мезад. Масалан, Низомии Ганҷавӣ дар «Достони Баҳром» («Ҳафт пайкар») менависад:

Он биёбонии арабпарвард,
Кори мулки Аҷам надонад кард.

Яъне адиб ба бегонапарастӣ дар давлатдорӣ муқобил аст, вай барои ватандорӣ фарзанди ватанро суроғ дорад. Ин идеяи басо муҳим ва принсипиалист, чунки дили бегона ба мулк намесӯзад.

Баландтарин суханро дар ин маврид Абулқосим Фирдавсӣ гуфтааст. Ба ақидаи ӯ, бояд мардуми Эрон давлат ба дасти бегонагон, аз ҷумла аҳли дин надиҳанд, зеро онҳо оини давлатдории анъанаи ҳазорсоладоштаро поймол мекунанд ва мардумро аз кору зиндагӣ мемонанд.

Чу бахти Араб бар Аҷам тира гашт,
Ҳама эрониён тира гашт.
Ҷаҳонро дигаргуна шуд расму роҳ,
Ту гӯйӣ, натобад дигар меҳру моҳ.

Бузургони адабиёти классикии мо, донишмандон аз ҷумла Носири Хусрав, ки дар фалсафаи илоҳӣ «Рӯшноинома», ва «Саодатнома» пайравони худро аз макри сохтакорони ислом огоҳ намудаанд. Фармудаҳои онҳоро, ки аз номи Худо аст ва аслан ба камоли илоҳӣ камтар иртибот дорад, чунин писханд мезананд:

Худоё, арзу тӯли оламатро,
Тавонӣ дар дили мӯре кашидан.
На вусъат бар даруни мӯр орӣ ,

На аз олам сари мӯе буридан.

Дар ин радиф аз адибони бузурги мо Хайём, Саъдӣ, Камол, Ҷомӣ дар мақоми зиёиёни боқӣ монанд, ки арзишҳои халқи худро суруданд.

Дар сарзамини азалии худ аз давлати миллӣ маҳрум мондани зиёиёни тоҷик дар тӯли садсолаҳо боиси костагии аҳволи умумии халқ мешуд. Зиёиёни сарзамини мо аз бедавлатӣ ба дигарҳо хизмат мекарданд, аз бегонагон пушту паноҳ меҷустанд. Шояд муҳити адабии хонигарии аср ҳои XVIII-XIX-и Хуқанд далели ин гуфтаҳо бошад. Бисёр равшанфикрони зодаи халқи мо шоиру муаррихи дузабона шуда буданд. Ба забони модарӣ нависанд ҳам, ситоиши бегонагонро мекарданд. Барои мисол, агар ба тарзи таҳрири «Таърихи ҳумоюнӣ», ки аввали асри XX дар Бухоро эҷод шудааст, таваҷуҳ кунем, инро баръало мебинем. Барои чунин гурӯҳи равшанфикрон, мутаасифона, хизмат барои бегонагон дар замони мо ҳам, ки давлати миллӣ дорем, касбу одат шудааст. Ҳанӯз дар сол ҳои бистум устод Айнӣ ин гуна зиёиёнро ба фарзандони нохалаф ташбеҳ дода, навиштааст, ки дар сари болини падари бемори худ нишаста, гӯё ранҷ мекашад ва аммо дар таги дил аз Парвардигор умеди онро мекунад, ки ҳар чи зудтар ҷони падарашро бигирад, то ӯ ба мероси падараш даст биёбад. Омӯзгори фанни таърих бояд ба хонанда фаҳмонад, ки зодагони Тоҷикистонро, ба ин Ватан бегона ҳисоб накунанд, дар ҳар куҷо ва бо ҳар ақидае, ки бошанд. Бинобар ин, хуб мешуд, ки сидқан дар эҳтироми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик қарор гиранд. Арзишҳои миллии ҳар қавму ҳар халқ ба худ хосанд, тоҷикон аз қадимулайём арзишҳои миллии худро дар эҳтироми падару модар, эҳтироми ҳар каси дигари калонсол, одоби ҳамида, эҳтироми адаб ва ҳунар, ривоҷи анъана ва суннатҳои миллӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, риоя ва эҳтироми маданияти бобоӣ дидаанд. Имрӯз ҳам агар ба қонуну фармону қарору ташаббусҳои расмии Ҳукумат нигоҳ кунем, ба ҷуз ҳамин масъалаҳо мақсади дигареро намебинем, яъне давлати миллӣ дар ҳимояи махсуси миллии халқ қарор дорад. Донишмандони миллӣ дар ин бобат амал доранд, зеро татбиқи арзишҳои миллӣ ба ду омил-оила ва мактаб иртиботи ботинӣ

дорад. Бояд хонаводаи имрӯзаи тоҷик ва муассисаи таълимии имрӯзаи тоҷик қобилияти парвариши чунин адешаҳоро дошта бошанд. Падару модар дар тарбияи ҳаррӯза хештаншиносӣ, ҳуввият ва арзишҳои миллиро дар фаҳмиши фарзанд ҷо кунанд, аммо онҳоро мактаб мепарварад, яъне омӯзгор дар дилу дидаи шогирд шиорро не, эътиқодро парвариданаш зарур аст. Барои ин муассисаи таълимиро фақат ҷойи савод омӯхтан не, макони тарбия низ меноманд. Агар хонанда аз худшиносии миллӣ барканор монад, дар тарбияти фаросати одамӣ холигӣ ба вуҷуд меояд. Ҳол он ки маҳз фаросат инсонро соҳиби мартабаву икром ё радди маърака мекунад. 30 марти соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати олимонро ба масъалаи ифтихори миллӣ ҷалб намуда буд, аз ҷумла тазаккур намуд, ки бидуни таваҷҷуҳи амиқ ба ҳамаи тарафҳо ва мавзуъҳои ин масъала, аз ҷумла забондонӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, дӯст доштани санъат, ҳамкорӣ ва ёрӣ ба инкишофи касбӣ ва халқӣ, таъмин кардани озодии сухан дар бораи тоҷик будан ва меросхӯри адабиёти оламшумул ва маданияти хос будан сухан рондан кам аст ва онро дар амал бояд нишон дод. Аз ин сабаб бузургони мо устодон С.Айнӣ ва А. Лоҳути, пайравони онҳо М.Миршакар, Р. Ҷалил, М.Турсунзода, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ, Б.Раҳимзода ва дигарон дар ин давлат нишонаеро аз рӯҳи миллӣ эҳсос намуда, аз имкониятҳои он истифода карда, барои шукуфоии ҳаёти маънавӣ талош варзиданд, меҳнат карданд, ба давлат кӯмак расониданд. Зиёиёни соҳаҳои дигари илм, низ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, тиб муҳандисӣ, фалсафа, таърих, филологӣ мубориза карданд. Зиёиёни соҳаҳои ҳунар санъату маданияти тоҷикро ба сатҳи баланд бардоштанд. Зимни ҳамаи ин ҳамкориҳо давлат ва зиёиёни миллӣ меистоданд ва он василаи пешрафти ҷомеа мегардид.

Дар ин давра мактаби илмии С.Айнӣ олимони тавоно - Б Ғафуров, М. Баҳоваддинов, С. Умаров, П. Бобоҷонов, З. Раҷабов, М.Осимӣ, мактаби адабии Лоҳутӣ – М. Турсунзода, М.Қаноат, Лоиқ, Б.Собир, Гулрухсор ва даҳҳо адибони дигар, мактаби санъати М.Қосимов ва З. Шаҳидӣ - А. Ҷӯраев,

С. Тӯйбоева, Н.Аминов, Б.Исҳоқова, М.Собирова, Т.Собиров, М. Воҳидов, Г. Завқибеков, Ҷ. Муродов, О. Ҳошимов, З. Нозимов, Н. Раҳматова ва бисёр дигаронро ба миён овард. Зиёиёни тоҷик бо рассомону ҳайкалтарошон ва меъморону кинематографистон пурқувват шуд. Дар байни онҳо Х.Хушвақтов, С. Қурбонов, В. Назаров, Ф. Неъматзода, Й. Сангов, Д.Худоназаров, Б. Кимёгаров ҳастанд. Давлат қудрати худро дар такя ба равшанфикрон ва зиёиён медиданд.

Соли 1991 давлати воқеан миллии тоҷик ба арсаи вуҷуд омад. Аммо дар замони ба истиқлолият ноил шудани мо, мутаассифона, ба сабаби воқеаҳои маълуми сиёсӣ насли наврас ва ҷавон камтар тафаккур ва талоши миллӣ доштанд. Барои дарки ҳақиқат чанд қадам ба самти таърих рафтан даркор аст. Ба назар менамояд, ки авҷи ҳамдилии комили зиёиёни миллӣ ва давлати тоҷик дар охири солҳои ҳафтодум ва шуруи ҳаштодум ба назар мерасид. Дар ин давра аҳли тафаккур бо роҳбарии Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, аҳли илму фарҳанг, адабиёту санъат, умуман аҳли зиёро барои татбиқи нақшҳои барои ҳамон замон олии давлат ҳидоят ва роҳбарӣ карда тавонистанд. Шояд дар байни эҷодкорон касе набуд, ки аз сухану роҳнамоии онҳо пайравӣ накунад. Зеро, аввалан, онҳо ҳақиқати миллиро таблиғ мекарданд ва сониян, ҳар касе мушкиле пеш ояд, ба дастгирии онҳо умед карда метавонист. Ин давра давраи пешрафти иқтисод, саноат, истеҳсолот ва фарҳанги кишвар низ гардид. Берун аз мамлакат бо ифтихор дар бораи тоҷику Тоҷикистон сухан гуфтан мумкин буд. Бобоҷон Ғафурров ва Мирзо Турсунзода бо ному кори хеш дар арсаи ҷаҳонӣ дар байни аҳли илму адабу сиёсат ангуштнамо буданд. Дар Ватан бо эҷоду одобу гуфтори худ иззат доштанд ва давлатдорҳо аз ин имконият истифодаи ҳаққонӣ мекарданд. Агар гӯем, ки пас аз устодон Айниву Лоҳутӣ дороии маънавии халқи тоҷик ин ҳарду буданд, ғалат намешавад. Аммо тавре мегӯянд, ҷойи муқаддас холӣ намемонад, дар ин замон аҳли ислом дирафшдори равшанфикрӣ гардиданд. Воқеан, дар таърихи халқи мо донишмандони улуми исломӣ дар ташаккули маънавии мардум нақши кам надоранд. Далели ин ҳамоно Абу ҳанифа, Ал-

Бухорӣ, Мавлоно Балхӣ, Ҳофиз, Ғаззолӣ ва мутафаккирони дигари мо мебошанд. Дар фарҳанги миллиамон мақоми халқ ва забон аввал гузошта мешавад, зеро истиқлолияти мо, роҳи зиндагии мо аз динамон не, аз халқу забонамон шинохта мешавад. Сад сол пеш мо, ҳама мардуми Бухорову Тоҷикистонро, ба номи динамон мешинохтанд, миллати мусулмон мегуфтанд, аммо забону халқи мо рӯз ба рӯз ба ҳоли бегонагӣ дар ин мулк мерасид. Танҳо таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон моро аз ин нобудӣ наҷот дод. Акнун баъди даҳ-понздаҳ соли истиқлоляти воқеӣ дар соли 1991 моро боз ба ҳамон сӯ ҳидоят мекарданд. Худшиносӣ ва миллатдӯстӣ он нест, ки дар маҳфиле худро ваҳдатсаро биномӣ, ё шеъраке дар бораи он бинависӣ ё як кадом амали танҳо ба худат маълумро қисса карда бигардӣ, балки он аст, ки дар муносибату амали ҳаррӯзаат онро бубинанду э ҳсос бикунанд. Истиқлолият – шиносномаи ҳастии давлат, низоми давлатдорӣ ва бузургии миллат аст. Ин неъмати бузург, ки бо даст овардани нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамзистӣ, инчунин осоиштагиву абадият ба мардуми тоҷик ва Тоҷикистон азиз овард.

Ҳар як давлат ба хотири пойдории хеш аз арзишҳои миллиаш баҳраманд аст. Марзи муайян, забон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ, Нишон ва Конститутсия аз ҷумлаи ҳамин гуна арзишҳоеанд, ки бақои миллатро муайян мекунанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 бо раъйпурсии мардуми ҷумҳуриамон қабул гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳамин райъпурсӣ аз ҷониби ҳамаи табақаҳои ҷомеа пазируфта шуд. Ҳамасола рӯзи шашуми ноябр ин санаи муборакро ҷашн мегирем.

Ватанпарастӣ - ин мусоидат ба рушди илму маориф ва маданияту фарҳанги миллӣ дар кишвар мебошад. Бояд дар шуур ва қалби ҳар сокини Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, дину мазҳаб ва мавқеи сиёсиву иҷтимоӣ ӯ, ҷой гирифта бошад. Ин беш аз пеш зиёиён ва маҳз омӯзгоронро водор месозад, ки дар ҳар вақту вазъият бахри дар амал татбиқ намудани онҳо ҷаҳду талоши бештар намоянд. Ин кор аз ҳамаи мо дониш, ма ҳорату малаки

илмӣ, санъати баланди педагогиву психологиро талаб менамояд. Шоир беҳуда таъкид нанамудааст.

Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,

Мо ҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзгор чунин баҳогузорӣ менамояд: «Пешаи омӯзгорӣ, муқаддастарин касби рӯйи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст» [105, с.92].

Донишманди забоншиноси тоҷик Носирҷон Масъумӣ барҳақ таъкид намудааст: «Муаллим бояд нутқи зебо, фаҳмо, равшан ва таъсирбахш дошта бошад, то ки талабагонро ба худ ҷалб кунад ва онҳоро ҳамин тавр омӯзад» [75,с.294]. Албатта, нутқи зебо, фаҳмо, равшан ва таъсирбахшро шогирдон аз мо устодон меомӯзанд ва баъзан тақлид ҳам мекунанд. Итминони комил аст, ки суханони пешбинона ва ҳидояткоронаи Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи омӯзгорону устодон ва донишҷӯёну хонандагони мактабу донишгоҳ ва донишкадаҳои ҷумҳурии соҳибистиқлоламон дахл дорад. Маҳз омӯзгор метавонад, ки худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ, ахлоқ, кирдор ва рафтори хонандагонро ҳамида ва дунёи маънавии олами онҳоро фурӯзон гардонад. Омӯзгор доимо меомӯзад ва он чӣ омӯхтааст, ба дигарон бе миннат таълим медиҳад. Хулосаи образноку дақиқи ин андеша дар он аст, ки наҷоти миллат ва қувваи тавоноию пойдории давлат дар дасти омӯзгорон ва тарбияву таълими сафатноки насли наврас мебошад. Аз он вобаста мебошад, ки онҳо чӣ гуна шогирдон ё худ мутахассисонро барои рушдиояндаи халқу Ватан тайёр мекунанд. «Яке аз роҳҳои мусоидат ба такҳими давлату давлатдории миллӣ дар зеҳну шуури мардум ташаккул додани тафаккури шаҳрвандӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз миллату давлатдории миллӣ аст» [105,с.92]. Дар ташаккули шахсияти ҳуввияти миллидошта ва дар инкишофи ҷамъият оила нақши муҳим мебозад. Ҳаёти оилавӣ дар асоси ишқу муҳаббати пок, садоқат, иззату икроми ҳамдигар хушу хуррам мегардад. Вазифаи падару модар

фарзандонашонро дар рӯҳияи баланди инсондӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтироми калонсолон, коллективизм, муносибати ғамхорона ба моликияти давлат тарбия кардан аст. «Кӯдак калон мешавад, роҳ меравад, баду хубро медонистагӣ мешавад. Ба аъзоёни оила ва махсусан ба падару модар меҳру муҳаббати бепоён зоҳир менамоянд. Мехоҳад одамони наздикаш ҳамеша дар назди ӯ бошанд. Агар падар ё модар ба кор раванд, то баргаштани онҳо зиқ мешавад, интизорӣ мекашад. Бо шодию хурсандӣ, бо чашмони дурахшону чеҳраи хандон ба истиқболи онҳо медаванд. Ҳар падару модар орзую умед, ки ин муносибати самимӣ дар байни онҳо ва фарзандон низ боқиву устувор монад. Барои ин падару модар бояд педагогикаи мардумӣ ва педагогикаи муосир инъкос ёфтааст. Асоси педагогикаи муоширатро раҳму шавқат, меҳрубонию навозиш ва хайрхоҳӣ ташкил медиҳад. Агар дар муноибати волидону фарзандон ин нуқтаҳо дар оила нигоҳ дошта шаванд, он оила хушбахт аст ва фарзандон ҳам дар чунин оила одамони меҳрубону ҳалим ба воя мерасад» [106,с.364]. Дар ин росто падару модарро пеш аз ҳама, дониш ҳои педагогӣ - психологӣ, маҳорату малакаҳо оид ба кори тарбияи фарзанд дар оила ва хусусият ҳои беҳтарини инсонӣ зарур аст. Аввалин вазифаи падару модар аз назари Ибни Сино интихоби номи неку зебо барои фарзанд мебошад. Сипас, интихоби дояи хубе ва пас шуруъ шавад ба адабдиҳию тарбияи ахлоқии ӯ. Афкори педагогии халқи тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Дар он на фақат вазифаҳои волидайн дар тарбияи фарзанд, балки ҳурмати падару модар аз ҷониби фарзанд дар зиндагӣ низ таъкид ёфтааст. Саъдии Шерозӣ аз зумраи классиконест, ки эҷодиёти ӯ дорои ақидаҳои пурмазмуни педагогӣ мебошад, ӯ вазифаҳои падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд, дар навбати худ, вазифаҳои фарзандро нисбат ба волидайн таъкид намудааст. Саъдии Шерозӣ таъкид мекард, ки пеш аз ҳама, бачагонро ба ҳурмат кардани падару модар одат кунондан лозим аст ва пас дар ин замина нисбат ба дигар одамон, ба камбағалон, пирон, афтодагон, беморон, ятимон ҳисси ҳурмат доштан ва шафқат карданро тарбия бояд кард. Саъдии Шерозӣ оид ба ҳурмату эҳтироми волидайн аз тарафи фарзанд

фармудааст:

«Эй тифл, ки дафъи магас аз худ натвонӣ,
Ҳарчанд, ки болиғ шудӣ охир на ҳамонӣ.
Шукронаи зӯроварии рӯзи ҷавонӣ,
Он аст, ки қадри падари пир надонӣ».

Ҷомеаи имрӯзаи мо дар фазои ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқоти ҷадиди педагогӣ ва психологии арзишҳои миллӣ ва хештаншиносӣ дорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ҷомеаи имрӯзаи моро водор мекунад, ки бо такя ба андешаҳои мутафаккирон, омӯзиши амиқи ҷомеаи ҳозираро анҷом диҳем ва бо ин роҳ дастурҳои зиёдеро барои мардум пешниҳод намоем, то ки барои иҷрои қонуни мазкур саҳмгузор бошем. Бояд гуфт, ки ташкил кардани оила кори оддӣ нест. Ин ҷараёни мураккаб аст ва он муаммоҳои худро дорад. Аз ҷумла, дар солҳои охир шумораи талоқ зиёд шудааст ва бисёр оилаҳои ихтилофию нотифоқ низ ҳастанд. Ҳамаи ин дар навбати аввал ба тарбияи фарзандон, инчунин ҳолати маънавии мардону занон, ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ҷамъият ба ин ҳодисаҳо набояд бепарвоӣ зоҳир намояд. Зеро оилаи пойдор аз муҳимтарин пояҳои ҷамъият аст.

«Барои он ки истиқлолияти Тоҷикистон пойдору устувор гардад ва давлати мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи хоси худро ёфта, дар сафи кишварҳои тараққикарда ҷой гирад, бояд мо гузаштаи худро хуб дарк карда, бо нерӯи тоза ва азму иродаи қавӣ ба ҳалли мушкилоти имрӯзу оянда рӯ оварем» [105,с.92]. Маҳз дар ҳамин лаҳза ҳои сарнавиштсоз, дар сол ҳои 90-уми асри XX, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ ҷисми Ватанро месӯхт ва сарнавишти давлати тоҷикон ҳал мешуд, роҳбари ҷавон пешвои далеру сарнавиштсозро ба ҳузур пазируфт. Ӯ аз рӯзҳои аввали фаъолияташ масъулияти ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, якпорчагии кишвар ва муттаҳидсозии мардуми азиятдидаро ба дӯш гирифт.

Вақте ки иҷлосияи тақдирсози Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор мешуд, бисёриҳо на танҳо масъулияти сарварии давлат, ҳатто роҳбарии вазорату идораҳои давлатиро низ ба зимма гирифтан намехостанд.

Истиқлолият имконият дод, ки мардуми Тоҷикистон сарнавишти худро ба даст гирифта, бо роҳбарии Пешвои миллат, роҳи пешрафти минбаъда ваояндаи сарзамини аҷдодиро мустақилона интихоб намоянд. Дар ҳамон сол, як қатор давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон, мустақилияти Тоҷикистонро расман эътироф карданд. Вале бо эълони Истиқлолият, он пурра ба даст наомад. Қувваҳои зиёде аз дохилу хориҷи кишвар кӯшиш карданд, ки давлати тозабунёдро ноором созанд ва тавонистанд, ки ба суботи ҷомеа дар Тоҷикистон халал ворид кунанд. Бадтар аз ҳама, ин қувваҳои бадхоҳ дар мамлакат оташи ҷанги бародаркушро афрӯхтанд, ки хисороти бузурги молию ҷонӣ ва маънавиро ба бор овард. Ҳатто дар он рӯзҳо нақшаи тақсими давлат низ пешниҳод шуд. Чунин тарҳҳоро на танҳо нерӯҳои хориҷӣ, балки баъзе аз сиёсатмадорон ва қувваҳои сиёсии дохилӣ низ ҷонибдорӣ менамуданд.

Аз ин рӯ омӯзгори фанни таърихро лозим аст, ки ин ҷиҳати масъаларо ба таври муассир ва воқеъбинона ба хонанда фаҳмонад, то ин ки тарбияи хештаншиносӣ ва ёфтани мавқеи устувори ӯ дар ҷомеа заминаи мустаҳкам гардад.

Санаи 9 сентябри соли 1991 дар таърихи халқи тоҷик як рӯйдоди бузургу тақдирсоз ба амал омад. Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувозда ҳум рӯзи 9 сентябрро ҳамчун Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон эълон намуд ва ин сана ба таври доимӣ дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун як рӯзи миллӣ бо хатти заррин сабт гардид.

Бо ҳамин, дар харитаи сиёсии ҷаҳон як давлати мустақил бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шуд.

Аммо соли 1992, пойтахти ҷумҳурӣ — шаҳри Душанбе, ки ҳамчун хонаи умеди то икистониён шинохта мешуд, қариб ки мо ҳияти сиёсӣ ва

марказии худро аз даст дод ва ба ма ҳали кашмакаши ҳои номатлуб мубаддал гашт. Дар кишвар, ба ҷои таҳкиму такмили пояҳои давлатдорӣ, ихтилофу низоъ шиддат гирифт. Дар натиҷаи ин кашмакашҳо, беш аз 150 ҳазор нафар ҷони худро аз даст доданд ва наздик ба як миллион нафар аз тарсу ваҳми ҷон кишварро тарк карданд.

Дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоиҳо давом доштанд. Барои омӯхтан ва пайдо намудани роҳҳои ҳалли қазия 4 октябр бо супориши Президенти Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ Михаил Горбачёв ду тан аз шахсиятҳои маъруфи Федератсияи Россия — мири шаҳри Санкт - Петербург Анатолий Собчак ва ноиби президенти Академияи илмҳои Федератсияи Россия Евгений Велихов ба Тоҷикистон омада, бо намояндагони Ҳукумат, Парламент ва гирдиҳамомадагон мулоқот анҷом доданд. 30 октябр ҳайати Ҳукумати Қирғизистон таҳти роҳбарии Сарвазири ин мамлакат Нурон Исонов ба Тоҷикистон ташрифи расмӣ овард. Дар натиҷаи ин сафар Созишномаи низоми ҳамкории тиҷоратии иқтисодии Тоҷикистон ва Қирғизистон ба имзо расид. Баъдан чунин созишномаҳо бо Молдова дар Душанбе ва Украина дар шаҳри Киев 23 ноябр имзо шуданд. Дар раванди гузариши ин мавзуъ хонандагон метавонанд бо тавсияи омӯзгори фанни таърих ба ҳуҷҷатҳои таърихӣ, китобҳое, ки дар ин бора нашр гардидаанд, рӯй оваранд ва дар ин бора дониши худро васеътар гардонанд.

Бо риояи қатъии барномаи давлатдорӣ, Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар мамлакат оташи ҷанги таҳмилии бародаркушро марҳила ба марҳила хомӯш карда, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ барқарор намояд. Инчунин, рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул шуда, барои рушдиояндаи давлат ва ташаккули ҳисси миллӣ, худшиносиву худогоҳии мардум заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуданд. Имрӯз, ҷумҳурии соҳибистиқлоламон дар қатори кишварҳои рӯ ба рушди ҷаҳон қарор дорад.

Тоҷикистон ҳоло дар арсаи байналмилалӣ нуфуз ва эътибори хоса пайдо карда, ташаббусҳо ва пешниҳодҳояш дар ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ эътироф ва ҷонибдорӣ мешаванд. Аз ҷумла, моҳи марти соли 2017,

татбиқи ташаббуси чоруми Тоҷикистон оид ба ҳалли яке аз мушкилоти муҳимтарини башарият, яъне об, таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид.

### 1.3. Санад ҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълими арзиш ҳои миллӣ

Бояд таъкид намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини барқарор намудани сохти конститутсионӣ, дар баробари бунёд ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ба масъалаи таълиму тарбия таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Бо мақсади ташаккули инсони фаъолу созанда, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимро, аз ҷумла «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», қабул кард. Ин иқдомҳо барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву миллатпарастӣ шароитҳои беҳтарро фароҳам меоваранд.

Тарбияи ватанпарастӣ бар асоси чанд самти асосӣ ба роҳ монда мешавад:

1. Омӯзиш ва гиромидошти мероси таърихӣ ва фарҳангӣ: Ин самт ба дарки арзишҳои маърифатии сарчашмаҳои илмию таърихӣ, рушди маданият, дарки моҳияти Ватан ва тақдири он, ифтихор аз гузаштагон ва шахсиятҳои маъруф, омӯзиши таърихи ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, ташаккули сифати масъулияти ҳарбӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ барои ҳифзи Ватан аз хатарҳои берунӣ равона шудааст. Дарки хусусиятҳои миллӣ, урфу одат ва анъанаҳои мардум низ муҳим аст. Ин самти тарбия бештар дар ҳамгироӣ бо унсурҳои тарбияи худшиносӣ ва хештаншиносӣ амалигардонӣ мешавад.

2. Муҳофизати муҳити зист: Ин самт ба тарбияи экологӣ такя мекунад ва дарки зарурати ҳифозат ва беҳдошти муҳити зист, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҳамо ҳангсозии корҳои экологиву маърифатиро, аз ҷумла

ободонии мавзеъҳо, риояи тозагӣ, кабудизоргардонии гирду атроф ва ғайраро дар бар мегирад.

3. Ташаккули ҳисси миллӣ-ватандӯстии наврасону ҷавонон: Ин самт аз муҳити оила оғоз меёбад ва дар ҷамъият, кӯдакистон, мактаб, донишгоҳ ва коргоҳ рушд мекунад. Ҳисси муҳаббат ба Ватан дар ҳаёти ҳар як инсон ва ҳар як миллат мавқеи хос дорад. Ин ҳиссиёт ва муҳаббат ба миллат, анъана ва Ватан ҳамеша аз оила оғоз ёфта, дар зиндагии ҷамъиятӣ ташаккул меёбад.

4. Сиёсиву ҳуқуқӣ: Ин самт ба ташаккули дарки уҳдадориҳои конститутсионӣ ва ҳарбӣ, ҳодиса ва равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат, сиёсати ҳарбӣ, қоидаҳои ҳарбӣ, мавқеъ ва нақши Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми сиёсии ҷамъият ва давлат равона шудааст.

5. Байналмилалӣ: Ин самт ба тарбияи арзишҳои миллӣ, садоқат ба Ватан ва миллат, тарғиби ифтихори миллӣ, дӯстии халқҳо, сулҳпарварӣ, гиромидошти забони давлатӣ, маданият, таъриху фарҳанги миллат равона карда мешавад.

Ҳар яке аз ин самтҳо барои тарбияи инсони ватанпараст, ки барои рушди ҷомеа ва кишвар кӯшиш мекунад, заминаҳои мусоид фароҳам меоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз тасвиби «Консепсияи миллии тарбия» (соли 2006), раванди корҳои тарбиявӣ дар байни ҷавонон ва наврасон тавсеаи нав пайдо кард. Ҳадаф ва вазифаҳои тарбия комилан бо арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии миллати мо мутобиқ карда шуданд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки давлати тозаистиқлоли мо ба тарбияи фарогири миллӣ ниёзи бештар дорад. Аз ҷумла, дар Консепсия таъкид шудааст, ки: «Рушди минбаъдаи кишвар ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу зебопараст, фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат,

ҷомеа ва оила мебошад» (Консепсияи м.т., 2016).

Донандаи таърихи сарзамин ва миллат инсони комил аст аз донистанҳо, ҷустуҷӯву бозёфт одамӣ камол меёбаду аз надонистанҳо ба завол мерасад. Дар Консепсияи миллии тарбияи оид ба масъалаи тарбияи миллӣ ишора шудааст: «Тарбияи миллии шаҳрванд ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои арзишманди миллӣ дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад» (Консепсияи м.т., 2016). Роҳи асосии ба камол расонидани инсон худшиносист ҳар шахсе бояд бидонад, ки моҳияти ҳастии ӯ аз чӣ иборат аст, он ки гоҳ моҳияти ҳастии атрофиён, ҷамъият ва дунёро хоҳад фаҳмид. Пас инсон барои он, ки таърихи миллатро донад, лозим аст, ки аввал худро дарк намояд. Зеро шинохти худ басо муҳим аст. Шинохтани таърихи дигарон бошад, боз барои шинохти шахсияти худ заминаро васеътар карда, дар ин асос пайваста дар ислоҳи худ кӯшида, инсон ва камолоти ӯро тадриҷан боло мебардорад.

Дар акси ҳол, надонистани таърихи гузаштаи худ касро ба манқуртӣ мебарад, яъне касе, ки гузаштаи худу авлоди хешро намедонад, ӯ манқурт аст. Бинобар он, омӯхтани таърихи миллат ба ҳар кас зарур аст, то сифатҳои баланди ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ҳувияти миллӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва дигар хислатҳои ташаккул медиҳад.

Чунин шахс метавонад дар асоси манфиатҳои миллӣ фаъолият кунад. Ҷавонон бояд дорои тафаккури миллӣ, ҳифзкунандаи тамаддуни миллат бошанд ва дар рушди ҷомеа саҳми худро гузоранд.

Дар мамлакати мо ҷиҳати фаро гирифтани насли ҷавон бо дониш ҳои замонавӣ ва омӯзиши технологияи муосир тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Барои ташвиқ ва талқин кардани наврасон ва ҷавонони боистеъдод дар муассисаҳои таълимӣ, стипендияи Президентӣ таъсис ёфта, ки ҳар сол донишҷӯён ва хонандагони соҳибистеъдод, ки бо донишу рафтори намунавӣ

муносибат мекунанд, ба гирифтани он мушарраф мегарданд. Инчунин, имконияти зиёде ба вуҷуд оварда шудааст, ки ҷавононро ба омӯзиши васеи илмҳои гуногун дар кишварамон роҳандозӣ менамоянд. Дар муаррифию дарёфти ҷавонони лаёқатманд мусоидат мекунанд, ҷиҳати омӯзиши аҳвол ва осори адибону мутафаккирони гузаштаю муосир ҳавасманд мегардонанд. Қабул гардидани «Барномаи давлатии омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040» баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон – ватани азизи ман» ҷиҳати болоравии арзишҳои худшиносӣ ва ҳувияти миллии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Дар ин замина муайян намудани нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих баҳри шинохти паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии гузаштагон ва асли хеш шарт ва зарур аст. Омӯзишу мутолиа ва ҷустуҷӯҳои эҷодкорона имкон медиҳанд, ки насли ҷавон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ихтироъкорӣ, донишомӯзӣ ва худогоҳӣ тарбия ёбанд. Ин омил, пеш аз ҳама, тақозо мекунад, ки омӯзгорон худ бештар омӯзанду мутолиа намоянд ва донишу ҷаҳонбинияшонро такомулу таҳаввул бахшанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештарро ба омӯзиши илмҳои бунёдӣ равона намудааст. Бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли равон озмуни «Илм фурӯғи маърифат» пешниҳод гардид, ки ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат мекунад. Ин омил метавонад хонандагону доништ ҷуён, аспирантону муҳаққиқон ва омӯзгоронро ба омӯзиши васеи илмҳои дақиқ раҳнамун созад. Фарҳангу таърих ойинаи тамомнамои ҳувияти миллат буда, ба ахлоқу одоб ва рафтору кирдори шахсию иҷтимоии одамон таъсири амиқ мерасонанд. Ба ин хотир, онҳо ҳамчун манбаи неруи нарм эътироф шуда, гуфтору пиндори одамонро дар ҷамъият созмон медиҳанд ва Тоҷикистон - ин мероси ғании пешиниёнро дар муколамаҳои фарҳанги ҷаҳонӣ самаранок истифода мекунад.

«Аммо барои таърих воситаи муҳими методологӣ фалсафаи маориф ва

фалсафаи таърих аст. Мазмуни таълими таърихи мактаб дар онхо асосҳои назариявии мақсади асосӣ, вазифаҳо, пешомадҳо, равишҳои илми таърих, мақоми таърих дар ташаккули шахсияти хонандагони мактаби маълумоти умумиро пайдо мекунад» [37,с.50].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ бо истифода аз нерӯи нарм ва дипломатияи фарҳангӣ андеша ҳои инсонпарваронаи фарҳанги ғанию қадимаи хешро тавассути баргузории симпозиуму конфренсияҳо, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангии сатҳи баланд, форумҳо ва муаррифии шоистаи осори бегазанди таърихиву худшиноси миллӣ дар давлатҳои дигар тарғиб намуда, дар таҳкими сулҳу субот ва равобити мутақобилан судманд миёни кишварҳои дигар накши шоиста бозида истодааст.

Одам инсонест, ки арзиши воло ва хоси худро дорад. Вай наметавонад арзишу мавқеъи хешро паст кунад. Ба назар мерасад, ки бояд ҳамеша барои эҳтиром ва қадр намудани хеш кӯшиш кард. Чуноне ки Саъдӣ мегӯяд:

Қимати хештан хасис макун,

Ту ки дар асл ҷавҳари нобӣ.

Инсон, агар ба маънои аслии ин калима назар кунад, ҳақ надорад, ки арзиши хешро паст занад. Вай мавҷуди арзишманд, гаронбаҳо ва нотакрор аст, ки ҳама арзишҳои дигар дар муқоиса бо ӯ пасттар мебошанд. Бо ҳар қадами инсон ба сӯи оянда, арзишҳо бештар ба ҳам пайваст мешаванд, рушд мекунанд ва одамон ба дониши якдигар, мақсадҳо ва ҳуқуқи хеш расида, онҳоро қадрдониву эҳтиром мекунанд. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳуқуқи инсон, бо вуҷуди муборизаи тӯлонӣ ва талошҳои ҳазор ҳо фаъолони ҳуқуқи башар, ҳамеша дар шароити мушкил ва вобаста ба ҳар як давлат ва кишвари алоҳида ба таври хоси худ маънидод мешавад.

Инсон, агар ба маънои аслии ин калима назар кунад, ҳақ надорад, ки арзиши хешро паст занад. Вай мавҷуди арзишманд, гаронбаҳо ва нотакрор аст, ки ҳама арзишҳои дигар дар муқоиса бо ӯ пасттар мебошанд. Бо ҳар қадами инсон ба сӯи оянда, арзишҳо бештар ба ҳам пайваст мешаванд, рушд мекунанд ва одамон ба дониши якдигар, мақсадҳо ва ҳуқуқи хеш расида,

онҳоро қадрдониву эҳтиром мекунанд. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳуқуқи инсон, бо вуҷуди муборизаи тӯлонӣ ва талошҳои ҳазорҳо фаъолони ҳуқуқи башар, ҳамеша дар шароити мушкил ва вобаста ба ҳар як давлат ва кишвари алоҳида ба таври хоси худ маънидод мешавад. Аз ин рӯ, соли 1948 Созмони Милали Муттаҳид Эъломияи ҳуқуқи башарро қабул намуд, ва пас аз 11 сол, соли 1959, Эъломияи ҳуқуқи кӯдакро қабул кард. Вале танҳо пас аз эълони Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар соли 1991, мо ба мазмун ва аҳамияти ин санадҳо ва ҳуқуқи инсон ва кӯдак огоҳӣ пайдо кардем. Пас аз қабул шудани Тоҷикистон ба ҳайси аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1992, ғояҳои ин санадҳо дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дохил карда шуда, ба ҷузъи муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълиму тарбия табдил ёфт. Чор модда, ки дар фасли аввали қонуни мазкур омадаанд (моддаҳои 4, 5, 6 ва 7), ба ҳуқуқи шаҳрвандон ба таълим, принсипи дунявӣ, башардӯстона ва алоқаи таълим бо анъанаҳои миллии халқи тоҷик ва дигар миллатҳо дар Тоҷикистон, инчунин арзишҳои умумибашарӣ, ташаккули озодии шахс ва ҳимояи шахс аз маҳдудиятҳо дар соҳаи таълиму тарбия, ҷанбаи демократии идора ва низоми маориф, кафолати ҳуқуқи таълим барои шаҳрвандон бидуни таваҷҷӯҳ ба аслу насаб, ҷинс, забон, миллат, дин ва дигар хусусиятҳои иҷтимоӣ, инчунин дастгирии шахсони дорои қобилият ва имкони интихоби забони таълимро пешбинӣ мекунанд.

Мақсади асосии Эъломияи ҳуқуқи кӯдак эҳтироми шахсияти кӯдак аст, ки дар муносибатҳои байни муаллим ва шогирд, кӯдаку калонсолон намоён мегардад. Ин масъала аҳамияти вижа дорад, чунки на танҳо ба маҳорат ва санъати педагогии муаллим вобаста аст, балки ба сифати инсонии ӯ низ таъсир мерасонад. Муаллим, бо муносибати меҳрубон ва дурусте, ки бо кӯдакон барпо мекунад, на танҳо дар таълим, балки дар тарбия ва инкишофи қобилиятҳои пинҳоншудаи ҳар як кӯдак нақши муҳим мебозад.

Имрӯз, диққати асосӣ бояд ба он равона шавад, ки арзишҳои ахлоқӣ ва маишии инсоният дар тӯли садсолаву ҳазорсолаҳо таҳия ва суфта

мегарданд ва барои ҷомеа муҳим ва аввалиндара ҷа ба маҳсуб мешавад. Онҳо ҳамеша дар ҳикматҳои мардумӣ, ақоиди динӣ, андешаҳои ахлоқии бузургон, анъанаҳои халқу миллатҳо, кодексҳои гуногуни иҷтимоии рафтори одамон инъикос меёбанд. Ин тасодуфӣ нест, ки арзишҳои бунёдии ҳаёту фаъолияти инсон дар заминаи ахлоқ қарор дорад.

Таърихи инсоният нишон додааст, ки ҳифзи истиқлолият ва озодӣ кори бисёр мушкил мебошад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки муттаҳидӣ ва хирадмандии сиёсиро нигоҳ дорем, арзиши ин неъмати безавол ва тақдирсози миллатро бишносем ва барои ҳимояи дастовардҳои он, махсусан дар ҳолати ҷаҳонишавии мураккаб ва пуртазод, ки таҳдиду хатарҳо ба он бештар мешаванд, ҳамеша омода бошем.

Дар ҷаҳон халқеро намедонем, ки мисли тоҷик ин қадар дуру дароз, солҳо ва асрҳои зиёде зери зулму истибдоди аҷнабиён монда, хуни фарзандонаш рехта бошад. Юнониҳо, арабҳо, шайбониён, темуриён, ҷониён, туркҳо, манғитҳо - ҳама дастгоҳи ҷангу хунрезиро ба аспу аробаҳо бор карда ба ин қаламрав овардаанд. Аҷнабӣ аҷнабӣ аст, вай бо сулҳ ҳам биёяд, корашро мекунад, шутури нафсаш гардан дароз мекунад.

Ҳар ҷо, ки расид пойи аспи қатаған,

Не зинда ватан ёбаду не мурда кафан.

Бо вуҷуди ҳамин, тоҷик зинда монд, мағлуб нашуд, ҳуввияташро гум накард. Беш аз ин, ба ин рӯзҳо - рӯзҳои Истиқлол ва мустақилият расид. Худ аз худ саволе пеш меояд: кадом қувваи бузург тоҷикро аз маҳву махлутшавӣ нигоҳ дошт? Магар Хоҷаи Хизр назар кард? Ин қувваи бузург ақли расои тоҷик, худшиносии миллӣ, забони ширадор, таърихи пурбор, адабиёти шакарвор, фарҳанги ҷилодор, расму оину анъанаҳои миллӣ буд ва ин халқро хоҷаҳои хизраш – Иброҳим Зардушт, Имоми Аъзам, Ҷамшед, Рустам, Хусрави Парвиз (Анӯшервони Одил), Бузургмеҳр, Абӯмуслим, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Берунӣ, Шамси Табрезӣ, Имом Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Темурмалик, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддин

Шоҳин, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва садҳо дигарон назар мекарданд. Вақте юнониҳо ва баъдтар арабҳо бо мақсади ғасби ин мулк лашкар кашиданд, қаламрави Аҷам аз кишвари Юнон ва аз нимҷазираҳои Арабистон садҳо маротиба калону бузург буд. Ҳамчунин, дар аҳди лашкари ғаддори муғул ҳам. Арзишҳои маънавӣ дар тамоми гӯшаю канори ин сарзамини паҳновар ва биҳиштосо мисли чашмасорони покизаи кӯҳсорон ҷӯш мезад. Хоҳ нохоҳ аҷнабиён наметавонистанд ва имконият ҳам надоштанд, ба ҳар як канори он рафта бисӯзанду битарсонанд. Аз сӯйи дигар, бузургони моро агар таъқиб мекарданд, онҳо аз шаҳр ба шаҳр гашта (Абӯалӣ Сино) ва ё дар дараҳою кӯҳпораҳо (Шоҳносири Хусрав) паноҳ бурда, арзиши маънавӣ меофариданд ва бар қасди душманон пурмаҳсултару боифтихортар кор мекарданд ва онҳоеро, ки дар хизмати ғаддорон сари таъзим фуруд меоварданд, сарзаниш мекарданд.

Носири Хусрав мегӯяд:

«Туркон ба пеши мардон з-ин пеш дар Хуросон,

Буданд хору оҷиз ҳамчун зани саройӣ

Имрӯз шарм н-ояд озодазодагонро,

Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ » [88,с.71].

Халқҳо ва миллатҳо дорои ду навъи арзишанд: арзишҳои моддӣ ва арзишҳои маънавӣ. Арзишҳои моддӣ, аз қабили неъматҳои моддӣ натиҷаи араќи ҷабин, обилаи кафи дастон, ки талаботи ҷисмонии одамро қонеъ мегардонанд. Дар ҷаҳон халқҳои зиёдеро медонем, ки ҳарчанд сарватҳою арзишҳои моддии фаровон доштанд, бо роҳу тарзҳои гуногун (ҷанг, фиреб, найранг, ба ҳонаи ёрӣ расондан…) бо халқу миллатҳои дигар махлут шуда, ҳам давлатдорӣ ва ҳам ҳувияти худро аз даст доданд. Дар муҳити ноошно ҳатто ҳамон арзишҳо ҳам бақои миллатро таъмин накарданд, муттако нашуданд.

«Аҳамияти ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ҳам ҷанбаи сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам маданию фарҳангиро дорад. Ин синну сол давраест дар ташаккули шахсият, ки дар шуури хонанда заминаи сифатҳои шаҳрвандӣ

гузошта мешавад, эҳтиром ба одамон, фаҳмиш ва дарки атрофиён, сарфи назар аз пайдоиши ичтимоӣ, миллат, забон ва дин омӯзонида мешавад. Муқаддасоти асосие, ки эҳтироми онҳо омили болоравии худшиносӣ ва худого ҳии миллӣ мегарданд инҳоянд:




Ғайр аз ин, боз унсурҳои эҳтиром ба шахсиятҳои барчастаи он, пули миллӣ, дину мазҳаб шиносоӣ бо фарҳанги миллӣ дар шаклҳои мухталифи он, азхудкунии анъанаҳо, расму ойинҳо, системаи арзишҳои маънавии мардум ва ғ. низ дар чараёни дарс ба хонанда бояд фаҳмонида шавад» [160,с.143].

Арзишҳои маънавӣ, ки аз қабили ватану ватанхоҳӣ, меҳнат, сулҳ, дониш, оила, фарҳангу маданият, ки маҳсули ақлу хираданд, рӯҳ ва дили инсонро қонеъ маънавиётро ғанӣ мегардонанд. Ин арзишҳо:

– офтобро мемонанд, ки бар сари офарандагонаш, яъне халқ (дигар халқҳо ҳам) мудом нуру зиё мебахшанд;

– чароғро мемонанд, ки роҳи халқро дар шаби зулмот равшан месозанд;

– асои гаронбаҳоеро мемонанд, ки ба дасти нобиноён медиҳанд;

– девори бузургро мемонанд, ки ҳастии миллатро нигоҳ медоранд;

– парчамеро мемонанд, ки ягонагӣ ва ваҳдати халқро таъмин мекунанд.

Дар адабиёти гуногун арзишҳо ва теъдоди онҳоро бо тарзҳои гуногун ном мебаранд. Вале аксарияти муаллифон бар он ақидаанд, ки арзишҳо нӯҳтоанд ва кулли онҳо умумибашарианд.

1. Инсон – ва ҳуқуқи башар арзиши мутлақ, меъёр ва ченаки ҳама дар зиндагӣ, мақсад восита ва натиҷаи тарбия.

2. Сулҳ – оромӣ, осоиштагӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни одамон, халқҳо ва давлатҳо шарти асосии ҳастии одаму олам.

3. Замин – хонаи умумӣ, гаҳвораи инсон, ки ба он чор унсури ҳаёт ҳам (хок, об, бод, оташ) дохил мешавад.

4. Ватан – ягона ва умумӣ барои ҳар як одам, муқаддас ва мерос, ки аз ниёгон мондааст.

5. Оила – ибтидои сохтори ҷамъият, муҳити табиии инкишофи фарзанд, поягузории шахсият.

6. Касбу кор – асоси ҳастии инсоният, ифодакунандаи моҳияти инсон.

7. Илму дониш – натиҷаи меҳнати эҷодӣ, маълумот.

8. Маданият – ғановати бузурги маънавӣ, ки инсоният офаридааст.

9. Муҳаббат – сабаби ҳастии инсон, майл ва хоҳиши дил, ақл, чашм.

Барои ин, Худо замин, кӯҳу дарё, дашт ва паррандагонро офарид. Аммо чаро замин бо ҳама зебоии худ ва ҳама сарвату иқтидори табиӣ ба хоби амн ва оромӣ намеафтод? Он дард ва шиддатро эҳсос мекард ва на замин аз худаш субот мегирифт, на оби дарё аз шукуфоии худ. Худованд ба андеша афтод ва гуфт: «Чӣ манфиат дар ин аст, ки ман ҳама чизро офаридаам?» Ва он гоҳ, ӯ инсонро офарид, ки бо сару гардани баланд аз дигар махлуқоти зинда фарқ мекард. Ҳангоме ки инсон ба кору фаъолият оғоз намуд, замин ва замон ба тағйироти амиқ гирифтор шуданд. Ҳама чизи на ҳангом ва ноороста ба саломатӣ ва амнӣ расид. Ва агар ҳанӯз ҳам баъзе камбудӣ ва нообoдӣ вуҷуд дошта бошад, иншоаллоҳ, бо саъйи инсон, онҳо низ обод хоҳанд шуд.

Мегӯянд: «Инсон бо гуноҳи бузургаш аз биҳишт ронда шуд». Аммо агар инсон аз биҳишт намерафт, ки ин замин ва замонро ороста ва обод мекард, ки инсон воситаҳои истеҳсолотро ихтироъ мекунад ва ба кор

меоварад, ки ғалла мекорад ва нон месозад, ки ҳаётро таъмин мекунад. Имрӯз, ҳамаи он неъматҳое, ки мо дорем — нонҳои лазиз ва ширин, ки мехӯрем — натиҷаи меҳнати пурзори инсон аст, ки аз биҳишт берун омад. Чунин аст, ки Абдулқодири Бедил дар ашъораш гуфтааст:

«Куҷо алвони неъмат з-ин бисот осон шавад пайдо,

Ки одам аз биҳишт ояд бурун, то нон шавад пайдо».

Коштани гандум ва офаридани нон яке аз ҳазорҳо хидматҳои инсон ба худ ва ба наслҳои оянда аст, ки барои таъмин кардани эҳтиёҷот ва рӯзи мурод, анҷом додааст.

Инсон метавонад биболад аз он чизҳо, ки дар давоми мавҷудияташ бо қувваи ақлу фаросаташ, нерӯ ва тавоноиаш ба даст овардааст.

Бале, инсон нисбат ба худ ифтихор дорад. Ифтихор ва шарафи бузурги инсон ҳамин аст, ки парвардигор ӯро инсон офаридааст ва ӯ соҳиби акл, таффакур ва забони гӯёст. Инсон бояд бо ин шукр кунад ва баҳри озодию ободии кишвару сарфарозию некбахтии худ бикӯшад ва инро ҳам дар худ ва ҳам дар насли худ тарбия намояд.

Шахсият — бузург аст. Бузургии инсонро садҳо бузургони ҷаҳони тамаддун офаридаанд, дар васфи ӯ қасидаҳо навишта, достонҳо ва асарҳои гаронбаҳоро ба мерос гузоштаанд. Вале ҳеҷ яке аз онҳо натавонистаанд бузургии инсонро ба андозаи хақиқии он, ба мисли ҳаким Умари Хайём, тасвир кунанд. Ҳайёми шоир ва файласуф арзишҳои моддӣ ва маънавии инсонро ба чаҳорчӯби ошиқона ва хирадманди худ овардааст ва ӯ инсонро чун " ҷавҳари биниш" ва "нақши нигин" муаррифӣ кардааст:

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,

Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.

Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,

Бе ҳеҷ шаке нақши нигинаш моем.

Ҳамин калимаҳое, ки инсонро инсон меноманд, дар ҳақиқат барои

фарқ кардани ӯ аз дигар махлуқот аст. Шахсият ва бузургии инсонро ба маънӣ  хос бояд дарк кард, зеро барои ӯ масъулиятҳо ва вазифаҳои бузургтаре вуҷуд дорад.

Ин дар  ҳақиқат худ бузургии инсон аст, ки ӯ худашро эҷод мекунад ва бо заҳмат ва меҳнат дар  ҳаёт пеш меравад. Инсон суннатҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарзу аҳкоми динии худро эҳтиром мекунад,  ҳамеша бо дуои  ҳақ ва тавба аз Худо мехоҳад, ки фарзандонаш ва худро дар паноҳи ӯ бошад. Ӯ ба муқобили заҳматҳои худ, хуни халолро меҷӯяд ва  ҳар луқмаи хӯрдаашро ба сифати неъмат қадр мекунад.

Сарчашмаи ахлоқии меҳнати зиндагии инсон тӯли садсолаҳо аз  ҷониби илмҳои фалсафа ва ахлоқ таҳқиқ гардидаанд, ки дар натиҷа мафҳумҳои муъҷази ба мисли «меъёрҳои оддии ахлоқ» барои тамоми инсоният аҳамияти ягонадошта доранд. Аз ин  ҷо, мафҳуми «Арзишҳои умумибашарӣ», ки ҳамчун аспекти асосии арзиши фаъолияти зиндагии одамонро ифода мекунад, имрӯз маъмул гаштааст.

Пас, бамаврид аст, ки чунин аспект яке аз самтҳои асосии фаъолияти тарбиявӣ  дар мактаб бошад. Фурсати он расидааст, ки ба он вақти махсус дода шавад. Бо мақсади бедор кардани кӯшишҳои ахлоқӣ  дар доираи арзишҳои миллӣ  дар хонанда барои инсони комил шудан, ба интихоби ахлоқӣ  барои  ҳаёт, одамият, пешрафти фарҳанг қувваи педагогӣ  сарф карда шавад.

Барои он ки муасиса имрӯз  ҳамчун организми барои кӯдак ба муҳити тарбиявӣ  табдил ёбад, муҳити ахлоқӣ, самтҳои арзишии онро муайян кунад, ба хазинаи педагогии он бояд системаи ахлоқӣ-этикӣ  гузошта шавад, то ки асосҳои арзишии тамоми унсурҳои  ҳаёти муассисаро ба ҷунбиш оварад, аз ҷумла: фаъолияти таълим, танаффусро  ҳамчун фазои муташаккили байни фанҳо ба роҳ монда фаъолияти беруназдарсиро бо мазмуни маънавӣ  ғанӣ гардонида шавад.

Муҳим аст, ки фаъолияти таълимӣ на танҳо ба иҷрои вазифаи маърифатӣ, балки ба татбиқи усулҳои нав ва инноватсионӣ дар тарбияи хонандагон равона гардад. Ҳар омӯзгор, бо ифодаи эҳтиром ба шогирдон, бояд дар ҷараёни таълим таъсири мусбати худро гузорад, ки дар асоси синну соли хонанда ва муносибати фардӣ ба амал татбиқ ёфта бошад.

Барои ин методикаи мақсадгузориро дар структураи ҷараёни таълиму тарбия дар муассиса ва мутобиқан ба сохтори ташкилии он тартиб тарбияи ахлоқӣ ба таври узвӣ ворид кардан лозим аст, ки инчунин ба талаботи иҷтимоии оила ва ҷомеа ҷавобгӯ бошад. Ба таври узвӣ ва табиӣ ворид кардани он ба чунин як тартиб ба мантиқи ҷараёни таълиму тарбия дар муассиса имкон медиҳад, ки тарбияи ахлоқӣ ба самти мусбии тарбияи хонандагон, мақсаднокии онҳо, бунёди шароити самаранок ва ҳифзи ахлоқии ҳар як хонанда, ворид кардани ӯ ба ҷараёни робита бо калонсолон ва хурдсолон таъмин гардад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ нигоҳ доштани фарҳангу тамаддун ва ташаккули ҳувияти миллии насли наврас ва ҷавон аҳамияти бениҳоят муҳим дорад. Ҳувияти миллӣ пеш аз ҳама бо донистани таърихи гузаштагон, арзишҳои миллӣ ва эҳтироми ғояҳои давлатдорӣ ташаккул меёбад. Дар Осиёи Миёна ягона давлате, ки решапайванди миллати он то давраи ориёиҳо рафта мерасад, ин тоҷикон мебошанд. Тоҷикон аз қадимулайём дар ин ҷо сукунат доштанд ва доранд, ки ба ин ёдгориҳои таърихии то замони мо маҳфузмонда далолат мекунанд. Дигар халқҳои имрӯзаи Осиёи Миёна дар давраҳои гуногуни асри миёна ҳамчун кӯчманчӣ ин сарзаминро ишғол намудаанд. Орииёӣ аввалин номи этникии гузаштагони мо буд. Асрҳои зиёд онҳо муваффақ гардиданд, ки худро бо ин ном дар байни халқҳои ҷаҳон шиносонанд. «Дар давраҳои минбаъда дар бештари қитъаи Осиё парешон мешаванд ва давлатҳои ҷудогона ба вуҷуд меоранд. Вақте ки мардуми ориёӣ бо дигар халқҳо омехта шуда ва таҳти таъсири онҳо қарор гирифтанд,

номи этникии онҳо ҳамчун "тоҷик" ба ву ҷуд омад. Дар яке аз китобҳои авастоӣ Вандидод аз 16 кишваре, ки Худованд - Аҳурамаздо барои ориёиҳо офаридааст, ёд мешаванд, инҳоянд; 1. Ориёиҳо Вейҷ бо дашту саҳроҳои паҳновар: 2. Гава Суғда бо алафзору марғзорҳояш, ки дар ин ҷо Худованд сараводи ҳайвонҳо Говмардро офаридааст, яъне гови нарро; 3. Мару бо баҳодурони нотарсаш, ки ба муқобили бадӣ ҷангидаанд.4. Бакҳадӣ (Бохтар) бо парчамҳои барафроштааш»

Арзишҳои миллӣ гуногунанд, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба онҳо ҳисси масъулиятшиносии насли наврасро зиёд мегардонад ва боиси ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мегардад. Яке аз хосиятҳои хоси мардуми ориёӣ ва шоҳони онҳо тоҷи сарашон мебошад. Тоиҷгузорӣ, тибқи як ривоят, аз Қайёммард, аввалин одам ва шоҳи ориёён, оғоз ёфт. Нахустин шахсияти ориёиро барои тахт ва тоҷе, ки бар сари ӯ гузошта шуд, ба вуҷуд оварданд, ки Гилшоҳ ҳам номида мешавад. Ворисони ӯ ин анъанаро давом дода, худро шоҳзодаҳо меномиданд. Дар фалсафаи ойини маздопарастӣ, узви волои Авасто, ки тасвирҳои он дар болои сиккаҳо, деворҳои қасрҳо ва ҳайкалҳо ёфт мешавад ва ба дастраси бостоншиносон мебошад, бо тахту тоҷ зебида шудааст. Ҳамаи шоҳон, аъёну ашроф ва мардуми ориёӣ пеш аз ислом тоҷдор будаанд. Дар ҳақиқат, тоҷ бар сар намудани шоҳ як амали рамзӣ буда, нишони он буд, ки давлатдор дар оянда тамоми масъалаҳои мамлакатро аз манфиати худ болотар монда дар ҳалли он кӯшиш ва ҷаҳду талош менамояд. Ҳеродот менависад, ки тамоми сакоён (скифҳо) кулоҳҳои нӯгборик мепӯшидаанд. Расмҳои онҳо, ки дар ёдгориҳои бостонӣ боқӣ мондаанд, ба давраҳои гуногуни пеш аз милод ва аср ҳои I-VII милодӣ тааллуқ доранд. Осори аввалин инсони кулоҳаш нӯгборик аз қибристонҳои вилояти Синзияни Чин ба даст омадааст, ки ба асрҳои 21-16 пеш аз милод марбут мебошанд. Ниёгони мо ба матоъ ва металҳои сохташудаи тоҷи подшоҳ ва дигар намуд сарпӯшҳои ҳокимон низ аҳамияти махсус медоданд.

Тилло ва нуқра ҳамчун рамзи этникии тоҷикон буда, дар фарҳанги ориёиён нишонаи офтоб ва моҳтоб дар замин ба ҳисоб мерафтанд. Дар адабиёти авастоӣ, Яздонҳо аз бузург то хурд бо тилло ва нуқра оро дода шуда буданд. Масалан, Худои меҳр либоси тиллоӣ, шишаи тиллоӣ, Равшан сарулибоси тиллоӣ ва тарозуи тиллоӣ доштанд. Тилло дар фарҳанги мо аҳамияти махсуси этникӣ дошт. Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома» зикр мекунад, ки Ҷамшед тиллоро кашф намуд ва онро ба монанди офтоб ба шакли доира офарид. Ҳамчунин, доираи нуқра бо рамзи моҳтоб сохт. Тилло ҳамчун рамзи офтоб ва оташ дар замин, бо равшании пок ва шодоб аст. Тилло ҳамчунин рамзи шахсияти олимақоми маъданҳо буда, ориёиҳо онро ҳамчун рамзи покӣ ва аслияти худ дӯст медоштанд. Дар муқоиса бо дигар халқҳо, ориёиҳо тиллоро на танҳо ҳамчун сарват ва мол, балки рамзи аслӣ, табиат ва нажод медонистанд. Аз ин рӯ, онҳо васоили рамзии худро низ аз тилло ва нукра месохтанд.

Равшанӣ ва ҷилои тиллоро ба равшании оташ баробар дониста, онро чун муқаддасоти зиндагӣ ва гувоҳ ба некию накӯкорӣ медонистаанд. Ҳеродот навиштааст, ки: «Куруш ханҷари тиллоии хоси худро дошт, ки бо он қасам мехӯрд ва ҳеҷ гоҳ онро намешиканид» [30,с.976]. Аз ин ҷо, мо мебинем, ки: «Куруш ханҷари тиллоии худро рамзи покӣ, дурустӣ ва муқаддасӣ медонист. Либоси бо тилло ороиш додаи шоёни сакоиён, ки дар гӯристонҳои Иссиққул ва Тиллотеппа дар замони кушониён дар Афғонистон пайдо шудаанд, ин андешаро таҳти таъкид мегузоранд. Нуқра низ пас аз тилло мавқеи баланде дорад. Он ҳамчунин рамзи покӣ ва асилзодагонии ориёӣ мебошад, ки аз сабаби эҳтироми хоса ба маъданҳо ва арзишҳои иҷтимоии мардуми ориёӣ то имрӯз тоҷикон ба онҳо таваҷҷӯҳ мекунанд» [30,с.976].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (2010) вожаи ФАР(Р) فر 1. нур, дурахш, рахшандагӣ . 2. зебоӣ , ҳусн, барозандагӣ . 3. шаън, шавкат, дабдаба;

карру фар шаъну шавкат, тавоноию ҳашамат маънидод гардидааст. Фарри эзидии тоҷикон дар фарҳанг ва маънавиёти онҳо низ таҷассум ёфтааст. Яъне гузаштагони миллати тоҷик қобилияти хилқии болоравии тафаккур ва волоияти андешаю эҷодро доро гаштаанд.

Тоҷикон на танҳо дар соҳаҳои илм ва адабиёт ба ҷаҳон хизмат карданд, балки дар арсаи давлатдорӣ ва сиёсат низ нақши муҳим доштаанд. Онҳо дар Осиёи Миёна, Эрон ва дигар манотиқи шарқӣ, хусусан дар давраҳои гуногуни таърих, ҳамчун арбобони сиёсӣ ва вазирон шухрати бузург ба даст овардаанд. Масалан, Сомониён дар таърихи тоҷикон ҷои хосае доранд, чунки онҳо пас аз истилои арабҳо ба унвони як миллат, бо забон, адабиёт ва маданияти худ дар ҷаҳон шуҳрат ёфтанд. Ҳамчунин, вазирон ва арбобони сиёсии зиёде аз миёни тоҷикон баромаданд, ки дар хидмат ба давлат ва ободонии кишвар са ҳм гузоштаанд. Мо бархе аз вазирони бузург, ки дар даврони душвор ва ҳассоси таърихи давлатдорӣ нақши муҳими идоракунии кишварро иҷро мекарданд, ба ёд меорем, ба монанди Бармакиён, Хоҷа Низомулмулк ва Хоҷа Шамсиддин Муҳаммади Девон.

Бар асоси маълумоти сарчашмаҳо, Низомулмулк на танҳо як сиёсатмадори барҷаста, балки олими бузург низ буд. Вай дар Нишопур бо Умари Хайём ва Ҳасани Саббоҳ ҳамкурс буд ва илмҳои фиқҳ, фалсафа, риёзиёт ва дигар фанҳои маълуми замонро ба хубӣ омӯхта буд. Низомулмулк на танҳо дар соҳаи сиёсат, балки дар рушди илму адабиёт низ саҳм мегузошт. Ӯ бо маблағгузориҳои худ ва ёриҳои куллӣ шароитеро барои таҳқиқот ва тадқиқоти илмии олимон муҳайё сохт. Масалан, барои Умари Хайёми маъруф, ки мансабҳои илмӣ ва давлатиро қабул намекард, солона 1200 туман маош таъйин кард. Ин маош ба Умари Хайём имкон дод, ки дар Нишопур ба таҳқиқот ва омӯзиши илмӣ ва адабӣ бипардозад, бе ташвиш аз мушкилоти молӣ.

Таълим ва омӯзиши ҷонибҳои мухталифи таърихи халқи тоҷик ва фарҳангу маданияти гузаштагонамон, ҳатто аз давраи наврасӣ, шарт ва талаботи муҳим ва ҳатмии мустаҳкам намудани ҳувияти миллӣ мебошад. Чӣ тавре, ки олими педагогикаи тоҷик Ш. Файзуллоев гуфтааст: «хусусияти этнопедагогикаи тоҷик он аст, ки бояд ба кӯдак дар синни хурдсолӣ меҳнат карданро омӯзанд. Меҳнат карданро ба худ шараф ҳисобанд ва арҷгузорӣ намоянд. Дар робита ба ин методҳои омӯзиш, тақлид, фаҳмондадиҳӣ ва сафарбар намудан истифода бурда мешуд» [152,с.63].

Ҳамин тавр, таълими хусусият ва моҳияти расму ойин, рӯйдодҳо ва шахсиятҳои таърихии халқи тоҷик, бо мақсади омодасозии насли наврас ба зиндагии оянда ва ташаккули ҳувияти миллии онҳо, нақши муҳим мебозад. Ин омил малакаҳои назорат кардан, худидоракунӣ ва ёрӣ расонидан ба якдигарро дар онҳо афзун мегардонад. Дар хонандагон ҳисси кор дар коллектив, масъулиятшиносӣ ва ҳувияти миллӣ зиёд гашта, аз нигоҳи равонӣ барои иҷро намудани корҳои хона, ғамхорӣ нисбат ба атрофиён ташаккул меёбад. Фахруддини Розӣ дар ро ҳи расидан ба мақсад, махсусан дар ҷустуҷӯи илм ва афзудани дониш, кӯшиш ва заҳматро унсури асосии ин раванди муҳиму ҳатмӣ медонад. Вақте ки ӯ ба кӯшишҳои пайваста ва дурушт барои ноил шудан ба мақсад назар мекунад, онҳоро ба қотраҳои оби нарм, ки давоми замон бар санги сахт мерезад, ташбеҳ мекунад. Ин об бо гузашти вақт сангро гум мекунад ва асари худро бар ҷой мегузорад. Аз ин рӯ, инсон набояд ҳеҷ гоҳ дар роҳ ба сӯи орзуҳои худ ноумед шавад, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки кӯшиш ва талоши пайвастаи инсон метавона д монеаҳо ва мушкилотро аз байн барад ва ӯро ба мақсади ниҳоии хеш расонад. Фахруддини Розӣ инчунин ба аҳамияти муҳаббат, шавқ ва ихлос дар раванди расидан ба ҳадаф таъкид мекунад, ки ин омилҳо барои ноил шудан ба орзуҳо ва мақсадҳои зиндагонӣ хеле муҳим мебошанд.

Ҳифзи давлату миллат ва марзу буми кишвар пеш аз ҳама ба дӯши

ҷавонон вогузор аст. Ватанро, ки дар ҳақиқат модари маънавии ҳар як шахс аст, дӯст доштан, қадр кардан ва барои нигоҳубини он кӯшиш кардан, маънои ватандӯстӣ ва муҳаббати амиқи миллатро дар худ таҷассум менамояд. Танҳо одамони ватандӯст ва сарсабз метавонанд бо хештан муҳаббат ба Ватан ва бо тамоми ҳисси масъулият дар таъмини амният ва ободии он кӯшиш намоянд. Насли наврасе, ки муҳаббат ва эҳтироми амиқ ба Ватан дорад ва мехоҳад, ки мамлакаташ ба пешрафт ва тараққӣ расад, бояд бо дастовардҳои илму техникаи муосир, таҷрибаи ҷаҳонии пешрафти иқтисодӣ ва ба рушди давлати худ дар соҳаҳои мухталиф кӯмак расонад. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ барои ҳар як насли наврас ба як асоси муҳими сиёсати давлатии тарбиявии кишвар табдил меёбад.

Бо мақсади таъмини натиҷаҳои самаранок дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, зарур аст, ки як қатор тадбирҳои муассир ба роҳ монда шаванд:

1. Таълим ва омӯзиш: Ба хонандагон таърихи қадима ва имрӯзаи миллати тоҷик, давлатҳо ва миллатҳои дигар омӯзонида шавад, ки онҳо тавонанд бо фарҳанг ва таърихи мардуми худ ва дигар халқҳо шиносоӣ пайдо кунанд.

2. Ташкили саёҳатҳо: Барпо намудани саёҳатҳо ва ташрифҳо ба осорхонаҳо, театрҳо ва мавзеҳои таърихиву фарҳангии кишвар барои шинасоии амиқтар бо таърих ва ҳувияти миллӣ.

3. Намоиш ва китобҳо: Ташкил намудани намоишҳо, ки китобҳои тарбиявии ватандӯстиро намоиш медиҳанд, инчунин беҳтарин асарҳои адибони тоҷик ва ҷаҳонро дар мавзуъҳои ватанпарастӣ ва миллатпарастӣ пешниҳод менамоянд.

4. Мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳо: Ташкил намудани мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳо, ки дар онҳо ҷавонон ва хонандагон дар бораи масъалаҳои ватанпарварӣ ва миллатпарастӣ баҳс мекунанд.

5. Омӯзиш ва асарҳои адабӣ: Омӯзиши ашъори панду ахлоқии адибони

классик ва муосири тоҷик, инчунин асарҳои насрии фарогири мавзуъҳои ватанпарастӣ ва миллатпарастӣ.

6. Викторинаҳо ва мизҳои мудаввар: Ба иштироки ҷавонон викторинаҳо ва мизҳои мудаввар ташкил кардан, ки мавзуи ватанпарастиро таҳқиқ кунанд ва малакаҳои муошерати ҷавонон ва наврасонро таҳким диҳанд.

7. Ҳамкориҳо бо оила ва муассисаҳо: Ҳамкории ҳама ҷониба бо падару модарон, кӯдакистонҳо ва муассисаҳои таълимӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, то муҳити тарбиявии якҷоя ва мустаҳкам барои ташаккул додани ватандӯстии ҷавонон таъсиргузор бошад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пайваста таъкид мекунанд, ки насли наврасу ҷавонон асоси нерӯи созандаи ҷомеаро ташкил медиҳанд. Тарбияи дурусти онҳо ва ҳидоят ба роҳи раванди ҳаёти дуруст, вазифаи муқаддас ва масъулияти аъзоёни ҷомеа, бахусус падару модарон, омӯзгорон ва ҳар як фарди масъул мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки «Наврасон ва ҷавонон созандагони Ватан, бунёдгарони сулҳ ва ваҳдат ва такягоҳҳои боэътимоди давлатҳои соҳибистиқлол мебошанд». Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, нақши ҷавононро дар татбиқи стратегияҳои рушди ҷомеа муҳим шуморида, такид мекунад, ки: «Имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодёти миллии мамлакат ҷавонони бонангу номус содиқона кору фаъолият доранд ва дар рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд» [106,с.364].

Дар сиёсати худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, афзалият бештарро ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи ҷавонон равона мекунанд. Ӯ ҳамеша таъкид менамояд, ки «Ҷавонон ояндаи Тоҷикистонанд». Ба ин маънӣ, ҷавонону наврасони мамлакатро лозим аст, ки ба дарки амиқи ин сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, масъулиятро эҳсос

намуда, ташаббус ва нерӯи созандаро дар роҳи рушди миллат ва давлат равона созанд. Онҳо бояд кӯшиш кунанд, ки дар ҷомеа сазовори мақоми арзанда бошанд, нерӯи эҷодиву илмӣ ва тафаккури созандаву бунёдкоронаи худро дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва хизмат ба миллати худ пайваста рушд диҳанд.

Ватандӯстӣ – ин муҳаббат ба Ватан, садоқат ба арзишҳои маънавӣ, таърихи миллӣ ва фарҳангӣ, дарки амиқи манфиатҳои давлати тоҷикон, ҳисси масъулияти шахсӣ барои мустаҳкам ва таъмини истиқлолият ва тамомияти арзии он мебошад.

## Хулосаи боби якум

Пас аз таҳлил ва баррасии ақидаҳои олимон ва муҳаққиқон хулоса баровардан мумкин аст, ки маънидоди мафҳуми худшиносии миллии шахсият дидгоҳи гуногун дорад. Ин назарияҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамоем, ки инъикоси субъективии омилҳои миллии ба таври объективӣ дар ҷомеаву ҷуддошта шинохт ва худшиносии миллӣ мебошад.

Фаҳмиши вобастагии мутақобил ва умумияти гузаштаи таърихӣ , анъанаҳо ва фарҳанги халқи худ, эҳсоси масъулият ва ифтихор ба таърихи миллати худ, рағбат ба забон, адабиёт ва санъат, инчунин кӯшиш барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ба фарҳанги худшиносии миллӣ оварда мерасонад. Омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогӣ, равоншиносӣ ва фалсафӣ нишон медиҳад, ки худшиносии миллӣ дар пайванд бо омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташкил меёбад. Ин ба тарбияи шахсиятҳои ҷавон бо арзишҳои миллии амиқ мусоидат мекунад, ки дар сурати омӯзиши таърихи миллат ва фарҳанги он, хонандагон тасаввурот дар бораи гузаштаи таърихии хеш, иттифоқ ва манфиатҳои умумии миллиро ба вуҷуд меоранд. Пояи ин система дар тарзи ҳаёти ҷамъиятии халқ ва таъсири муттаҳидкунандаи он аст.

Тибқи дастур ва супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба инкишоф ва рушди маориф диққати махсус зоҳир менамояд ва таъкид мекунад, ки насли оянда дар рӯҳияи ватандӯстӣ, маърифат ва илм тарбия ёбад, то барои пешрафти давлат ва миллат саҳмгузор бошанд. Тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии хонандагон дар ин замина аз масъалаҳои аввалиндараҷаи самти рушди маориф ба ҳисоб меравад. Бо сабаби он, ки агар насли наврас аз таърих ва гузаштаи худ пурра огоҳ бошад, ба фиреби аҷнабиён намеафтад, ояндаи худро дар сатҳи баланд сохта метавонад.

Мумкин аст, ки консепсияҳои гуногуни илмиро ҷамъбаст намуда, самтҳои рушди назарияи худшиносиро фарқ кунем: табиатшиносӣ (шомили психология ва педагогика), фалсафӣ ва динӣ .

Арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон, махсусан дар таълими фанни таърих, метавонад самараи нек ва таъсири назаррас дошта бошад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун як омили муҳим, дар рушди худшиносии миллӣ нақши калидӣ доранд. Тарбияи арзишҳои миллӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ ки ба аҳамияти умумияти миллӣ ва ба арҷгузории арзишҳои миллӣ асос ёфтааст, ба хонандагон кӯмак мекунад, ки як фаҳмиши амиқ ва равшан дар бораи мавқеи худ ва миллат дар ҷомеа пайдо кунанд.

Оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти олимон, асарҳо, назарияи таърих ва ормонҳои донишмандони машҳури тоҷик ва дигар халқу миллатҳо таҳлил ва баррасӣ гардида, нуқтаи назари онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт. Аз он ҷумла муайян гардид, ки раванди педагогӣ аз сарчашмаи пайдоиши худ хусусияти воқеӣ буданро дорад, зеро талаботи воқеии ҷомеа таълиму тарбияи насли наврас, ба онҳо додани таҷрибаи иҷтимоии замони гузашта ва ҳозира мебошад. Ташаккули сифатҳои шаҳрвандии насли наврас сабабгори баланд шудани сифати таълим мегардад. Ҷузъиёти асосии раванди маҳорати педагогии омӯзгор, шавқу рағбат ва майли инфиродии хонандагон, сатҳи ташкили раванди педагогӣ мебошад. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии рушди хештаншиносии хонандагон дар муассисаҳои та ҳсилоти миёнаи умумӣ

нишон медиҳад, ки унсурҳои субъективӣ дар раванди педагогӣ аҳамияти калон доранд. Ин унсурҳо дар асл аз ҷониби шахсоне ворид карда мешаванд, ки иштирокчиёни бевоситаи раванди таълим мебошанд, яъне омӯзгорон ва дигар мутахассисони соҳа. Онҳо бо истифода аз таҷрибаи шахсии худ, ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва методологияҳои педагогии хос, тарзи фаъолият ва муносибатро дар ҷараёни таълим шакл медиҳанд. Барои инсоният муҳим аст, ки танҳо ба таҷрибаи худ эътимод дошта бошад, чунки ба чизи дигаре такя карда намешавад. Аммо бо ҷой доштани нодонӣ ва ҷаҳлу кӯтоҳназарӣ баъзе аз одамон дар зиндагии хеш пеш рафта наметавонанд. Донистани таърихи халқи худ ба ақидаи олимони таърихшинос боиси дарки вазъияти муосир ва банақшагирии фаъолият дар оянда мегардад. Таърихи давлатдорӣ ва фарҳанги қадимаи тоҷикон дар миқёси ҷаҳонӣ аҳамияти махсус дорад ва таълими фанни таърих дар заминаи омӯзиши сулолаҳои Бармакиён, Навбахтиён ва давлатҳои мустақили тоҷикон, аз қабили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Бувайҳиён, Ғуриён ва дигарон дар ҳудуди собиқи давлати Сосониён, барои ташаккули хештаншиносии хонандагон таъсири мусбат ва судманд мерасонад. Омӯзиши таърихи ин сулолаҳо ва давлатҳо, ки нақши муҳими таърихии худро дар рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа доштанд, ба хонандагон имконият медиҳад, ки эътибори гузаштагонашонро шиносоиву эҳтиром кунанд.

Адибони классики тоҷик оид ба тарбияи насли наврас ва арзишҳои миллӣ ақидаҳои зиёди фалсафӣ ва назариявиеро пешниҳод намудаанд, ки дар илми педагогика мавқеи махсусро соҳиб гаштааст. Масалан, шоҳ Наср бинни Аҳмади Сомонӣ аз Рӯдакӣ хоҳиш менамояд дар ҳузури адибони араб шеъре хонда исбот кунад, ки шеър ва шоири мулки Бухоро камтар аз араб нест. Ё ин ки дар “Маснавии маънавӣ ” – и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки аз Бухорову Самарқанд, Балху Бадахшон ёд мешавад, вобаста ба мавзуъ ду чиз падид меояд: ё эҳсоси болидагӣ аз Ватану одамону одоби вай, ё навмедӣ аз дуриву дастнорасиаш. Достони диниро маҳз ҳамин рӯҳия - меҳру ёди ватан ба меҳри Ватан ҳам табдил додааст. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ низ

ҳамин навъ эҳсосро мебинем. Шоир дар ғазалҳояш ёди диёр мекунад ва дар ғарибӣ боз ҳам бештар ба асли хеш рӯ оварданро орзу мекунад.

Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Фаридуддини Аттор, Ҳофизи Шерозӣ, Фахруддини Розӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Сайидо ва Аҳмад Махдуми Дониш низ иртиботи байни зиёии тоҷик ва давлати бегонаро дар асрҳои гузашта таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Ватан ба ҳоли худ, давлат ба ҳоли худ ва зиёӣ ба худ. Аммо, наметавон чунин пиндошт ва навишт, ки ҳамаи равшанфикрони мо ба ин ақидаву ин маром буданд. Ормони асосии ин адибон он аст, ки ба бегонапарастӣ дар давлатдорӣ муқобиланд ва барои ватандорӣ фарзанди ватанро суроғ доранд. Ин идеяи басо муҳим ва принсипиалист, чунки дили бегона ба мулк намесӯзад.

# БОБИ II. МАЗМУНУ МУНДАРИҶА ВА РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШАККУЛИ ХЕШТАНШИНОСИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАЪЛИМИ ТАЪРИХИ УМУМӢ

Принсипи муттасилии таълим дар бобати идора ва роҳбарии оқилонаи педагогӣ ба ҷараёни таълиму тарбия аз талаботи ба амалия ҷорӣ карда тавонистани назарияи маҷмӯи донишҳо вобастагӣ дошта, бештар мувофиқи ташкили илмии меҳнат ба шаклу намуди иловагии корҳои эҷодӣ, соатҳои тарбиявӣ, машғулиятҳои семинарӣ, конфренсияҳои илмӣ-амалӣ ва бадеӣ, олимпиадаҳо, саёҳат (экскурсия)-ҳои эҷодӣ ба табиати зинда, сайёҳат ба истеҳсолот (корхонаҳои меҳнатӣ ва муассисаҳои базавӣ) ва ғайра мусоидат мекунад, ки дар адабиёти илмӣ ба таври номукаммал ҳал гардидаанд. «Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад» [105,с.92].

Ватанпарастӣ арзиши муқаддасест, ки дар тарбия нақши асосӣ мебозад. Ин мафҳум дар калимаҳои зодгоҳ, диёр, кишвар, сарзамин ва Ватан ифода меёбад. Дигар унсурҳои тарбия низ бо ин бунёди ҳувияти мамлакат иртибот дошта, садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш ифода менамоянд. Ватанпарастӣ на танҳо маънои муҳаббат ба Ватанро дорад, балки масъулият ва садоқат ба ҳимоя ва рушди он низ дар бар мегирад. Ин арзиш бояд дар зеҳн ва дили ҳар як шахс аз кӯдакӣ парвариш ёбад, то ки дар оянда ба як шахсияти боэҳтиром ва муътабар дар ҷомеа табдил ёбад.

## 2.1. Сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Замони муосир талаб мекунад, ки фаъолияти ҷавонон ва наврасон дар самти таҳкими пояҳои маърифатӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба сатҳи нав бардошта шавад. Аз ин рӯ, тарбия намудани шахсиятҳои донишманд ва ватандӯст

вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи маориф ва созмонҳои идеологӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин раванд нақши таълими фанни таърихи умумӣ ниҳоят муҳим аст. Бахусус, тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, миллатпарастӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таърихӣ ва фарҳангии миллат яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тарбияи ватанпарастӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар соҳаи маориф мебошад, дар назди омӯзгорон вазифаҳои бузургро мегузорад. Ин намуди тарбия фаъолияти бисёр ҷанба, муназзам ва ҳадафмандона мебошад, ки ҳамкории идораҳои давлатӣ, сохтор ва муассисаҳои ҷамъиятиро талаб мекунад ва ба ташаккули шуури ватанпарастӣ ва ҳисси садоқат ба Ватан равона шудааст.

«Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, мактаб дар Тоҷикистон бо ёрии як қатор фанҳои таълимии табиатшиносӣ ва математика, гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ, технологияҳои меҳнат ва технологияи информатикӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва эстетикӣ ба амал бароварда мешавад. Дониш ва махорат аз фанхои табиатшиносӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки хусусиятхои инкишофи табиат, хосиятҳои биологӣ, химиявиро аз худ намуда, роҳу воситаҳои татбиқ, қуллаи фаъолияти инсонро бинанд Фанҳои таълимии давр бо категорияҳои математикӣ сарукор доранд чаҳорчӯба, андоза, ченак, хат, рақам, майдонҳо, бо химия, физика ва баъзе дигар ҳисобҳои анъанавӣ бо фаъолиятҳои меҳнатӣ ва истеҳсолӣ зич алоқаманданд. Наздиктар ба фаъолияти истехсолии инсон информатика ва техникаи хисоббарорӣ мебошад» [37,с50].

Мувофиқи барномаи таълимии фанни таърихи умумӣ, хонандагон аллакай аз таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёна дар бораи пайдоиш ва ташаккули давлатҳо ва ҷомеа маълумот пайдо мекунанд. Чунин маълумотро хонандагон ҳангоми омӯхтани таърихи давлатҳои қадими Юнону Рим, Ҳиндустону Чин, Мисру Хеттҳо, Ҳахоманишиёну Бохтар, Бобулу Ошур, Шумеру Акад, Финикияю Фаластин, Хоразму Урарту ва давлатҳои

асримиёнагии Эрону Арабистон, Сосониёну Русияву Киев, Византию Туркия ва Олмону Италия, дигар давлатҳо ба таври мушаххас ба даст меоранд ва барои омӯхтани таърихи нав замина мегузоранд. Дар оғози давраи нави таърихи башар, маданияти Эҳё, кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ, Реформатсияи Аврупо, империяи Византия, инқилоби буржуазии Нидерландия ва инқилоби буржуазии Англия саҳмгузорӣ кардаанд. Аммо сабаби асосии пайдоиши давраи нав маданияти Эҳё мебошад. Давраи Эҳё имкон дод, ки муносибатҳои сармоядорӣ ба вуҷуд оянд. Пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ ба инсоният кашфиёти бузурги ҷуғрофиро ҳадя намудааст. Таърихи умумӣ аз пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ, кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ва инқилоби буржуазии Нидерландия дар миёна ҳои асри XIX маълумот медиҳад.

Ҳар як давраи таърихӣ нишонаҳо ва хусусиятҳои хоси худро дорад, ва давраи нав низ истисно нест. Масалан, дар охири асрҳои миёна ва оғози давраи нав, мардуми Аврупо ба маданияти антиқа рӯ оварданд, ки ин раванд ҳамчун Эҳё маъруф аст. Ин эҳёгарӣ ба тамоми соҳаҳои зиндагӣ, аз ҷумла санъат, илм, фалсафа ва адабиёт таъсири амиқ гузошт. Дар ин замон, давлатҳо аз тобеияти калисо ва дин озод шуданд ва замина барои шаклгирии ҳукуматҳои дунявӣ ва қонунҳои муосир фароҳам оварда шуд.

Аз асрҳои XVI-XVII сар карда, оҳиста-оҳиста ҷойи истеҳсолоти сехӣ ва косибиро истеҳсолоти мануфактурӣ ишғол мекунад. Дар ин давра, истеҳсолоти мануфактурӣ афзоиш ёфт ва он боиси болоравии ҳосилнокии меҳнат гардид. Дар асри XVIII, ихтирои мошинҳои механикии пурмаҳсул ин равандро боз ҳам тезонд. Мошинҳои нави корӣ ба истеҳсолот ҷорӣ карда шуданд, ки ин ба таври назаррас самаранокӣ ва миқдори маҳсулоти истеҳсолшударо афзуд.

Дар нимаи дуюми асри XVIII, дар мамлакатҳои пешқадами Аврупо, пеш аз ҳама дар Англия, инқилоби саноатӣ ба амал омад. Инқилоби саноатӣ як табаддулоти бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буд, ки ба тамоми соҳаҳои зиндагии инсон таъсири бузург расонд. Дар натиҷаи инқилоби саноатӣ,

гурӯҳҳои нави иҷтимоӣ пайдо шуданд. Аз ҷумла, корчаллонҳо, соҳибкорон, бонкдорон, коргарони кироя ва зиёиёни буржуазӣ ба вуҷуд омаданд ва мавқеи худро дар ҷомеа мустаҳкам карданд.

Ҳамин тариқ, дар давраи нави таърихӣ, инсоният ба марҳилаи сифатан нави рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ расид. Ин равандҳо боиси инкишоф ёфтани муносибатҳои нави истеҳсолӣ, ташаккули қишрҳои нави иҷтимоӣ ва афзоиши шуури ҷамъиятӣ гардиданд. Давлатҳо бо роҳбарии шахсони донишманду эҷодкор ба пояҳои нави рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ расиданд. Инқилобҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX ба амал омаданд, тартиботи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷаҳонро тағйир доданд. Инқилобҳои Англия ва Фаронса на танҳо тартиботи сиёсии ин кишварҳоро дигар карданд, балки ба тамоми ҷаҳон паём фиристоданд, ки тағйирот ва пешрафт ногузир аст.

Дар натиҷа, ҷаҳон ба марҳилаи нави таърихӣ ворид шуд, ки дар он илм, саноат ва маданият ба пояҳои нави рушд расиданд. Давраи Эҳё имконият дод, ки муносибатҳои сармоядорӣ ба вуҷуд оянд, ки ин равандҳо ба пешрафти илм ва ихтирооти нав мусоидат карданд. Пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ ба инсоният кашфиёти бузурги ҷуғрофиро ҳадя намуд, ки боиси вусъати доираи дониш ва васеъ шудани марзҳои ҷаҳон гардид. Таърихи умумӣ аз пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ, кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ва инқилобҳои буржуазӣ маълумоти васеъ медиҳад, ки ин ҳама барои омӯхтани таърихи нав замина мегузоранд.

«Технологияи меҳнат ё рассомӣ, мусиқӣ, суруд дар алоқамандии бевоситаи худ бо фанҳо низ ба талабагон дониш мебахшанд ва вазифаи худро иҷро мекунанд. Вазифаҳои тарбиявии хонандагон ҳоло ба тамоми фанҳо, аз ҷумла ба фанни таърих, ҷалб карда шудаанд. Бо ёрии таърих масъалаҳои маориф низ ҳал мешаванд. Ба инҳо дониш дар бораи гузаштаи аҷдодон, сохтори давлат, дар бораи сиёсат, иқтисод ва рушди давлат, дар бораи саҳифаҳои қаҳрамонии гузашта, дар бораи дигар алоқаҳои мамлакат, соҳаи иҷтимоӣ дохил мешаванд, ки дар ҳаёти минбаъдаи хонандагон ҳам

инкишоф меёбад, дохил мешаванд» [37,с50].

Педагоги боистеъдод, академик Лутфуллоев М. дар асоси нақшаи таълимии "Ифтихори Ватандорӣ " як дастури таълимӣ таҳия намудааст, ки ҳамаи ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстро дар бар гирифта, вазифаҳои ин тарбиятро муайян менамояд. Таъкид карда мешавад, ки "тарбияи ватандӯстӣ бояд дар ҷараёни таълиму тарбия бо истифода аз унсурҳои миллии тарбия амалӣ гардад."

Дар ин ҷодда бештар маҳсули эҷодии шоирон ва нависандагони тоҷику форс ҳамчун далели ташаккули шуури миллӣ ва тарбияи ватандӯстии шахсият хизмат мекунад» [60,с.49]. Муҳаққиқ инчунин қайд менамояд, ки: «зимни таълим тарбия дода шавад, чунки ватандӯстӣ ин танҳо бо дӯст доштани Ватани соҳибистиқлол ва муҳаббат ба маҳалли хеш, минтақа, вилоят ва ноҳия анҷом намеёбад. Ватандӯстӣ омодагӣ , муҳаббат ба Тоҷикистони ягона ва тақсимнопазир, садоқат ба он, садоқат ба халқ ва кӯшишҳоро баҳри пурқувват гардонидани тавоноии кишвар ифода менамояд» [61,с.179].

Тарбияи ватанпарастӣ бояд яклухт ва мукаммал сурат гирад. Ин усул муҳимтарин хусусияти тарбияро ифода намуда, ҳадафи он ташаккули ҳамаҷонибаи шахсиятро дар бар мегирад. Муҳаққиқ Туронов С. дар таҳқиқоти худ оид ба тарбияи ватандӯстӣ қайд кардааст, ки «усули яклухт хусусияти қонунии тарбияи ватандӯстиро дошта, яке аз принсипҳои тарбияи хонандагон мебошад ва он ба таври воқеӣ мувофиқати пурраи тарафҳои шахсияти инкишофёфтаро талаб мекунад» [130,с.189].

Барои ҳамин, тарбияи инсони комил ва маънавӣ аз муҳимтарин вазифаҳои низоми ҳозираи таҳсилот маҳсуб меёбад. Имрӯз, дар ҷомеаи демократии мо, аҳамияти масъулияти шахсии инсон нисбат ба худ ва ҷомеа, сатҳи вазифа ва виҷдони маънавии ӯ, инчунин ташаккул ва камолоти ахлоқии шахсият ҳарчи бештар аҳамият дода мешавад. Дар ҳамин ҳол, таҳия ва қабули талаботи муайяни ахлоқӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва ворид кардани ин талабот ба шуури ҳар як шахсият зарур аст. Чуноне ки қаблан

зикр шуд, ин масъала дар ҷомеа аз хурдсолӣ дар раванди тарбияи маънавӣ ба таври муттасил ҳалли худро меёбад.

Коршиносон бар ин назар ҳастанд, ки дар раванди тарбияи ватанпарастӣ дар муассисаҳои томактабӣ, истифодаи маводи мустаҳкамкунанда, ба монанди видеофилмҳо, ки ба мавзуъҳои санъат ва фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, мусиқӣ, меъморӣ ва зебоипарастӣ бахшида шудаанд, аҳамияти калон дорад. Дар муассисаҳои таълимӣ, ташкил кардани лексияҳо, суҳбатҳо, ҳикояҳо, маҳфилҳои адабӣ ва тематикӣ, ки ба тарбияи ватандӯстӣ, манфиатҳои миллии давлат, мубоҳисаҳо, викторинаҳо, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, мизҳои мудаввар, конференсия ва семинарҳо равона шудаанд, хеле муҳим мебошад.

Зикр кардан зарур аст, ки Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамеша таъкид мекунанд, ки хонандагон ва дониш ҷӯён бояд бештар ба чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангӣ ҷалб шаванд, то ки барои нишон додани истеъдодҳои худ дар дохили кишвар ва берун аз он имкониятҳои бештар пайдо кунанд.« Ҳадафи Пешвои миллат аз ин ташаббус дар он аст, ки ҷавонон барои зуҳури истеъдоду маҳорат, ба таври васеъ амалӣ гардонидани нақша ва имконотҳои худ монеаеро дар зиндагии худ эҳсос накунанд ва ҳамеша озоду муваффақ бошанд» [130,с.189].

Барои он ки ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихор аз давлатдории миллии худ дар қалби хонандагон ҷой бигирад, онҳо бояд бо таърих ва фарҳанги қадимаи халқашон ошно шаванд. Мутасифона, ки дар аксари ҷавонони имрӯз танбалӣ, худфиребӣ ва беҳудагузаронии вақт дид мешавад. Дар ҳамин замина, ишора кардан ба асари маъруфи адабиёти давраи қадим, «Корномаи Ардашери Бобакон», ба мақсад мувофиқ аст, зеро он дар тарбияи худшиносӣ, далерию ҷасорат ва меҳнатдӯстии хонандагон нақши муҳим мебозад. «Корномаи Ардашери Бобакон» як асари навиштаи ӯ давраи Сосонӣ мебошад, ки тахминан дар асри VI мелодӣ ва дар давраи ҳокимияти подшоҳи Хусрави Анӯшервон таҳия гардидааст. Ин асар таърихӣ аст ва

метавонад барои тарбияи арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ дар насли ҷавон кӯмак кунад.

Дар пойгоҳи таҷрибавии омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хонандагони синфи ва 8, ки тибқи Барномаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик давраҳои мутобиқ ба сулолаи Сосониёнро меомӯзанд, ин асар хонда ва муҳокима гардид. Аз 45 нафари хонандагони синфи ва 8-уми муассисаи таҳсилоти миёна умумии рақами 57–и ш. Душанбе дар озмоиш иштироknамуда ба саволи «Далерию ҷасурӣ ва ростқавлӣ ба худшиносии миллӣ таъсир расонида метавонад?» ҷавобҳои хонандагон чунин натиҷа нишон дод, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Аз 43 нафари хонандагони синфи 8-уми муассисаи таҳсилоти миёна умумии рақами 2-юми ноҳияи Рудакӣ дар озмоиш иштирок намуда, ба саволи «Рафтори ибратбахш» ҷавобҳои хонандагон чунин натиҷа нишон дод, ки дар ҷадвали 2 пешниҳод карда шудааст.

*Ҷадвали 1*

| т/р | МТМУ (санҷиш ҳо) | ***Синфи 8$^{А}$*** | ***Синфи 8$^{Б}$*** | ***Натиҷа бо нишондоди фоиз*** |
|---|---|---|---|---|
| | | ***Гурӯҳи озмоишӣ*** | ***Гурӯҳи назоратӣ*** | |
| | | **Давраи аввали озмоиш** | | |
| ***1*** | ***№57-и шаҳри Душанбе*** | ***22*** | ***23*** | 45,2 |
| ***2*** | ***№77-и шаҳри Душанбе*** | ***23*** | ***25*** | 34,1 |
| ***3*** | ***№1-и н.Рудакӣ*** | ***21*** | ***24*** | 36,6 |
| ***4*** | ***№2-и ноҳияи Рӯдакӣ*** | ***20*** | ***23*** | 49,1 |
| ***5*** | ***№50-и ноҳияи Восеъ*** | ***24*** | ***24*** | 39,3 |
| ***6*** | ***№23-и ноҳияи Восеъ*** | ***23*** | ***24*** | |
| ***Ҳамагӣ*** | | ***133 + 143 = 276*** | | |

Дар озмоиш хонандагони синфҳои 8А иштирок намуданд. Аз инҳо 143 нафар синфҳои 8Б озмоишӣ ва 133 нафар синфҳои 8-и назоратӣ буданд. Дар умум 276 аз 6 муассисаи озмоишӣ раванди таълими фанни таърихи 14 нафар омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ ба назорат ва озмоиш гирифта шуд.

Ба гӯрӯҳҳои озмоишӣ бо саволҳои зерин мурочиат карда шуд: «Оё Шумо боварӣ доред, ки зиндагии хуби ояндаи инсон ба худшиносии миллӣ вобаста аст?». Ҷавоб: 32 нафар – ба дараҷаи баланд (47,8 %), 7 нафар – ба дараҷаи миёна (14, 5%), 7 нафар – ба дараҷаи паст (19,2%) ва 9 нафар – доштани маълумоти нокифоя (17,2%).

«Оё ба назари Шумо тарбияи худшиносии миллии хонандагон дар фанни таърих ҷой дорад?». Ҷавоб: 14 нафар – ба дараҷаи паст (35%), 3 нафар – ба дараҷаи миёна (4,5%), 7 нафар – ба дараҷаи паст (17,1%), 8 нафар – доштани маълумоти нокифоя (19,3%).

«Оё Шумо метавонед вазифа ҳои хонандаи муосирро дар ро ҳи тарбияи худшиносии миллӣ номбар кунед?». Ҷавоб: 14 нафар – ба дара ҷаи баланд (33%), 5 нафар – ба дара ҷаи миёна (10%), 18 нафар – ба дара ҷаи паст (43,2%), 4 нафар – доштани маълумоти нокифоя (8%) ва 3 нафар – дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд (4,3%).

Умуман, аз теъдоди умумии хонандагони дар пурсиш иштирокдошта 306 ҷавоби «ба дараҷаи баланд» (65%), 85 ҷавоби «ба дараҷаи миёна» (32%), 138 ҷавоби «ба дараҷаи паст» (6%), 219 ҷавоби «доштани маълумоти нокифоя» (7%) ва 67 ҷавоби «дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд» (3%) ба ҳисоб гирифта шуд. Ҳамин тариқ, пас аз гузаронидани озмоиши таҳқиқотӣ фарқияти ҷавобҳо ба саволҳои пурсишнома байни синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ чунин буд: ба дараҷаи баланд – 343 муқобили 306, ба дараҷаи миёна - 101 муқобили 85, ба дараҷаи паст- 133 муқобили 138, доштани маълумоти нокифоя - 60 муқобили 128 ва дар ҷавоб душворӣ кашидан - 18 муқобили 57. Динамикаи болоравии сатҳу сифати худшиносии миллии хонандагон ва ин натиҷаҳо на танҳо самаранокии гузаронидани озмоишро бо мақсади ошкор кардани дониши хонандагон оид ба тарбияи худшиносии миллӣ дар раванди таълими фанни

таърих нишон медиҳад, балки роҳҳои дар оянда беҳтару хубтар намудани сифати таълиму тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, омӯзиши кору пайкори қаҳрамононаи халқи тоҷикро низ инъикос менамояд.

Бо мақсади таҳқиқу омӯзиш ва назорати раванди болоравии худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои озмоишӣ як қатор чорабиниҳои беруназсинфӣ гузаронида шуд. Аз ҷониби омӯзгори фанни таърих Маҳмудова С. дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соати тарбиявӣ оид ба таҷлили Ҷашни Наврӯз ташкил ва гузаронида шуд.

Дар раванди озмоиш мушоҳида гашт, ки хонандагон бо шавқу рағбати зиёд ба ин ҷашни миллии аҷдодонамон таваҷҷуҳ доранд. Бо мақсади аҳамияти баргузории чорабиниҳои хусусияти миллидошта ба тарбияи худшиносии миллии хонандагон як моҳ пеш аз таҷлили иди Наврӯз ба онҳо бо саволи зерин муроҷиат карда шуд: «Ба андешаи Шумо таҷлили иди Наврӯз ба худшиносии миллӣ таъсир мерасонад ё не?». Ҷавобҳои хонандагон чунин буданд: аз 36 нафар хонанда 21 нафар ҷавоби мусбат доданд, ки 62,3%-ро ташкил медиҳад, 12 нафар ҷавоби манфӣ доданд ва он 36,7%-ро ташкил медиҳад, 3 нафари боқимонда дар ҷавоб додан худдорӣ карданд, ки аз 1% иборат аст.

Аз натиҷаи таҳқиқот муайян гашт, ки корҳои амалӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо хонандагон ҷиҳати ташаккули худшиносии миллии онҳо дар раванди фанни таърих нишондоди мусбат медиҳад ва ин таҷрибаро метавон ба таври васеъ дар дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ истифода бурд. Дар қисми муқаррарнамоии вазъияти таҳқиқот ба хулосае омадем, ки нишондоди болоравии худшиносии хонандагон бо ин усул 33%-ро ташкил медиҳад.

Ҷавонон бояд аз сарнавишти ибратомӯзи гузаштагони худ, қаҳрамониҳои фидокоронаи мардуми тоҷик ва таърихи куҳан ва муосири миллати худ огоҳ бошанд. Бе донистани ин маърифати гаронбаҳо ва таълимоти гузашта, наметавон ватандӯст ва миллатдӯсти ҳақиқӣ шуд.

Ҳисси ватандорӣ ва дӯст доштани миллат танҳо дар натиҷаи фаҳмидан ва дарки амиқи мафҳумҳое ба монанди Тоҷикистон, Модар-Ватан, Ваҳдат, истиқлолият, давлатдорӣ, сулҳ, ягонагӣ, ҳамбастагӣ, якпорчагӣ, шукргузорӣ ва монанди инҳо ташаккул меёбад.

Ба нақшагирии корҳои таълиму тарбия аз ҷониби роҳбари синф асосан дар заминаи таҷрибаҳои педагогӣ сурат мегирад. Дар нақша тамоми кор барои татбиқи тарбияи фарогир равона карда шудааст. Нақшаи комил ҳамон нақшаест, ки он бо воқеияти ҳаёт, бо талаботи маънавии хонандагон мутобиқ бошад. Натиҷаи таълим мақсаднок ва раванди он самаранок хоҳад буд, агар дар он низоми амалигардонии саводнокии таърихии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ муайян ва риоя карда шавад. Дар нақшаи таълимӣ мухлати иҷрои корҳо ва вазифаҳо дақиқ муайян шуда, ҳамзамон, имкониятҳои фарогир, таҷриба, шавқу ҳавас ва майлу хоҳишҳои хонандагон низ ба назар гирифта мешаванд. Ин равиш имконият меди ҳад, ки раванди таълим ва тарбия мутобиқ ба ниёз ҳои инфиродии ҳар як талабагӣ бошад ва барои рушди ҳама ҷонибаи онҳо шароит фароҳам оварад.

Бунёди нақша бо дақиқ муайян намудани мазмуну муҳтавои кор, мухлати иҷрои он ва таъини шахсони масъул барои иҷрои вазифаҳо асос меёбад. Ин тартиб имкон медиҳад, ки корҳо бо самаранокӣ анҷом ёбанд ва масъулияти ҳар як иштирокчии раванди иҷроиш равшан ва мушаххас бошад.

Нақша амалигардонии саводнокии таърихии хонандагон дар кор ҳои беруназсинфӣ бояд дурбинона бошад. Ин имкон медиҳад, ки дар он мизон ва ҷараёни кор дуруст қайд гардад.

Ин талабот нисбат ба тартиб додани нақшаи кори роҳбари синф бо меъёрҳои вақт ва муқаррароти мавҷуда комилан мувофиқанд. Чӣ қадаре ки нақша пурратар таҳия гардад, ҳамон қадар мазмуну муҳтавои он бойтар мешавад ва аҳамияти тарбиявии он низ боло меравад. Нақшае, ки ин талаботро пурра қонеъ мегардонад, санҷидан ва такмил он душвори эъҷод намекунад, ки дар ати ҷа он барои истифодаи амалӣ бисёр муфид ва самарабахш мегардад.

Албатта, та ҳияи нақшаи амалисозии саводнокии таърихии хонандагон дар доираи корҳои беруназсинфӣ, мисли тамоми фаъолияти роҳбари синф, як раванди эҷодӣ аст. Эҷодкорӣ дар гуногунии сохт ва муҳтавои нақшаҳо равшан мушоҳида мегардад. Ингуна тағйирот аз сабаби гуногунии таркиби хонандагон ва хусусият ҳои махсуси шароити маҳал рух медиҳад. Бо вуҷуди ин, ҳар як нақша бояд самтҳои асосии раванди тарбиявиро (дар чоряк ё нимсола) инъикос намояд. Дар ҳар нақшаи корие, ки дар синф татбиқ мегардад, бояд нишонаҳои муҳими тарбияи маънавию ахлоқии хонандагон, дастовардҳои онҳо дар таълим ва рушди шахсиятӣ возеҳ намоён бошанд.

Дар таҳияи нақша, ҳатман вазифаҳои асосӣ ҷудо гардида, онҳо дар маркази диққати роҳбари синф қарор мегиранд. Дар ин нақша бояд машғулиятҳои педагогӣ, ки ба тарбияи ғоявию сиёсӣ, ахлоқӣ, ме ҳнатӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии хонандагон равона шудаанд, пешбинӣ шаванд. Ҳамзамон, ташаккули шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ ва меҳнати фикрӣ низ муҳим аст. Муносибати фарогир ва муназзам ба ташкили ҳаёти хонандагон заминаи муҳими рушди ҳамаҷонибаи шахсиятҳои онҳо мегардад.

Нақшаи кори роҳбари синф инчунин муносибат бо созмонҳои талабагӣ, ҳамкории фаъол бо волидайн ва ҷалби ҷомеа ба раванди таълиму тарбияро дар бар мегирад. Ин нақша бояд мутобиқат ва ягонагии фаъолияти мактаб ва оиларо таъмин намуда, ба рушди ҳаматарафаи хонандагон мусоидат намояд.

Дар асоси нақшаи кори роҳбари синф, фаъолони синф нақшаи кори хонандагонро таҳия намуда, онро дар маҷлиси умумӣ муҳокима ва тасдиқ менамоянд.

Дар раванди таълиму тарбия масъалаи ташаккули арзишҳои олии инсонӣ низ мав ҷуданд, ки онҳо асоси ҳаёти мо ва тарбияи насли наврас ва ҷавононро муайян намуда, дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо дар ташаккули шуур, маишат, урфу одат, анъана ва ахлоқу одоби мо ва фарзандонамон ёрӣ мерасонанд. Яке аз арзишҳои миллии мо ҷашни таърихии Наврӯз мебошад, ки таърихи шаш ҳазорсола дорад ва бо ибтикори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 феврали соли 2010 бо Қарори Ассамблеяи Генералии

СММ ба Наврӯз мақоми байналмилаллӣ дода шуд. Инак, аз ҳамон сол аст Наврӯзи байналмилаллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ботантана ҷашн гирифта мешавад, ки ин боиси ифтихори бузурги миллати тоҷик дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ мебошад. Албатта, ин ибтикорот дар назди падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа масъулияти баланд дошта, моро вазифадор менамояд, ки аз падида ҳои ахлоқии Наврӯз самаранок истифода барем.

Дар давраи ҳукмронии сулолаи Сомониён расму ойинҳои аҷдодии тоҷикон риоя карда мешуданд. Мамлакат бошад, тавассути девонҳо идора карда мешуд. Девони вазир муҳимтарин идораи марказии давлати Сомониён ба ҳисоб мерафт, ки идора ва назорати тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатро бар уҳда дошт. Сардорони ҳамаи девонҳои дигар ба ин идора итоат мекарданд. Ба мансаби роҳбари ин девон, ки бо унвони вазир ё ҳоҷиби бузург машҳур буд, маъмулан намояндагони се хонадони асосӣ — Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбӣ таъин мешуданд. Ҳамаи қувваҳои ҳарбии давлати Сомониён низ зери фармон ва назорати ҳо ҷиби бузург қарор доштанд.

Девони амид-ул-мулк масъулияти идораи ҳама гуна ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дипломатӣ бо дигар давлатҳоро ба дӯш дошт.

Девони со ҳиб-уш-шурот масъулияти нигоҳдорӣ ва идораи гвардияи Сомониёнро бар уҳда дошт. Ин ниҳод ба таъмини озуқа, пардохти моҳона ва ниго ҳубини лашкар назорат мекард.

Девони соҳиб-ул-барид (сардори почта) масъули расонидани муросилоти давлатӣ буд. Коркунони ма ҳаллии ин девон на танҳо вазифаи хатбариро иҷро мекарданд, балки дар бораи ҳокимон ва маъмурони ма ҳаллӣ ва рафтори онҳо хабар ҳои махфӣ низ ба маркази давлат мерасонданд, ки бо ҳамин вазифаи «махкамаи сиёҳ»-ро ба ҷо меоварданд.

Девони муҳтасиб масъули назорат ба бозор, тарозу ва молҳои фурӯшии барзгарон буд. Вай ҳақ дошт, ки фурӯши молҳои қалб ва пасифатро манъ кунад, инчунин ба нархи гарон фурӯхтани маҳсулот дар бозорро мамнӯъ

созад.

Муассиса ҳои ма ҳаллии ҳамаи ин девонҳо, ба истисноi девони барид, аз як тараф, ба ҳокимон итоат мекарданд, ва аз тарафи дигар, ба девони марказии худ итоат мекарданд.

Аксарияти ҳокимони вилоятҳо аз байни аъён ва ашрофи заминдори бонуфуз, ки маъмулан аз авлоди ҳокимони гузаштаи ма ҳаллӣ буданд, таъйин мешуданд.

Дар асри Х, дар давраи Сомониён, рӯҳониёни ислом нақши муҳим мебозиданд. Дар Мовароуннахр, асосан, мазҳаби Ҳанафия паҳн шуда буд. Саррӯҳонӣ, ки дар ибтидо "устод" номида мешуданд ва баъдтар лақаби "шайхул-ислом"-ро қабул карданд, дар давлати Сомониён мақоми баландеро ишғол мекарданд.

Аммо тарзи идораи давлат, ки: «Сомониён таъсис дода буданд, ҳаргиз нишон намедиҳад, ки ин давлат марказиятро ба таври қатъӣ дар бар гирифта бошад» [Кит. дарсӣ с. 7, 383.].

Дар давраи тамоми ҳокимияти Сомониён, талошҳои ҳокимияти марказӣ барои муқобили бо ниятҳои марказгурези феодалҳои заминдори мустақил бартараф нагардид. На Исмоили Сомонӣ ва на ворисони ӯ, бо вуҷуди муборизаи шадиде, ки барои таҳкими ҳокимияти мутамарказ мекарданд, натавонистанд системаи марказияти қатъиро дар бисёр минтақаҳо ва гӯшаҳои Осиёи Миёна амалӣ созанд. Гарчанде ки вилоятҳои Хоразм, Ҷағониён, Хатлон ва дигарон дар ҳайати давлати Сомониён қарор доштанд, ҳокимони онҳо дар минтақаҳои худ мустақилона ҳукмронӣ мекарданд.

Масалан, дар Хатлон сулолаи маҳалии Банҷуриён ҳукмронӣ мекард ва ҳамаи даромадҳои ин вилояти пурсарватро ба хазинаи хеш мегузоштанд, дар ҳоле ки ба Сомониён, ба ғайр аз хироҷи хеле кам, чизе намедоданд. Ба ҳамин тариқ, тадбирҳои андешидаи Сомониён барои таъйини ҳокимони вилоятҳо, ки кӯшиш доштанд, муқовимати феодалҳои ма ҳаллиро бар ҳам дода, онҳоро ба тарафи худ ҷалб намуд, аксар вақт ба натиҷаҳои манфӣ ва номатлуб оварда мерасонид.

Усули феодалии тақсимоти мулк, ки дар даврони: «Сомониён хеле авҷ гирифта буд, давлатро аз дохил «пора карда», ҳатто хоки аслии онро низ ба қисматҳо тақсим намуд. Аъзои хонаводаи Сомонӣ ва амалдорони калоне, ки бо воситаи инъомҳо шаҳру вилоятҳоро ба даст оварда буданд, кӯшиш мекарданд мустақил гарданд ва аксар вақт мавқеи худро аз ҳокимияти марказӣ мустақилро ишғол менамуданд» [Кит. дарсӣ, 384].

Дар аҳди Сомониён тахмин меравад, ки девони муҳтасиб мутасаддии баргузории ҷашну маросимҳои динӣ ва мардумӣ буд, дахлу хароҷоти онро назорат мекард ва ба барзгарону деҳқонон дастуру тавсияҳо медод: «Фақат ҳамон тадбирҳое, ки ба одамон ва муносибатҳои онҳо нигаронида шудаанд, хусусиятҳои тарбиявӣ доранд. Агар ин тезисро равшан кунем, пас ченаки рафтор муомила ва муносибати одамон дар байни онҳо, ба ҷамъият ё ба ягон гурӯҳи алоҳидаи одамон, инчунин тартиб додани ҳамаи инҳо маъно дорад. Инсоният дар рафти фаъолияти оқилонаи худ тадбирҳои рафтор, зарурият ва адолати онҳоро ба вучуд оварда ва асоснок карда аст» [64, с.58].

Бояд зикр кард, ки пеш аз оғози ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ , соли шашум аст, ки аз тарафи мардуми шарифи Тоҷикистон ҷашни Сада, ки тайёрии деҳқон ба кишту кор аст, бо тантана ҷашн гирифта мешавад. Дар ҷашни Сада хурду бузурги мамлакат ширкат менамоянд, ки ин дар тарбияи меҳнатию ахлоқӣ ва зебоипарастию ҷисмонии насли наврас ва ҷавонон ёрии амалӣ мерасонад. Агар ин арзишҳои олӣ дар зиндагӣ раҳнамои мо набошанд, мо на муҳимтарин сифатҳои инсонии худро қавӣ мегардонем ва на дигар арзишҳои бузурги инсониро ба вуҷуд меоварем, чунки онҳо ба ҳам тавъаманд ва бе ин ҳамбастагӣ мо соҳиби ахлоқу одоби воло шуда наметавонем.

«Одамӣ бояд ниёгони хешро бишиносад, то бидонад, ки ӯ кист ва ба ҷаҳон ба ҳри чӣ коре омада, бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, нишонаи одамият чист ва асли меҳру мурувват чист? Яке аз вазифаҳои ҷашни Наврӯз, ки мо ҳамасола онро бошарафона ҷашн мегирем, ифтихори миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Фақат Ватани Наврӯз будани Тоҷикистон моро ба ҳайрат меорад, ки мо ин Ватанро дӯст дорем, аз ин ҷашн ифтихор

кунем ва дар қалбҳо ҳисси муҳаббат ба Наврӯз ва Ватанро тарбия кунем» [65,с.448].

Барои инсон пеш аз ҳама одамият, маънавиёт ва ахлоқу одоби нек зарур аст. Бинобар ин, дар анъана ва расму одат бунёди инсонӣ, инсонгароӣ, сифатҳои неки одамӣ, ахлоқу одоби нек инъикос гардидааст, ки амалӣ гардидани онҳо имкон медиҳанд, ки шахс инсони комил гардад.

Бояд таъкид намуд, ки арзишҳои миллие ҳастанд, ки фақат ба як ё якчанд халқ хос буда, моҳияти худро дар симои ҳамон халқ бештар зоҳир менамоянд ва арзишҳои миллие низ ҳастанд, ки ба халқҳои гуногун хосанд, онҳоро арзишҳои умумибашарӣ меноманд.

Бо вуҷуди ин шаклу тарзҳои падид омадани ин арзишҳо дар ҳаёти ҳар як халқ дигар буда метавонад таносуби унсурҳои ҷудогонаи он фарқ кунанд. Агар ҳамин арзишҳои миллӣ, аз ҷумла расму таомул, урфу одат, оину анъана намебуд, бетарбиятиву беодобӣ асоси муомилаи байни мардум қарор мегирифт ва беандешагию ноодамӣ дар ҳар қадам ба назар мерасид.

Моҳияти арзишҳои миллӣ ҳаргиз маънои онро надоранд, ки мо бозгашт ба гузашта менамоем, вале ба му ҳимтарин сифатҳои аслии гузаштагони худ ба монанди пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек рӯ овардан зарур аст, яъне анъана, расму таомул, одат, оинҳои асрҳои қадимро ба шароити имрӯза мутобиқ намуда, такмил додан зарур аст.

Аз аҳди бостон мо медонем, ки меъёри асосӣ дар давлату давлатдорӣ ҳам одамият аст. Барои ҳамин ҳам, ба андешаи мо, мағзи консепсияи илмии арзишҳои миллиро бояд ҳамин ҷиҳат, яъне одамият ташкил намояд. Ва як шарти муҳими инсони комилро меъёрҳои ахлоқу одоб, одаму одамгарӣ ташкил менамоянд, ки онҳо дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои чандинасра ҳосил шуда, орзуву ормон ва марому малакаи ҳамаро ифода кардаанд. Онҳо қобиланд, ки дар замони нав, мазмуни нав пайдо карда, дар эҳёи меъёр ҳои ахлоқӣ раҳнамои мо бошанд, ба шарте, ки мо ба онҳо чун ба машъали ро ҳ, ба сифати ормонҳои умумии рӯз назар кунем. Дар ин ҳолат онҳо қодиранд, ки ҳадаф ҳои ҳаёти моро муайян кунанд.

Лозим ба таъкид аст, ки на танҳо ахлоқ, балки маърифат, маънавиёт, ақлу заковати инсон ҳам ба арзишҳои миллӣ такя мекунанд, чунки ахлоқ, маърифат, маънавиёт ва ақлу заковат ба ҳам сахт ҳамбастагӣ доранд. Аз ин рӯ, э ҳёро ба маънои зо ҳирӣ , яъне ба маънои ба асли пештарааш дубора баргаштан набояд фа ҳмид. Балки ба маънои зиндагиро аз он чангу ғуборе, ки мо ҳияти ахлоқи шоистаи одамиро рупӯш кардааст, тоза сохтан фа ҳмид. Ин маънии расидан ба зиндагии ҳақиқии инсонӣ, қадам задан баробари миллатҳои пешрафтаи ҷаҳонро дорад, чунки ҳар як халқ бо чеҳраи хоси худ дар байни халқҳои ҷаҳон мавқеъ пайдо карда метавонад.

Агар халқи тоҷик ва ё дигар халқу миллатҳои сайёраи мо аз таърихи пайдоишу ташаккул ва инкишофи мафҳум, шакл, моҳият, мазмун, вазифа ва аҳамияти анъана, расму таомул, урфу одат, оину маросимҳои гузаштаю ҳозираи худ бохабар набошанд, онҳо ба ҳиссиёти миллӣ, шуури миллӣ, ифтихори миллӣ ва истиқлолияти миллии худ дуруст сарфаҳм рафта наметавонанд. Аз ин рӯ, тарбияи насли наврас дар рӯҳи ин арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тақозои замон мебошад.

«Бузургони илму адаб дар тули асрҳо тамоми нодиртарин шаклу усулҳои ҳунармандӣ, ҳаёти пурҷӯшухурӯши деҳқонӣ, касбу кори кишоварзӣ, санъату маданият, илму фар ҳанг ва дигар тамоилҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар асарҳои хеш инъикос кардаанд, ки то имрӯз ҳамчун мероси пурзаковати маънавии афкори пур ҳикмати педагогикаи ниёгон ба мардуми шарифи То ҷикистон ғизои рӯҳӣ мебахшанд». [32,с.256].

Аз достонҳои ҷангӣ -қахрамонӣ, ки устод С. Айнӣ бо тариқи очерки воқеӣ аз ҳаёти мубориза ҳои ватандӯстонаи Темурмалики Хуҷандӣ бар зидди лашкари хунхори Чингизхон дар оғози асри Х111 ба қалам додааст, афкори ватандӯстона ва педагогии ниёгонро пурғановат гардонидааст. Азбаски Султон Муҳаммад, ҳамчун амири тарсончаку маккор ва ишратпараст, дар пайи васеъ кардани ҳудуди мамлакатдории Мовароунаҳру Хуросон ва Хоразм азму талош дошт, аз омад-омади муғулон истифода бурда, «маслиҳати тарсу ваҳми гурехтан медод, ки агар гурехта натавонанд, таслим шаванд». Ҳукмронии

беандешаёнаи Султон Муҳаммадро ҳангоми ба шаҳри Нишопур гурехтанаш устод С. Айнӣ баҳри исботи фикр аз забони манфури ӯ чунин фармудааст:

Фардо алами фироқ тай хоҳам кард,
Бо толеъи саъд қасди май хоҳам кард.
Маъшуқа мувофиқасту айём ба ком,
Акнун накунам нишот, кай хоҳам кард?

Дар муассисаи №1-и ноҳияи Рӯдакӣ чорабинии беруназсинфии «Корнамоии Темурмалик» ташкил ва гузаронида шуд. Омӯзгори фанни таърих маводи қаблан таҳиягардидаро ба хонандагон тақсим намуд. Хонандагон аз рӯйи сенарияи пешниҳодгардида онро дар толори маҷлисгоҳи муассиса намоиш доданд. Яке аз хонандагон нақши Темурмалик ва дигарон рафиқони ӯро бозиданд.

Ҳокими Хуҷанд Темурмалики шуҷоъ ин гуна тадбири хоинона ва беномусонаи Султон Маҳмудро гӯш надода, ба мудофиаи Ватан бархост. Темурмалик барои иҷрои ин вазифаи наҷибонаи хеш, дар роҳи ҳифзи Ватан ҷоннисор намуданро авлотар аз буздилию хиёнат ба он шумурда, дар байни дарёи Сир ҷазираеро ба истеҳкоми ҳарбӣ қарор дод ва бо ҳазор тан ҷангиёни ҷавони паҳлавон ҷусса, аввал мардумро ба сохтани қалъа сафарбар кард. Дуюм тадбири тактикии ҳарбии Темурмалик он буд, ки қалъаро бо озуқа ва аслиҳаи ҷангӣ - шамшеру ханҷар, найзаю табарзин ва камонғулаку пайкон пур карда, интиқом ситониданӣ буд. Сеюм тадбири тактикии ҳарбии Темурмалик аз он иборат буд, ки баҳри ниқор гирифтан аз душмани ғаддор устоҳои моҳиру дуредгари Хуҷандро ҷамъ карда, 12 киштии аз намад зиреҳпӯш сохтанд ва вазифаи сарму ҳандисиро худаш ба зимма гирифт. Баъди чандин муборизаҳо ва ҷоннисориҳо охирин задухӯрди Темурмалики қаҳрамон шоистаи ибрату матонат аст, ки ба ҳуҷуми пайдар пайи муғулон нигоҳ накарда, сӯтаи дарвешиашро сипар карда, дар ҳолати захмин то ба замин ғалтидан, чандин муғулро бо табарзин яксон намуд. «Дар миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва чунин як порча коғази хатнок буд, агар некхоҳи одамон ва Ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ин ёдгории

Ватани азизи ман аст! Дар охири мактуб ин байт ҳам буд,

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,

Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок! » [108,с.72].

Ба ҳамагон маълум аст, ки минбаъд мардуми сарзамини тоҷикон ва шоиру нависандагон дар васфи корнамоиҳои фидокоронаи Темурмалик суруду таронаҳо ва қиссаю достонҳо эҷод намуда, рӯҳу тани қаҳрамонро абадзинда гардониданд. Аз баргузории ин чорабинӣ натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки корҳои беруназсинфии системавии дуруст ба роҳ мондашуда имконият медиҳанд, ки аз як тараф донишҳои дар дарс гирифтаи худро мустаҳкам намоянд, аз тарафи дигар ғановати амиқи адабиёти тоҷикро кушода намоянд. Ҷанбаҳои гуногуни ба ҳам алоқамандии фаъолияти синфӣ ва беруназсинфии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ баррасӣ гардида истодаанд. Дар солҳои охир ҷанба ҳои алоқамандии дарс ва кор ҳои беруназсинфӣ дар раванди таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ аз ҷониби муҳаққиқон Е.Б. Евладова, В.И. Казаренков, З.А. Карчина, Н.А.Морозова, М.О. Чеков ва диг. ба қадри имкон фаъолона баррасӣ гардидаанд. Ин падида аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳтавои алоқамандии фаъолияти синфӣ ва корҳои беруназсинфӣ мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиши мушаххас қарор гирифтаанд. Самтҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ аз фанни таърих имконият медиҳанд, ки худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон рушд ва ташаккул ёбанд ва ба инкишофи муошират бо атрофиён мусоидат мекунанд.

Яке аз шӯришҳои озодихоҳонаи халқи мазлум, ки дар охири асри Х1Х бар зидди ҷабру зулми саркардагони амири Бухоро ба вуқуъ пайвастааст, ин шӯриши Восеъ мебошад, ки дар Хатлон мавриди суруду таронаҳои мардуми заҳматкаши водии Кӯлоб гардидааст. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Ваҳдат намоиши театрикунонидашудаи «Шӯриши Восеъ» бо иштироки хонандагон ва дар алоқаманди бо фанни адабиёт ташкил ва гузаронида шуд. Омӯзгори фанни таърих Мирзоев А. ва омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Зоирова У. хонандагони синфи 8-ро ба ин чорабинӣ омода намуда, ҷиҳати шавқовар ва пуртаъсир гузаронидани он аз методҳои гуногуни

дидадктикӣ истифода бурданд. Саҳна барои намоиш омода гардида, костюмҳои иштирокчиён ба намоиш тайёр шуд. «Амирони ҷафокор, ҳокимон ва амалдорони ма ҳаллӣ дар арафаи шӯриши Восеъ илова ба андозҳои гуногуни муқаррарӣ боҷу хироҷи замони қаҳтии гузаштаро ҳам аз де ҳқонони мазлум талаб карда, халқро хонахароб мекунанд». Чунин муносибати бераҳмонаи сарбозони амирро, ки ба сар задани шӯриши оммавии мардуми меҳнаткаш сабаб мегардад, халқ мазамат кардааст.

Дар ҷойи дигари достони паҳлавонии Шӯриши Восеъ зулму асорати ҳокимони маҳаллиро ин тавр фош мекунад:

Ай ҷавру зулми мирон
Гардида мулк вайрон.
Ҷазир гаштан фақирон.

Хонандагон шеърҳоро аз ёд карда, дар мавқеи худ қироат карданд. Дере нагузашта алангаи оташи шӯриши Восеъ тамоми деҳаҳои ахолинишини Водии Кӯлобро фаро мегирад, ки амалдорони манғитиро ба ларза меорад.

Восеъ-паҳлавон бо нафрату адоват ва матонату шуҷоати бепоён халқро даъват менкунад, ки табару камони дар ихтиёр доштаавшонро гирифта барои мағлуб кардани золимони ҷафопеша, онҳоро саркуб намуда мағлуб созанд.

Дар охир ровӣ бо чунин суханон намоишро ҷамъбаст мегардонад: «Мардуми ҷафодида даъвати далеронаи Восеъро аз дилу ҷон дастгирӣ карда, ӯро ҳидоят менамоянд, ки ба шӯриш роҳбарӣ кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳарчанд, ки бо хиёнати Аллоёр шӯриши де ҳқононро сарбозони амир пахш карда, Восеъро ба қатл расониданд, вале суруду таронаҳои мардумӣ доир ба корнамоии Восеъ паҳлавон то ҳанӯз дар хотири халқ боқӣ мондааст».

Вақте, ки хонандагон дар бораи сифатҳои худшиносии миллӣ, худогоҳии миллӣ ба монанди муҳаббат ба Ватан, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, мардонагӣ, тоқатпазирӣ маълумот пайдо мекунанд, муносибаташон бо шахсони онҳоро иҳотанамуда дигаргун гашта, боз ҳам бештар дар бораи ҳақиқати зиндагӣ андеша намуданро меомӯзанд. Корҳои беруназсинфӣ аз рӯйи фанни таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ бениҳоят гуногунҷабҳа

аст. Ба ин қатор ҳамчун анъана қабул кардани нишастҳои адабӣ дар мактаб, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ, арзишҳои милии хонандагон мусоидат мекунанд ва боиси васеъшавии ҷаҳонбинии онҳо мегарданд дохил мешаванд. Масалан, мунтазам ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ омили мустаҳкамшавии ташаккули ормонҳои миллии хонандагон, ки аз дарсҳои таърих оғоз гаштаанд, мебошанд. Ҳафтаи фанни таърихро хонандагон чун анъана қабул намуда, онро фаъолона ташкил ва баргузор намуда метавонанд. Омӯзгор дар ин тарзи ташкили кор роҳнамо буда метавонад. Мавзуъҳои ҳафтаҳои фаннӣ ба таври анъана ба санаҳои ҷашнӣ ва ё ин ки солгарди намояндагони давлатӣ мансуб буда метавонанд. Инчунин, бо иштироки хонандагон викторина, конкурсҳои корҳои эҷодӣ, маҳфилҳои зарифон (КВН) оид ба фанни таърих гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро барои ба тариқи онлайн (иштироки маҷозӣ ) ва ё офлайн (иштироки ҳузурӣ ) иштирок намудан дар озмун, олимпиадаҳои гуногун оид ба таърих ҷалб намудан лозим аст. Дар тайёр намудани сенария худи хонандагон иштирок мекунанд, ки қодиранд баъзан идеяҳои ғайриоддӣ ва шавқовар низ пешниҳод намоянд. Ғайра аз ин, аз технологияҳои компютерӣ ва воситаҳои технологияи рақамӣ ба монанди планшет, ноутбук, лептоп, телефон ва ғайра истифода бурда, хонандаро ҷалб намудан лозим аст, ки оид ба ин ё он мавзуи фанни таърих намоиш тайёр намояд.

Дар як қатор таҳқиқот мафҳумҳои «муҳити таълимӣ » ва «фазои таълимӣ » ҳамчун муродиф истифода мешаванд. Бархе аз муҳаққиқон ин мафҳумҳоро умуман ҷудо намекунанд. Дар баробарин, мо бар он назарем, ки миёни мафҳумҳои мазкур фарқият ҷой дорад. Тасаввуроти умумӣ оид ба фазо бо тартиби ҷойгиршавии объектҳои дар як вақт вуҷуддошта марбут аст. Дар бораи фазои таълимӣ сухан ронда, мо маҷмӯи шароитҳои ба таври муайян ба ҳам алоқамандро дар назар дорем, ки ба таълими шахс таъсир мерасонад. Дар айни ҳол аз рӯи мазмун дар худи мафҳуми фазои таълимӣ ворид будани таълимгиранда ба он дар назар дошта нашудааст. Фазои таълимӣ новобаста аз таълимгирада низ вуҷуд дошта метавонад. Он аз рӯи ҳаҷми хизматрасониҳои

таълимӣ, иқтидор ва шиддатнокии иттилооти таълимӣ, инфрасохтори таълимии ҷомеа тавсиф меёбад. Нишонди ҳандаҳои асосии инфрасохтори таълимӣ бошад, таркиби сифатию миқдории унсурҳои он, ҷойгиршавии фазогӣ ва ҳамкории онҳо маҳсуб меёбанд. Маф ҳуми калидӣ барои фазои таълимӣ ҳодиса, зу ҳурот мебошад.

Дар фарқият аз муҳити таълимӣ , ки воқеияти худташкилкунанда ва худташаккулёбанда мебошад, фазои таълимӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақсадноки созанда баромад мекунад.

Қобили қайд аст, ки муссисаи таълимӣ , ки чун воҳиди асосии фазои таълимӣ баромад мекунад, худ ба фазои дараҷаи баланд дар – фазои фарҳангӣ шомил аст.

Таҳлили андешаҳои мавҷударо ба фазои таълимӣ ба анҷом расонида, назари наверо ба сохтори фазои таълим иброз намудан лозим аст. Фазои таълимӣ – ин низоми ҷузъҳои ба таври зинагии ба ҳам алоқаманданд мебошанд, ки ҳар яке аз онҳо махсусияти худро дошта, аз мазмун ва дараҷаи душвории масъалаҳои педагогии дар қитъаи додашудаи фазои таълимӣ ҳалшаванда марбут аст. Барои сохтани фазои таълимии муассисаи алоҳидаи таълимӣ ғояи сохтори қитъавӣ-модулӣ мувофиқи мақсад аст.

Қисматҳои асосии ташкилди ҳандаи сохтори фазои таълимӣ чунинанд: таълимӣ , таълимӣ-исте ҳсолӣ ва иҷтимоӣ -тарбиявӣ. Ҳар як қисмат «самти» фазои таълимиро ташкил мекунад. Дар навбати худ, ҳар як қисмат аз модулҳо иборат аст, ки воҳиди минималии сохтории фазои таълимӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷаҳорчуби ҳар як қисмат самтҳои муайяни таҳсилот татбиқ мегарданд ва ма ҷмӯи вазифаҳои як ҷинсаи таълимӣ ҳал мегарданд; дар чаҳорчӯбаи ҳар як модул вазифаҳои алоҳидаи мушаххаси педагогӣ ҳалли худро меёбанд.

## 2.2.Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ

Дар раванди таълими фанни таърих низ омода намудани фазои таълимии мувофиқ ҷи болоравии сатҳу сифати дониш шарт ва зарур мебошад.

Инкишофи босуръати технологияҳо имконияти алоқаи бевоситаи инсонро бо санъат таъмин месозад. Дар муҳити дизайнерҳо, ки синфхонаҳо ва биноҳои мактабро лоиҳакашӣ мекунанд, аллакай ғояи муҳити визуалии тағйирпазир пешниҳод мегардад. Дар ин ҳолат шакли ба таври визуалӣ идрокшавандаи бинои мактабро тавассути маводҳои муосир вобаста аз ин ё он меъёрҳо ё вазъиятҳо тағйирёбанда намудан мумкин аст. Масалан, ранги деворҳоро ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои санҷишӣ дигаргун кардан ё худ асбобҳои айёнии девориро ҳамарӯза вобаста ба дарс тағйир додан.

Ҷомеаи муосир дар ҷудошавии хонандагон аз «санъати бузурги гузашта» имкон аст, ки ба бохти бузурге рӯ ба рӯ гардад. Хонандагони мактаб бояд аз асарҳои санъаткорони классик ва муосир огаҳӣ дошта бошанд. Ин холигиро мумкин аст тавассути воситаҳои мултимедиявӣ бевосита дар мактаб, тавассути намоиши мултимедиявӣ дар деворҳои долони мактаб ё пахш намудани асари мувофиқи мусиқавӣ пурра намуд. Бо ин мақсад истифодаи шабакаи Интернет мувофиқи мақсад аст. Тавассути он мумкин аст ба тамоми осорхонаҳои бузургтарини олам экскурсия ҳои виртуалӣ ташкил намуд ё худ ба сомонаҳое, ки ба эҷодиёти рассомон, мусиқанавозон, артистҳо, нависандагон ва шоирон бахшда шудаанд, аъзо шуд. Барои истифодаи онҳо дар фазои таълимӣ ягон монеаи ҷиддии техникӣ вуҷуд надорад. Муҳимаш хоҳиши омӯзгорон ва садорати муассисаи таълимист.

Тадриҷан калонсол шуда, кӯдак ба наврас, нав ҷавон ва ниҳоят ба падар ё модар табдил меёбад, вале дар ин ҷо ба таври фавқулодда бояд дар онҳо нигоҳдории чунин хусусиятҳои синну соли наврасӣ ва нав ҷавонӣ, ба мисли: самимият, таассурнокӣ аз ҳодисҳои дар атрофи ӯ рухдиҳанда, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, ҳамдардии самимӣ ба эҳсосоти одамоне, ки ба онҳо рост меояд, ташаккул ёбад. Таҳсил кунанд, кор кунанд ё мушкилотро ҳаллу фасл кунанд, то ки минбаъд дар хислати онҳо чунин сифатҳо, бамисли: накӯкукорӣ , меҳрубонӣ , далерӣ , ҷасурӣ , ғамхорӣ дар бораи дигарон таҳкимёбанд.

Барои рушди худшиносии миллӣ давраи худмуайянкунии шахсият муҳим буда, бо таълим дар муассисаи та ҳсилоти миёнаи умумӣ марбут

мебошад. Имрӯз хонандагон ба таъсири бештари донишҳои арзиши миллидошта, таваҷҷуҳ доранд ва ба азхудкунии ҳувияти миллӣ , яъне бо омодагӣ ба андӯхтани таҷрибаи инсонӣ ва дарки воқеаҳои олам дар намуди донишҳо, арзишҳо, маъниҳо ва вуҷуд доштани некӣ дар олами атрофи мо фарқиятро идрок мекунанд.

В.В. Сериков оид ба моҳияти таҷрибаи худшиносии шахсият ишора менамояд, ки нақши таҷриба дар худтатбиқкунии маънавию шахсиятии инсон ба иҷрои вазифаҳои маъноию ҷустуҷӯӣ, таҷрибавӣ, хударзёбӣ, зиндагиро банақшагиранда ва дигарҳо алоқаманд аст: «Инсон бояд дорои таҷрибаи шахсӣ, яъне таҷрибаи иҷрои вазифаҳои махсуси шахсиятӣ (интихобӣ, худмуайянкунӣ, худтатбиқкунӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва ғайра) бошад. Чунин фаъолияти шахсии фард ягон хел фаъолияти мавзуӣ набуда, бештар ҳамчун як навъ кирдор, ҳамчун нақшаи худвижаи ботинии фаъолияти дигари инсон хизмат мекунад» [123,с.447].

Ташаккули нерӯи шахсиятию сало ҳиятнокии омӯзгориояндаи фанни таърих дар раванди таълими низоми амалигардонии саводнокии таърихии хонандагон дар корҳои беруназсинфии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла:

1. Фаъолияти таълимии хонанда дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, озмунҳо, конференсияҳои адабӣ-фарҳангӣ, дар кори амалӣ, зимни навиштани кори амалӣ бо истифода аз тест, омӯзиши мустақилонаи мавод, супоридани имтиҳонот.

2. Кори берун аз муассиса: навиштани корҳои илмӣ барои Академияи хурди илмҳо аз фанни таърих, тайёр кардани рефератҳо, маърӯзаҳо, кори мустақилона, иштирок дар чорабиниҳои зеҳнӣ («Викторинаи кишваршиносӣ », «Чӣ, дар куҷо, кай», кор дар китобхона, толори таълимӣ, Интернет ва ғайра).

3. Кори илмию таҳқиқотӣ: иштирок дар маҳфилҳои илмӣ, тайёр кардани маърӯзаҳо барои конференсия, мақолаҳо, кор дар китобхона ва толори мутолиа, тайёр кардани мақола ҳо оид ба масъалаҳои худшиносӣ, кор дар

Интернет, иштирок дар тайёр кардани маводи чорабиниҳои беруназсинфӣ ва ғайра.

4. Омодашавии амалӣ барои фаъолияти оянда зиндагӣ дар ҷамъият, тартиб додани албом доир ба таърихи маҳалли худ, иштирок дар худидоракунии хонандагон, навиштани таърих ва шаҷараи хешу табор, аҳлу авлоди худ.

5. Рушди сифатҳои ташкилотчигӣ: иштирок дар кори ташкилоти созмони ҷавонон, ки дар муассиса фаъолият мебарад, ташкил кардани ҷорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, ташкили чорабиниҳои илмию та ҳқиқотӣ ва ғайра.

6. Ҳаёти фарҳангию солимгардонӣ, иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ, таҳсил, рафтан ба кинотеатрҳо, театрҳо, консертҳо ва ғайра.

7. Фаъолияти оилавӣ (ёрӣ ба волидайн, кори хоҷагидории оилавӣ, зиндагӣ дар оила, кори ташкилотчигӣ дар маҳалла, тарбия ва ғайра).

Дар дастёбӣ ба натиҷаҳои хуби корҳои тарбиявии хонандагон нақши муҳимро Интернет мебозад. Имрӯз хонанда имконият дорад, ки дар сомонаи Интернет бо корҳои бисёри ҳам шавқовари таърихию археологии олимони барҷастаи олам шинос шавад ва оид ба масоили тарбиявӣ маводи фаровонро дастрас намояд. Дар соҳаи таҷрибаомӯзии педагогии хонандагон низ тағйироти зиёд ба вуқуъ пайвастанд. Имрӯз хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ иттилооти инноватсионеро ба даст меоранд, ки маҳорати онҳоро баланд мебардорад. Худидоракунии хонандагон низ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим буда, барои баланд бардоштани маҳорат ва санъати педагогии омӯзгор нақши арзанда мебошад.

Дар раванди кор ҳои озмоишӣ пурсишномаи «Рафтори ибратбахш» мавриди истифода қарор гирифта, ки дар ду шакл дар асоси қоидаҳои рафтори ибратбахш коркард шудааст, таҳия гардида буд. Мушоҳида гардид, хонандагони гурӯҳи назоратӣ пурсишномаро бо саволҳои асосӣ – тасдиқҳо пешниҳод гнамуданд. Дар гурӯҳи озмоишӣ пурсишнома ба таври иловагӣ боварикунониро дар бар мегирифт. Пурсиш дар ГО ҳамагӣ 27 нафар ва дар

ГН ҳамагӣ 31 нафар хонандагони синфи 7-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар ГО рафтори ибратбахш нисбат ба ГН баландтар аст: онҳо метавонанд рафтори худшиносии миллии худро баҳо диҳанд (писарон 99% ва духтарон 88% дар ГО; писарон 89% ва духтарон 67% дар ГН). Хонандагон имкон дорад хато кунанд ва барои хатогиҳои худ ҷавобгар бошанд (писарон 81% ва духтарон 79% дар ГО; писарон 76% ва духтарон 79% дар ГН); ҳуқуқ доранд фикри худро тағйир ди ҳанд (писарон 69% ва духтарон 78% дар ГО; писарон 59% ва духтарон 61% дар ГО). Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада тахмин кардан мумкин аст, ки фоизи баландтарин дар ГО дар муқоиса бо ГН аз нишондиҳандаҳои баландтари ибратбахшии шахсият, рафтори ибратбахши худшиносии миллии хонандагон гувоҳӣ медиҳанд. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори ибратбахш» дар синфи 36 нафар хонандаи синфи 8-и ин муасисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷадвалҳои №2 ва №3 ба таври зерин нишон дода мешавад: Ҷадвалҳои №2. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори ибратбахш» дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ.

*Ҷадвали 2. Пеш аз гузаронидани озмоишӣ*

| **Санҷишҳо** | **Гурӯҳҳои назоратӣ**<br>**Гуруҳҳои озмоишӣ** | **Сатҳи донишҳои хештаншиносӣ** | |
|---|---|---|---|
| **Пеш аз озмоиш** | Ҷавобҳои дуруст | Ҷавобҳои нопура | Ҷавобҳои нодуруст |
| | Гурӯҳои назоратӣ 19,5 | 34 | 46,5 |
| | Гурӯҳи озмоишӣ 22 | 35 | 43 |

*Ҷадвали 3. Баьд аз гузаронидани озмоишӣ*

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Баъд аз гузаронидани озмоиш** | **Гурӯҳи назоратӣ 30,5** | 48 | 21,5 |
| | **Гурӯ ҳи озмоишӣ 57,6** | 33,9 | 8,5 |

Нати ҷаҳои бадастомада ба зарурати кори психологӣ-педагогӣ оид ба ташаккули малакаҳои рафтори ибратбахши хонандагон (этикаи худшиносии миллӣ ҳамчун зо ҳиршавии шаъну эътибори инсонӣ ва на омили иродавӣ – «метавонам» ва аз ин рӯ бо ҳеҷ кас мувофиқа намекунам, муътақид сохтанд. Ин дар ҳаёт, дар касб ва аз ин рӯ, дар фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба рушди шахсияти хонандагон таъсиррасон буда, ҳамчун омили фарҳанги инноватсионӣ аз тариқи дарки худ дар байни дигарон, қобилияти шахсии худ, ки ба баланд бардоштани сатҳи эътимод ба худ, ба итминони асоснок ба рафтори худ нигаронида шудааст. Бо дарназардошти он, ки рафтори ибратбахш, аз як тараф барои ҳама матлуб аст ва аз тарафи дигар, барои ин ба хонандагон бояд мусоидат намуда, онҳо дастгирӣ карда шаванд. Дар масъалаи худшиносии миллӣ ба хонандагон дарки арзиши худогоҳии миллӣ, ки ҷиҳати ба даст овардани хислатҳои дахлдори шахсият мусоидат мекунанд, зарур аст. Бо ин мақсад дар муассисаҳои озмоишӣ якчанд саволҳо ба хонандагон дода шуд, ки намунаи ҷавобҳо чунинанд:

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №1 н.Рӯдакӣ

Хонандаи синфи 8 «Б» Шарифи М. «Худшиносӣ гуфта-инсон бояд дар бораи ватан, аҷдоди гузаштагони худ донад. Инсон агар дар ҳар ҷое, ки бошад бояд ватан, аҷдоди, ва гузаштагони худро фаромӯш накунад. Ватан модари ҳар инсон аст, мо набояд ватани худро фаромӯш кунем» Назарова Н. хонандаи синфи 8 «А» «Худшиносии миллии инсон гуфта, аввалан зодгоҳи худро донистан аст. Дуюм нишонаи худшиносии инсон - ин забони модариаш мебошад. Ба худшиносии миллии инсон, инчунин донистани миллати худ ва гузаштаи он, муқаддасоту фарҳанг ва маърифати худро донистан низ дохил мешаванд. Барои он, ки худшиносии миллии инсон васеъ, мукаммал шавад, бояд ҳамаи ин нишонаҳоро physiology донистa ва қадр кунем». Саидов Фаррух хонандаи 9 «Б»

«Миллати худро донистан, муқаддасоти миллии худро шинохтан, Пешвои миллати худро шинохтан халқи худро, либоси милли худро донистан аст». Шоев М. хонандаи 8«Б» «Худшиноси миллӣ гуфта, ин

маданияти фарҳанги миллии таърихи гузаштагони худро донистан аст. Худшиносӣ ин дараҷаи баланди хештаншиносӣ мебошад». Қаҳорова М. хонандаи 8 «А» «Худшиносии миллӣ мардумдӯстӣ, дӯст доштани фарҳанги он ва ҳамзабони худро дӯст доштан аст. Ва ба ватани худ хизмат кардан, шаъну шарафи Ватанро дар байни дигар давлатҳо баланд бардоштан мебошад». Қаландаров М. хонандаи синфи 8 «Б» «Масалан, агар ман ба Русия равам, манро гӯянд, ки бояд ту ба забони русӣ гап занӣ ва либосҳои ба мисли мо пӯшӣ, ман бошам, мегуям, ки ман худшиносии миллии худро дорам ва миллати худамро бо мисли дигар миллатҳо эҳтиром мекунам».

Чорабинии беруназсинфии дигаре, ки барои хонандагон бениҳоят шавқовар ва таассуротбахш буд, ин ташкил намудани чорабнии «Рӯзе дар осорхона» мебошад. Хонандагон ба Муассисаи давлатии осорхонаи миллии Тоҷикистон рафта, дар он ҷо ҳар як нафар давраи таърихиеро интихоб намуда, дар бораи он давра ба рафиқони худ нақлҳои шавқовар мекарданд. Дар охир муайян гашт, ки чунин чорабинӣ басо хотирмон буда, ба таври мунтазам ташкил намудани он барои тарбияи худшиносии милии хонандагон мусоидат хоҳад кард.

Дар замони муосир бо пешравии илму технологияи нав ва инноватсионӣ гузариш ба усули кор бо тест ба анъана даромадааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар робита ба гузариши имтиҳонҳои дохилшавии тестӣ ва таъсис ёфтани Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот ба ин усули таълим тақозои замон аст. Агар кор бо тестро кори хаттии хонанда гуфта тавонем, пас зарурат дар миён аст, ки дар раванди таълими фанни таърих низ кори хаттии тестиро истифода барем. Таҳлили корҳои хаттӣ низ дар саводнокии хонандагон аз фанни таърих, пешрафти кори идораи синф ва роҳбари педагогӣ таъсирбахш аст. Корҳои хаттии хонандагон намудҳои бисёре доранд онҳо асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Яке аз ин корҳо вазифаҳои хаттии санҷишӣ мебошанд, ки бо мақсади арзёбии сатҳи дониши хонандагон анҷом дода мешаванд, ва дигаре корҳои хаттии муқаррарӣ мебошанд, ки дар рафти дарс ва иҷрои вазифаҳои

хонагӣ амалӣ мегарданд. Корҳои хаттии санҷишӣ аз фаннҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ дар синфҳои 8 барои ташаккули дараҷаи саводнокӣ, болоравии маҳорати таҳлилӣ ва мантиқии хонандагон мусоидат мекунанд ва ҳар замон барои такмили дониши таърихии хонандагон ҳарҷониба кӯмак мерасонанд. Корҳои хаттӣ барои ташаккули дониши васеи хонандагон, саводнокӣ ва баланд бардоштани савияи донишу маҳорати нависандагии онҳо мусоидат мекунад. Таҳлили ин намуд корҳои хаттиро омӯзгори фанни таърих ба дигар вақт нагузошта фавран иҷро мекунад. Бидуни саҳлангорӣ ба корҳои хаттии тестӣ ҷиддият ва қатъияти омӯзгор зоҳир мегардад. Ислоҳи рӯякӣ ва ё қалбакии корҳои хаттӣ, ки на бо ранги сурх, балки бо ранги кабуди хонандагон (ғамхорона) зуҳур меёбад, хатои дағалест, ки ба такрору боз ҳам афзудани ғалатҳои дағали хонанда оварда мерасонад. Чунин муносибати омӯзгор, ки хатоҳои хонандаро бо ҳамон ранги ручкаи хонанда аз номи ӯ ислоҳ мекунад, на ба ислоҳи хатои хонанда, балки ба муносибати душманона нисбат ба худ ва хонанда оварда мерасонад. Чунин рафтори қалбакии омӯзгор на танҳо боиси паст шудани дараҷаи дониши хонанда мегардад, балки кори инкишофи интеллектуалии онҳоро душвору мураккаб мегардонад. Инчунин, муносибату эътибори дигар хонандагонро нисбат ба омӯзгор ба таври манфӣ тағйир медиҳад. Пӯшида нест, ки дар таълими дарсҳои фанни таърих корҳои хаттии тестӣ вақти зиёди гарони омӯзгорро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, тартибу ташкил ва таҳлили ҳамарӯзаи корҳои хаттӣ дар фаъолияти омӯзгор муҳим ва зарур аст. Дар ин маврид муҳтавои кори хаттии тестӣ вобаста ба дараҷаи миёнаи дониши хонандагон мувофиқ карда шуда, баҳо аз мавқеи хусусиятҳои гуногунтарафаи онҳо мушаххас гардида, боварибахш гузошта мешавад. Ҳамаи ин муҳокимаҳо ҳоло ҳам танҳо паҳлӯи як самти таълими тест аст. Сухан дар бораи он меравад, ки омӯзгор на ҳама вақт қудрати баҳои пасти дар дафтари шогирд гузоштаашро айнан ба журнали синф гузаронидан дорад. Дар чунин ҳолат ба омӯзгори пуртаҷриба ҳатман бояд дурандешӣ, пурсабрӣ ва тамкин ёрӣ расонад. Вагарна муносибати беадолатонаи хунукназарона ба рӯҳияи наврасон

таъсири манфӣ мегузорад, онҳо зуд дилсарду рӯҳафтода ва ғамгин мешаванд, ки оқибат ислоҳи ин камбудӣ ва тағйиру табдири аз нав баргардонидани ҳолати рӯҳии хонанда вазъияти тӯлонию душвор ва мураккаберо ба миён меоварад. Барои сазовори муносибати некбинонаи омӯзгору шогирд гардидан ба муаллим лозим меояд, ки сабабҳои баҳогузориашро ба хонанда аз рӯйи ҳақиқат ва адолат фаҳмонида, боварӣ ва меҳру шафқати ӯро ҳам ба дарс ва ҳам худаш ба даст оварад. Он гоҳ чунин боварии тарафайн барои ташаккули хусусиятҳои мусбии хонанда нисбат ба зебо, бехато ишора ва интихоб намудани варианти дурусти ҷавоби тест ва тозаю озода навиштан мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, шароит ва имконияти ҳамкории тарафайн дар корҳои тарбиявӣ низ пайдо мегардад. «Вобаста ба нақши омӯзгор дар раванди таълим масъалаи эътиқоди демократӣ ва инсондустии ӯ ба миён меояд. Ин дар демократиконии процесси таълим, омӯзиши таърих, ташаккули шахсияти демократии хонандагон заминаи асосӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки дар баробари омилҳои дигар сифатҳои касбӣ ва инсонии омӯзгори фанни таърих дар масъалаи таълими таърих ва ташаккули шахсияти хонандагон ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад» [37,с.50].

Дар раванди гузаронидани озмоиш муайян гашт, ки ин намуд кори хаттӣ барои хонандагон шавқовар буда, ба болоравии қобилияти андешаронӣ, таҳлил ва дар амал татбиқ намудани дониши назариявӣ, салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунад. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо истифодаи варақаҳо натиҷаи тест ҷамъбаст намуда шуд.

Дар ин озмоиш 24 нафар хонандагони синфҳои 8 ва 32 нафар хонандагони синфҳои 8 Б иштирок намуданд. Мувофиқи тести пешниҳодгардида бояд онҳо ба 100 савол ҷавоб мегардониданд. Дар давраи озмоиш таълим бештар бо усули кор бо тестҳои гуногун: кушода, баробаркунӣ ва ғ. сурат мегирифт. Натиҷаи тест дар ҷамъбасти choряки дуюм чунин буд:

| Синф | Чоряки 1 | | | | Чоряки 2 | | | | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | A | B | C | D | A | B | C | D | |
| **8 «В»** | 3 | 5 | 14 | 2(24) | 5 | 9 | 15 | 1 | 52 |
| **8 «А»** | 4 | 7 | 18 | 3(22) | 8 | 9 | 13 | 2 | 43 |

Дар ин ҷо A муодил ба баҳои 5, B -4, C-3 ва D-2 дониста шуд. Кори мунтазам бо тест ба болоравии сатҳу сифати дониш ҳам таъсиррасон мебошад ва малакаҳои таҳлилӣ, андешаронии мантиқиро низ дар зеҳни хонанда рушду такомул медиҳад.

Дарси пурмазмун, пайдоиши боварии тарафайн, муносибатҳои ҳақиқии эътиқотмандӣ ҳамчун усулҳои таълим дар навбати худ ба ҳамкории тарафайни омӯзгори фаннӣ ва роҳбари синф муҳити мусоид фароҳам меоваранд. Он гоҳ алоқамандии таълим ба тарбия таъмин гардида, ҳамкории роҳбари синф бо чунин омӯзгорони коромӯзи фаннӣ ва волидайни хонандагон ба пешрафту давомоти хуб ва идораи самараноки синф оварда мерасонад.

Ба фаъолиятнокӣ ҳидоят карда тавонистани хонандагон дар ҷараёни дарс далели идораи пураи таълимии хонандагон буда, аз навоварӣ ва эҷодкории омӯзгор гувоҳӣ медиҳад. Барои фаҳмонидани хонандагон дар синф ба омӯзгор лозим меояд, ки тамоми имкониятҳоро истифода бурда, онҳоро мунтазам ба хонишу омӯзиш ва машғулиятҳои бардавом андармон созад.

Хонандагон қариб ҳар ҳафта хоҳиш мекунанд, ки аз дарсҳои озоди саволу ҷавоб ва викторинаҳо аз фаннҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ гузаронида шаванд. Омӯзгори пуртаҷрибаи таърих ҳамеша мавзуъ ва мавзуъчаҳои китоби дарсиро барои қайд ва аз ёд кардан супориш медиҳад,то ин ки бо ёрии дар хотир нигоҳ доштани солшумориҳои таърихӣ минбаъд таҳлилу баррасии онҳо осон гардад. Аз худ намудани мавзӯъҳои китоби дарсӣ, таҳлили мазмуни он, аз худ кардани солшумориҳои таърихӣ минбаъд дониши сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва истеҳсолии хонандагонро

пурра ва ғанӣ мегардонад.

Дар илми педагогика собит гаштааст, ки яке аз самтҳои фаъолияти масъулиятноки идораи синф ва роҳбарии педагогӣ ба хонандагон санҷишу баҳои мувофиқ гузоштан ба дараҷаи дониши онҳост. Ба инобат нагирифтани меъёри баҳои хонандагон дар корҳои хаттӣ, аз он ҷумла тестӣ, ки далели раднашаванда дар фаъолияти амалӣ аст, албатта, коллективи хонандагонро ба иштибоҳ оварда, боиси пайдо гардидани ҳисси норозигӣ, муносибатҳои қалбакӣ, зиддият ва дар охири кор сабаби рафтору кирдори мухолифатомези онҳо мегардад.

Санҷишу баҳогузорӣ ба меҳнати хонанда дар шакли хаттӣ аз омӯзгор диққати зиёд ва муносибати ҷиддиро талаб мекунад.

Омӯзгори меҳнатдӯст ҳамеша дар корҳои хаттӣ се шарти асосӣ-дақиқ, бо як ранг ва бехато навиштанро ба роҳбарӣ гирифта, баҳои муносиб мегузорад.

Баҳогузорӣ ба дониши хаттии хонанда нуктасанҷӣ ва дурандешию ботамкинии омӯзгори рӯҳшиносро талаб мекунад. Дар ин ҷода омӯзгор бояд ҳам мустақилияти хонанда, ҳам саводнокӣ ва ҳам майли устувори онро нисбат ба ин ва ё он фанни таълимӣ ташаккул диҳад.

Воқеият ва ҷараёни корҳои хаттӣ талаб мекунанд, ки муаллим нисбат ба меҳнати хонанда одилона ва ғамхорона муносибат кунад, бо роҳи серталабӣ нисбат ба худ ва хонандагон меъёри мувофиқи баҳоро муқаррар намояд.

Омӯзгор бояд бо далелу исботи қотеона сабаби гузоштани баҳоро ба хонандагон фаҳмонад, онҳоро аз баҳои гузошта ба кори хаттӣ қаноатманд гардонад. Мувофиқи қоидаҳои баҳогузорӣ ба дониши хаттии хонандагон то ҳол фақат ба корҳои санҷишии тестӣ меъёри гузоштани балл мақаррар буду халос. Дар дигар шаклҳои корҳои хаттӣ як баҳо гузошта мешуд. Ҳоло зарур аст, ки гузоштани балл ба ҳама шаклҳои корҳои хаттии хонандагон, аз қабили диктант, иҷрои машқҳои хонагӣ, эссе ва дигар намудҳои он амалӣ гардад. Чунончи шарти иҷрои тестҳо дар синфҳои 5-8 ҳамин тадбирро тақозо

дорад.

Санҷишҳои эксперименталӣ нишон медиҳанд, ки воқеан натиҷаи тафтишоти корҳои амалии хаттии хонандагонро ҳарчи бештар ба муҳокимаи умуми хонандагон гузоштан самараи хубтар медиҳад. Омӯзгори ботаҷриба ин корро то ба дараҷае, ки хонандагони синф қаноатманд шаванд, бояд идома диҳад.

Он гоҳ шавқмандӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва фаъолияти меҳнатии хонандагон афзун мегардад, ғалатҳои кори хаттии тестиро мувофиқи миқдори савол ва ҳаҷми он муқаррар намуда, баҳои мувофиқ гузоштан лозим аст.

Дарси озод ва ё дарси кушод шакли самарабахши идораи боварибахши ҳайати пурраи синф, фаъолгардонии хонандагон ва пурмазмун гардонидани ҷараёни таълим мебошад. Ин шакли дарс дар таҷрибаи бисёр омӯзгорони пешқадам мақоми сазоворро ишғол кардааст.

Одатан дарси озодро омӯзгорон бештар бо мақсади намоиши таҷрибаи пешқадам мегузаронанд ва он набояд мӯҳлату шароитҳои ҳатмӣ дошта бошад, чунки омӯзгори пуртаҷриба ва ё навовар ҳамеша ба шавқовар ташкил кардану гузаронидани он тайёр аст. Мақсади дигари ташкилу гузаронидани дарси озод боз ба омӯзгорони камтаҷриба дастрас намудани амалияи эҷодкоронаи коромӯз аст, ки натиҷаи самараноки он бисёр омӯзгоронро ба тайёрии касбӣ роҳнамун месозад. Дар ҷараёни чунин дарс амалиёти асосиро на ҳаҷми лаҳзаҳои алоҳидаи дарс, балки мақсади пешгузоштаи омӯзгор ишғол мекунад. Вобаста ба маҳорати педагогии омӯзгор дарси озод на сохту низоми якхела, балки шаклу мазмун ва дараҷаи навини сохтори ҳалкунандаи фаъолияти таълими коллективонаи омӯзгорро бо шогирдон инъикос мекунад.

Аз таҳлилҳо муайян гашт, ки дарсҳои озодро омӯзгорон дар ду шакл мегузаронанд: якум, дарси озоде, ки мувофиқи салоҳдиди шӯрои педагогӣ ва роҳбарияти мактаб омӯзгорро барои гузаронидани он пешакӣ ба таври расмӣ тайёр мекунанд. Дуюм шакли дарси озодро омӯзгорони пешқадам бе маҳдудияти мухлату низоми муайян ва мақсади ягона ғайрирасмӣ

мегузаронанд. Баъзан омӯзгорони пешқадам аз оғози соли нави таҳсил бо тайёрии ҷиддӣ дарсҳои худро озод эълон намуда, иштироки ихтиёрии омӯзгоронро бемаҳдудият таъмин менамоянд, ки ниҳоят тадбири мураккабу душвор буда, эҷодкорӣ ва фаъолиятнокии мунтазаму муттасили ӯро тақозо мекунад.

Вале дарси озоде, ки бо супориши маъмурият ва шӯрои педагогӣ ба зиммаи муаллимони камтаҷрибаю ҷавон гузошта мешавад, дар аксар мавридҳо беэътибор мемонад. Ҳангоми таҳлил иштирокчиёни дарс бо роҳбарии маъмурият дастовардҳои муаллими ҷавонро хӯрдагирона ба норасоию камбудӣ табдил дода, муваффақияту комёбии дар дарс намоишдодаро рад мекунанд. Дар баробари ошкор намудани камбудию норасоӣ ҳатман муваффақиятҳои дарси озодро низ тавсифу таҳлил намудан аз фоида холӣ нахохад буд. Вале аксар вақт «муваффақиятатон аз худатон, мо камбудиҳоро ошкор мекунем, фоида ба шумо мерасад» гуфтани маъмурият ба муаллими ҷавон таъсири манфӣ мерасонаду бас. Чунин муносибат дили гарми муаллимро сард мекунаду рӯҳафтодагии ӯро меафзояд. Баъзан маъмурият ба таври бюрократӣ дархости худро дурусту нодуруст ба гардани ташакббускори дарси озод бор карданӣ шуда, аз самаранокии ҷараёни дарси ӯ чашм мепӯшад, ки ин фишороварии ошкоро бараъло дар назари ҳама намоён мегардад. «Арзишҳои миллӣ ва умумибашариро қонун ва қоидаҳои ҳаёти инсон пешакӣ муайян мекунанд, ки тибқи онҳо бояд тарбияи ҳамзамонон амалӣ карда шаваду рушди ҷомеаю аъзои онро таъмин намояд. Маҳз ҳамин самтҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки дар заминаи мушкилоти педагогӣ қарор доранд, ба рушди ғояҳои таълиму тарбия мусоидат мекунанд ва имрӯз ба бисёр муқаррароти педагогии замони мо мувофиқат мекунанд» [93,с.18]. Бояд иброз дошт, ки идораи инсонпарваронаи таълимгоҳ пеш аз ҳама аз сарварони олимартаба раҳму шавқат ва муносибатҳои ғамхорона нисбат ба мактабиёнро талаб менамояд. Такти педагогӣ ҷузъи ҷудонашавандаи чунин муносибат аст. Дурандешӣ, ботамкинӣ, сабру тоқат симои маънавии сарварони муассисаи

таълимианд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар мактаби ояндаи миллии Тоҷикистон бояд мувофиқи замони демократиконии ҳаёти ҷомеа ва истиқлолияти бадастовардаи мамалакати ҳарҷониба қадима ва дорои арзишҳо ва муқаддасоти бою пурмазмуни умумибашарӣ муқаррар карда шавад. Азбаски мо дар замони гардиши қатъии муносибати бозаргонӣ, бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ва ҷараёни ислоҳоти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус мактабу маориф қарор дорем, мактаби ояндаи миллии тоҷикро бе тайёрии касбӣ ва маҳорати амалии ҳунарӣ дар зарфи таълиму тарбияи 10 - 11 - солаи хонандагон тасаввур кардан амри маҳол аст. Талабот ва ё тартиби пешниҳоднамуда аз назари қолаб ва ё воҳиди шартӣ (модул)-и мактаби ояндаи миллӣ чунин аст: Мактаби ибтидоӣ на синфҳои 1- 4 балки 0 - 4 - ро дарбар гирифта, таҳсил аз синни 6-солагӣ бояд сурат гирад. Сарфакорона истифода бурдани вақт ва ё як сол зиёд кардани муддати таҳсили ибтидоӣ баҳри ба зинаи сеюм пурра намудани афзалиятнокӣ зарур аст (сабаби заруурияту воқеиятро дар зинаи сеюми маълумот шаҳр медиҳем). Зинаи ибтидоӣ мисли мактаби ибтидоии кунунӣ қариб бетағйир монда, дар он саводнокӣ, ҳисоббарорӣ, оддитарин малакаҳои ҳалли мисолу масъалаҳои арифметикӣ, тасаввуроти умумӣ ҳосил намудани онҳо нисбат ба муҳити зист, табиати кишвар, техники ҳозирзамон, санъату маданияти миллии дохилӣ ва хориҷи кишвар, соҳаҳои гуногуни саноат, тандурустӣ, хоҷагии шаҳру қишлоқ, нақлиёт, алоқа, унсурҳои оддитарини муносибатҳои бозаргонӣ, ҳуқуқ ва ғайраҳо омӯзонида мешаванд. Меъёри асосии ноил гардидан ба мазмуни маълумоти ибтидоӣ агар ташаккули қобилияту маҳорати меҳнатии хонандагони хурдсол бошад, таълиму тарбияи меҳнатии онҳо асоси ҷараёни мазмуни маълумоти ибтидоиро ташкил мекунад, ки дар синфҳои болоӣ асоси тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии онҳо гардида метавонад.

Пас тарбияи ахлоқӣ, ватандӯсти, зебопарастӣ башардӯсти, ҷамиятӣ, сиёсӣ ва дигар самтҳо мазмуни корҳои беруназсинфиро ташкил медиҳанд.

Зинаи дуюми мактаби ояндаи миллиро мактаби асосӣ ташкил мекунад,

ки он аз синфҳои 8 ум иборат буда, мазмуни маълумот дар он мукаммал карда мешавад. Ҷараёни тарбия аз камолоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва меҳнатӣ оғоз ёфта, шаклҳои дигари тарбия, аз ҷумла ахлоқӣ, зебопарастӣ, башардӯстӣ, омодагии оилавӣ, муносибатҳои бозаргонӣ, хоҷагидорӣ, ҳисоббарорӣ (компютерӣ), ҷисмонӣ, худфаъолият ва дигар ҳадафҳо дар рафти корҳои беруназсинфӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Чунонки маълум аст, фарқияти ин мактаб аз мактаби кунунӣ боз дар омӯзиши компютер ва ҳаёти оиладорӣ буда, афзалияти ин зинаи мактаби маълумоти миллии оянда аз мактаби таҳсилоти асосии кунунӣ бо ҷорӣ ва илова намудани ҳаҷми мукаммали фанҳо ва донишҳои нисбатан мараккабу эҳёи нав ба нави боз дигар фанҳои таълимӣ равнақу ривоҷи дараҷаи фаҳмиш ташаккули хусусиятҳои зеҳнӣ, интелектуалии он дар ҷараёни корҳои берун аз синф маҳфилҳои фаннӣ маҷмуи корҳои эҷодӣ ва ғайра иборатанд.

Зинаи сеюми маълумотро мактаби касбӣ-ҳунарӣ ташкил мекунад, ки синфи 8-ро дар бар гирифта маҷмуи донишҳо, ҳунарҳо, касбу кори литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо ва дигар намудҳои типи нав ва техникуму тамоми намудҳои омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, педагогӣ тиббӣ ва ғайраҳо бояд дар мактабҳои касбӣ ҳунари миллии оянда дар шаҳру ноҳияҳо мувофиқи шароити маҳал ва имконияти ҷойдошта тақсим ва муттаҳид карда шаванд. Зинаи сеюми маълумоти мактаби миллии оянда басо душвору мураккаб буда, дар як мактаби шаҳр ва ноҳия 2 ва ё зиёда ихтисосҳои касбӣ-ҳунарии зарурӣ амал мекунад. Дар мактабҳои касбӣ-ҳунарии миллииояндаи шаҳру ноҳияҳо аз шаклҳои гуногуни касбу ҳунарҳои мавҷуда, танҳо ҳамон шаклу намудҳои касбу ҳунарро ҷорӣ намудан мумкин аст, ки ба шароиту имконият ва хусусиятҳои фарққунанда, мавзеи ҷуғрофии мавқеи ҷойгиршавии таълимгоҳҳо мувофиқат кунанд. Шарти муҳим ва самаранок дуруст ба роҳ мондани муассисаҳои касбӣ-ҳунарӣ дар он аст, ки муассиса бояд бо тамоми таҷҳизоти моддӣ-техникӣ ва лавозимоти меҳнатӣ пурра таъмин бошад. Пас дар чунин самти муташаккилгардонии зинаи сеюми маълумоти мактабҳои миллии касбӣ-ҳунарии оянда литсейҳо, коллеҷу гимназияҳо техникуму

омӯзишгоҳҳо аз байн меравaнд. Дар он сурат имконияту шароити фаррохе муҳайё мегардад, ки мутахассисони сершумори соҳаҳои гуногуни маълумоти олидор дар мактабҳо таъмин карда шуда, камбудӣ ва ҳам биноҳои таълимии зиёдатӣ барҳам дода шаванд. Дар чунин ҳолат танзими бевоситаи масоили ҷории ҷараёни таълиму тарбия, аз қабили интихоби касб, тайёрии ҳарбӣ, таълими меҳнат, суруд ва ба ҳаёти оилавӣ омодагӣ гирифтани хонандагон бевосита амалӣ мегардад. Пас, дар ҳар мактаб шароити мӯътадиле фароҳам меояд, ки хонандагони лаёқаманд пас аз хатми дуюми ва ё мактаби асосӣ бевоситаи мувофиқи хоҳишу дархости худ мактаби касбӣ-ҳунарии хешро интихоб мекунанд. Дуюм, чунин шароити мусоиде фароҳам хоҳад омад, ки хонандагони мактаби асосӣ шоҳиди ҳамарӯзаи омӯзиши касбу ҳунарҳо, таҷҳизоти техникӣ ва лавозимоти меҳнатии зинаи сеюми маълумот мегарданд. Сеюм, мактаби милли касбӣ-ҳунарии оянда барои эҳё гардидани модули техникаи ҳозиразамон, созмони мошинаҳои авиатсионӣ, маснӯӣ, замин, кишитиҳои баҳрии сабук, трактору мошинҳои хоҷагии қишлоқ, боркаш, бунёди заводу фабрикаҳои мошинсозӣ, соатсозӣ, техникаи лавозимоту асбобҳои ҳарбӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Чаҳорум, мактабиояндаи миллии касбӣ имтиёзнок буда, бо кадрҳои баландихтисос-профессорону дотсентҳо, ходимони илм таъмин карда мешавад. Шӯрои сарпарастон ва кумитаи иттифоқи касаба маблағгузорӣ ва таъминоти молиявӣ, базаи моддӣ-техникии онро рушд медиҳанд. Саҳҳомону коршиносон, кумитаи валидайн, созмонҳои байналмиллалӣ, ширкатҳои байналхалқӣ дар робитаи ҳамкорӣ ёрии гуманитарӣ ва башар дустӣ мерасонанд. Натиҷаи мактабҳои миллии касбии оянда он гоҳ самарабахш мегардад, ки агар зина ба зина Консепсияи миллии маълумот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии таълимгоҳҳо, аз қабили низомномаҳо ва оиномаҳо дар амалияи ҷараёни таълиму тарбия татбиқ карда шаванд. Дар кори идораи синф ва назорати дохилимактабии ҳама гуна зинаҳои таҳсилот ва мактабҳои миллии касбии зикршуда таълими фанни таърих пеш аз ҳама аз фаъолиятнокии омӯзгорони

фанни таърих, роҳбарони синф ва сарварии оқилонаи онҳо баҳри муттаҳид гардонидани ҳайати пурраи синф вобаста аст, ки бешубҳа, ба пешравии донишҳои таърихии хонандагон дар сатҳи умумимактабӣ ва берун аз он заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар натиҷаи назорати дохилимактабӣ ва дохилисинфӣ аз худидораи мустақилонаи хонандагони гурӯҳҳо сар карда то шӯрои педагогӣ-методӣ ҳалли масоили тарбияи хештаншиносӣ, маънавиёт ва одобу ахлоқ, мушкилоту муаммоҳои самтҳои давомот, дониш, иштироки фаъолонаи хонандагон дар тамоми чорабиниҳои таълими-тарбиявӣ, фаъолияти эҷодӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамкории натанҳо омӯзгорон саҳмгузор мебошанд. На танҳо омӯзгорони фанни таърих, роҳбарони синф ва волидайни хонандагон, балки ҳамкории ин се гурӯҳи насли калонсол чун мураббиён бо худи хонандагон рушду такомул ёфта, ташаббускорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси ғамхорӣ нисбат ба ҳамсинфон ва ҳамакасбон танзим меёбанд.

«Категорияҳои манфиатҳои миллӣ яке аз мафҳумҳои асоси ва маъмул дар низоми назарияи муносибатҳои байналхалқиӣ арзёби мегардад. Худи фазои муносибатҳои байналхалқӣ, ҳамчун майдони низои ва боҳамфаъолиятии манфиатҳои миллии гуногун шинохта шуда ва дар доираи он амалигардонии (ва ё амали нагаштани) ин манфиатҳо арзёбӣ мегардад. Дар қатори ин мушкилот мазмуни фаҳмиши «манфиатҳои миллӣ» баҳснок боқӣ монда дар илмҳои сиёсии ватанӣ ва хориҷӣ то ҳол сари ин масъала баҳсҳо давом дорад» [34,с.163]. Дар воқеъ, ҳар як манфиатҳои миллӣ дар ташаккули худшиносии хонандагон нақши муҳим дорад, ки ин ба мустаҳкам кардани намояндагони он миллат дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад. «Дар забони англисӣ мафҳуми асоси ва якуми «Халқ»- миллати дар доираи давлат ташаккулёфта фаҳмида шуда, ҳангоми тарҷума калимаи «national interest» дар забони тоҷикӣ ба маънои «манфиатҳои давлат» тарҷума мешавад. Синонимҳои мафҳуми «миллат» ва «давлат» хусусиятҳои хоси таърихи инкишофи аврупоӣ буда ба давлатҳои яккамиллати дар илмҳои сиёсии ғарби фаҳмида шуда ба «манфиатҳои миллӣ» ягон намуд фаҳмиши

этникӣ дохил карда намешуд. Мисол, агар англисҳо оид ба «манфиатҳои миллӣ» Британияи Кабир ҳарф зананд онҳо натанҳо манфиати англисҳо балки манфиати тамоми давлати Иттиҳоди Шоҳигарии Британияро ба назар дорад, ки ба он шотландиҳо, валлайиҳо ва мардуми Ирландияи Шимолӣ дохил мегарданд» [34,с.163]. Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки ҷавҳари худшиносии миллӣ – ин ҳифзи манфиатҳои миллӣ аст ва таълиму тарбияи насли ҷавон дар ин рӯҳия ва тадқиқу таҳлили паҳлӯҳои гуногуни ин масъала аҳамияти сиёсӣ, давлатӣ ва амниятӣ низ дорад.  Ин мақсад бо роҳи таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ки бояд бештар самаранок бошад, ба амал хоҳад омад. Бинобар ин, муҳим аст, ки дар барномаи ин фан, мавзӯъҳои марбут ба таърихи минтақаҳои тоҷикнишин ва тоҷикон, ки дар кишварҳои дигар зиндагӣ мекунанд, низ шомил карда шаванд.

Манфиатҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ асосан омилҳои объективӣ мебошанд ва фаъолияти самараноки намояндагони он миллатро баҳри таъмини устувори рушди ҷомеа, фарҳанг ва маданияти он, баланд бурдани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандонро таъмин месозанд. Инчунин, суботу оромии шахсиятро нигоҳ дошта, амният, волоияти қонун ва низоми муайянро таъмин мегардонанд. Ин принсипҳо дар Консепсияи манфиатҳои миллӣ нишон дода шуда дар қатори он мазмуни муайянест, ки вобаста ба хислатҳои объективии худ чунин аст:

- фазои геополитикии давлат дар арсаи байналхалқӣ мавҷудияти иттифоқчиён ва рақибони бевосита таҳдидкунанда;

- ҳолати маъмулӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳон, сатҳи вобастагии аз бозори беруна, захираҳо, энергия ва ғайра;

- вазъи умумии низоми муносибатҳои байналхалқӣ, ки дар он ва рақобат созишномаҳо вобаста ба қувва ва ҳуқуқ истифода мегардад.

### 2.3. Таъсири озмоиши педагогӣ ва натиҷаҳои он ба ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагон.

Мавзуи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии

хонандагон зимни таълими фанни таърих фаррох ва доманадор буда, паҳлӯҳои гуногуни тарбияи инсонро дар бар мегирад. Шахси худшиносу худогоҳро метавон гуфт, ки ба дараҷаи олии камолот расидааст. Чунки инсони комил дар ҷомеа метавонад сабабгори пешравӣ ва камолоти маънавии ҷомеа низ гардад. «Муаллифону мусаннифони ҳама давру замон дар таълифоту таснифоти худ ба масъалаи тарбияи инсони комил таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин мавзуъро ҳамчун мавзуи аслӣ ва меҳварии асарҳои худ қарор додаанд, зеро он фарогири бахшҳои гуногуни масоили ҳаётӣ буда, дар рушду нумӯ ва такомули маънавиёти инсонӣ нақши бузургеро мебозад. Дар ин айём низ андеша ва пешниҳодоти бархе аз олимони педагоги тоҷик бар он аст, ки дидгоҳҳои педагогии ниѐгон, ба хусус мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик дар ташаккулу инкишофи «инсони комил», умуман, дар педагогикаи муосири миллӣ таъсири бузурге дошта метавонанд» [103,с.170] . Оид ба ин масъала Ф. Шарифзода дар таҳқиқоти худ бо номи «Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир» чунин масъалаҳоро ба миён гузоштааст: «Таҳқиқи масоили таълим ва тарбия дар низоми дидгоҳи педагогии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик. Ҳамоҳангии мақсадҳои муосири тарбия бо ташаккули рушди ҳамаҷониба ва муносибати шахсият аз дидгоҳи ниёгон оид ба ташаккул ва инкишофи «инсони комил». Вуруди дидгоҳи педагогии мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс ба педагогикаи муосири миллӣ ва ғ.» [151,с543].

Ҷомеа бояд барои тарбияи инсони худшиносу камолёфта: «ки дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт рушди муносиб дошта бошад, шароити мувофиқ фароҳам оварад. Зеро «инсони комил» ё шахсияти камолёфта барои рушди ҷамъият дар ҳар давру замон муҳим аст. Дар соҳаи маориф, омода намудани кӯдакон ва хонандагон барои ширкат фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ташаккул додани рӯҳияи ватандӯстӣ, иродаи устувор ва таъмини камолоти шахсӣ барои ҷомеа хеле зарур ва муҳим мебошад» [162,с.120].

Дар ҳақиқат тарбияи «инсони комил» шахсеро гуфтан мумкин аст, ки ба дараҷаи аълои худшиносӣ расидааст. Дар қатори дигар мутафаккирон Фахруддини Розӣ низ дар осори худ мавзӯъи инсон ва камолоти ӯро таҳлил ва

баррасӣ намуда, андешаҳои амиқ ва муфидеро баён кардааст. Аз нигоҳи ӯ «инсон ҷавҳарест мураттаб аз нафс (рӯҳ) ва ҷисм (бадан). Ҷисми инсон кӯмакрасон ва чун олати иктисоби ашёву аъмоли нек ходими рӯҳ маҳсуб меёбад. Ӯ нафс ва ҷисми инсониро ашрафи нуфус ва аҷсоми мавҷудоти олам арзёбӣ намуда, чанд қувваро дар вуҷуди инсон ба шумор овардааст. Аз ҷумла, қувваи ғизоӣ, нумуъ (афзоиш), тавлид, ҳис ва ҳаракат. Ва дар раъси онҳо қувваи оқила мудрикаест, ки ба воситаи он инсон аз дигар махлуқоти рӯйи замин мутамоиз мегардад ва бо ин қувва ҳақоиқи ашёро дарк намуда, дар ҳолати истифодаи дурусти он ба мартабаҳои баланди инсонӣ мерасад» [103,с.170] .

Дар «Мафотеҳ-ул-ғайб»-и: «Фахруддини Розӣ омадааст, ки тибқи нишондодҳои улуми ақлӣ, инсон дорои чор қувва аст: шаҳвонӣ (ҳайвонӣ), ваҳмӣ (шайтонӣ), ғазабӣ (даррандагӣ) ва ақлӣ (малакӣ). Мақсад аз тамоми ибодат ва амалҳои наку, саркӯб ва мағлуб кардани се қувваи зиёновари инсонӣ — шаҳвонӣ, ваҳмӣ ва ғазабӣ — мебошад» [135,с.267 ]. Аз нигоҳи ин донишманд инсонҳои рӯйи замин ба се қисм аз ҷиҳати рафтору кирдор тақсим мешаванд:

Фахруддини Розӣ инсонро бо асоси чанд хусусият ба се гурӯҳ тақсим мекунад: фариштагонро, ҳайвонотро ва инсонҳоро. Вай мегӯяд, ки инсонҳо метавонанд дар як замон комил ва дар замони дигар ноқис бошанд. Агар инсон ба камолоти аслии худ расад, ӯ ҳамчун фариштагон хоҳад шуд, вале агар дар раъйи шаҳват ва ғазаб ғарқ шавад, ба ҳайвонот шабоҳат пайдо мекунад.



Розӣ таъкид мекунад, ки: «инсон дар ҳолати шаҳват ба ҳангоми муқоиса бо ҳайвоноти гурусна ва нозбинӣ монанд мешавад, ки танҳо майли худ ба нопокӣ ва ифлосӣ доранд. Вақте ки инсон ба ҳадди ғазаб мерасад, ӯ ба саги газанда ё шутури ҳамлавар монанд мешавад, ки ҳама чизро бо хашм ва зӯрӣ мешиконад. Дар ҳамин ҳолат, ғазаб ва хашм ба оташ ва сел мубаддал мешаванд» [138,с.318 ]. Дар муассисаҳои мавриди озмоиш ба хонандагон дар бораи сифатҳои худшиносии миллӣ ва инсони соҳиби худогоҳҳии комил саволҳо дода шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Савол: «Худшиносии миллӣ чист?». Масалан, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №1-и н.Рӯдакӣ ҷавобҳо чунин буданд: хонандаи синфи 8 «Б» Шарифи М. «Худшиносӣ гуфта-инсон бояд дар бораи ватан аҷдод, гузаштагони худ донад. Инсон агар дар ҳар ҷо бошад бояд ватан, аҷдод ва гузаштагони худро фаромӯш накунад. Ватан модари ҳар инсон аст, мо набояд ватани худро фаромӯш кунем» Назарова Н. хонандаи синфи 8 «Б» «Худшиносии миллӣ инсон гуфта, аввалан зодгоҳи худро шинохтан аст. Дуюм нишонаи худшиносии инсон - ин забони модариаш мебошад. Ба худшиносии миллии инсон, инчунин донистани миллати худ ва гузаштаи он, муқаддасоту фарҳанг ва маърифати худро шинохтан низ дохил мешавад. Барои он, ки худшиносии миллии инсон васеъ, мукаммал шавад, бояд ҳамаи ин нишонаҳоро дониста ва қадр кунем». Саидов Фаррух хонандаи 8 «Б» «Миллати худро шинохтан муқаддасоти миллии худро шинохтан, Пешвои миллати худро шинохтан халқи худро, либоси милли худро шинохтан аст». Шоев М. хонандаи 8 «Б» «Худшиноси миллӣ гуфта, ин маданияти фарҳанги миллӣ таърихи гузаштагони худро донистан аст. Худшиносӣ ин дараҷаи баланди хештаншиносӣ мебошад». Қаҳорова М. хонандаи 8 «Б» «Худшиносии миллӣ мардумдӯстӣ, дӯст доштани фарҳанги он ва ҳамзабони худро дӯст доштан аст. Ва ба ватани худ хизмат кардан, шаъну шарафи Ватанро дар байни дигар давлатҳо баланд бардоштан мебошад». Қаландаров М. хонандаи синфи 8 «Б» «Масалан, агар ман ба Русия равам, манро гӯянд, ки бояд ту ба забони русӣ гап занӣ ва либосҳои ба мисли мо пӯшӣ, ман бошам, мегӯям, ки ман худшиносии миллии

худро дорам ва миллати худамро бо мисли дигар миллатҳо эҳтиром мекунам».

Ба ин савол 8 нафар ба дараҷаи баланд, 5 нафар миёна, 15 нафар =30 паст ва 2 нафар бо доштани маълумоти нокифоя ҷавоб надоданд. Ба саволи дуюм «Оё донишмандони тоҷик дар бораи худшиносии миллӣ фикри худро баён кардаанд?» 9 нафар ба дараҷаи баланд, 6 нафар миёна, 19 нафар паст ва 1 нафар бо доштани макълумоти нокифоя ҷавоб доданд. «Дар бораи корнамоиҳои намояндагони миллати тоҷик маълумот доред?» 7 нафар ба дараҷаи баланд, 8 нафар миёна, 11 нафар паст ва 1 нафар бо доштани маълумоти нокифоя ҷавоб доданд. «Тарбияи худшиносии миллӣ дар зиндагӣ ба инсон зарур аст?» 5 нафар ба дараҷаи баланд, 9 нафар миёна, 12 нафар паст ва 4 нафар бо доштани маълумоти нокифоя ҷавоб надоданд. «Ба чунин фикр розӣ ҳастед, ки шахси хештаншинос бояд босабр, дорои дониши ҳаматарафа, таҳаммулпазир ва маданияти олии сухан бошад?» 9 нафар ба дараҷаи баланд, 7 нафар миёна, 9 нафар паст ва 1 нафар бо доштани маълумоти нокифоя ҷавоб доданд. «Ҳамаи сифатҳои инсони дорои худшиносии комилро номбар карда метавонед?» 5 нафар ба дараҷаи баланд, 4 нафар миёна, 18 нафар паст ва 7 нафар бо доштани маълумоти нокифоя ҷавоб надоданд.

«Оё Шумо оид ба марҳилаҳои таърихи халқи тоҷик ва такмили худшиносии он маълумоти кофӣ доред?». Ҷавоб: 6 нафар – ба дараҷаи баланд (13,6%), 7 нафар – ба дараҷаи миёна (15,8%), 10нафар – ба дараҷаи паст (22,1%), 13 нафар – доштани маълумоти нокифоя (28%) ва 17 нафар – дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд (41,1%).

«Оё Шумо омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои бо аҷнабиён муборизабурдаи халқи тоҷикро зарур мешуморед?». Ҷавоб: 40 нафар – ба дараҷаи баланд (90,9%), 5 нафар – ба дараҷаи миёна (8,8%).

«Оё Шумо сифатҳои аввали мақоми баланди шахсияти худшиносии комилдоштаро доро мебошед?». Ҷавоб: 17 нафар – ба дараҷаи баланд (38%), 6 нафар – ба дараҷаи миёна (10,1%), 13 нафар – ба дараҷаи паст (23,9%), 4 нафар –

доштани маълумоти нокифоя (7%) ва 9 нафар – дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд (21,2%).

Умуман, аз теъдоди умумии хонандагони дар пурсиш иштирокдошта 306 ҷавоби «ба дараҷаи баланд» (65%), 85 ҷавоби «ба дараҷаи миёна» (32%), 138 ҷавоби «ба дараҷаи паст» (6%), 219 ҷавоби «доштани маълумоти нокифоя» (7%) ва 67 ҷавоби «дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд» (3%) ба ҳисоб гирифта шуд. Ҳамин тариқ, пас аз гузаронидани озмоиши тадқиқотӣ фарқияти ҷавобҳо ба саволҳои пурсишнома байни синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ чунин буд: ба дараҷаи баланд – 343 муқобили 306, ба дараҷаи миёна - 101 муқобили 85, ба дараҷаи паст- 133 муқобили 138, доштани маълумоти нокифоя - 60 муқобили 128 ва дар ҷавоб душворӣ кашидан - 18 муқобили 57. Динамикаи болоравии сатҳу сифати худшиносии миллии хонандагон ва ин натиҷаҳо на танҳо самаранокии гузаронидани озмоишро бо мақсади ошкор кардани дониши хонандагон оид ба тарбияи худшиносии миллӣ дар раванди таълими фанни таърих нишон медиҳад, балки роҳҳои дар оянда беҳтару хубтар намудани сифати таълиму тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, омӯзиши кору пайкори қаҳрамононаи халқи тоҷикро нишон медиҳад.

Бо мақсади таҳқиқу омӯзиш ва назорати раванди болоравии худшиносии миллии хонандагон як қатор чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои озмоишӣ як қатор чорабиниҳои беруназсинфӣ гузаронида шуд. Аз ҷониби омӯзгори фанни таърих Маҳмудова С. дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соати тарбиявӣ оид ба таҷлили Ҷашни Наврӯзӣ ташкил ва гузаронида шуд.

«Наврӯз яке аз маҳбубтарин ҷашнҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик буда, ҳамчун рамзи офариниши ҳаёт, оғози тозаи зиндагӣ аз давраҳои дур то имрӯз расидааст»

Наврӯз иди боҳар ва қадимии мардуми тоҷик аст, ки бо оғози солшумории шамсӣ мувофиқат мекунад ва ҳар сол дар 21 марти мелодӣ таҷлил мешавад. Ба ин иди бузург дар баъзе минтақаҳо «Иди сари сол» ё «Иди соли нав» низ гуфта мешавад. Наврӯз ҷашни баробар шудани шабу рӯз

аст, ки нишонаи эҳёи табиат ва оғози мавсими киштукор мебошад. Дар давраи истилоҳи арабӣ, Наврӯзро ҳамчун "Суннати Ҷамшед" мешумурданд ва бо расмҳои анъанавӣ ҷашн мегирифтанд.

Тоҷикон иди Наврӯзро хеле хотирмон таҷлил мекунанд. Дар ин рӯз анъанаҳои писандидаи гузаштагон ниҳолу гулшинонӣ, гузаронидани иди гулҳо. ҷуфтбаророн, ободии кӯчаҳо, маҳалла, қабристонҳо ва ташкили озмунҳои мухталифи варзишӣ бо ҳавасмандии зиёд амалӣ мегарданд. Дар раванди озмоиш мушоҳида гашт, ки хонандагон бо шавқу рағбати зиёд ба ин ҷашни миллии аҷдодонамон таваҷҷуҳ доранд. Бо мақсади аҳамияти баргузории чорабиниҳои хусусияти миллидошта ба тарбияи худшиносии миллии хонандагон як моҳ пеш аз таҷлили иди Наврӯз ба онҳо бо саволи зерин мурочиат карда шуд: «Ба андешаи Шумо таҷлили иди Наврӯз ба худшиносии миллӣ таъсир мерасонад ё не?». Ҷавобҳои хонандагон чунин буданд: аз 36 нафар хонанда 21 нафар ҷавоби мусбат доданд, ки 62,3%-ро ташкил медиҳад, 12 нафар ҷавоби манфӣ доданд ва он 36,7%-ро ташкил медиҳад, 3 нафари боқимонда дар ҷавоб додан худдорӣ карданд, ки аз 1% иборат аст.

Порча аз сенарияи зерин дар дарсро дар зер ҳамчун намуна меорем:

«Наврӯз яке аз нодиртарин, шарифтарин ва мубороктарин ҷашнҳои миллии халқҳои эроннажод ба шумор рафта, қатъи назар аз садду монеаҳои бисере, асрҳост, ки бо тантана истиқбол мешавад. Пас биёед шодмонию хурсандӣ мскунем, шсъру тарона мехонем, рақсу бозӣ менамоем, ҳам шукру сипос мегуем. Вале бояд дар ёд дошта бошем, ки Наврӯз танҳо аз тантана ё ғулғулаву ҳаю ҳуй иборат набуда, балки ҷиҳатҳои тарбияи худшиносии миллӣ, адабӣ ва аҳамияти баланди ахлоқию иҷтимоӣ ҳам дорад, инчунин дар назди ҳар як инсон вазифаҳои нав низ мегузорад.

1.Баромади хонандагон.

2.Супориш ба соати тарбиявии оянда дар мавзӯи «Об -манбаи ҳаёт».

Деҳқон ба саҳро баромада дона пошида ба кор шурӯъ менамояд. Сипас, баъд аз панҷ дақика арӯси баҳор ба саҳна мебарояд. Мусиқии баҳорӣ садо

медиҳад.

**Барандаи 1**: Наврӯз ҷашни таърихӣ буда, аз даврони шоҳони асотирй Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмураси Девбанд, Ҷамшед, Заҳҳок, Фариддун, Зардушт ибтидо гирифта, то давраи салтанати шоҳи Сосонӣ Яздигурди Шаҳриёр баён ёфтааст.

**Барандаи 2**: Файласуфи бузурги тоҷик Умари Хайём дар аҳди подшоҳи Маликшоҳ Ибни Алпарслони Салчуқӣ тақвимеро сохт, ки мувофиқи он Наврӯзи аҷам 14 - 16 - уми март ҷашн гирифта мешуд. Ин каме барвақт аз рӯзи аслиаш аст. Баъдтар ховаршиносон тақвимеро сохтанд, ки мувофиқи он тақвим рӯзи ҳақиқии Наврӯз 21-уми март ҷашн гирифта мешуд. Дар ин сана шабу рӯз баробар мешавад».

Аз натиҷаи ин чорабинӣ ва мусоҳиба бо хонандагон маълум гашт, ки онҳо дар бораи яке аз рукнҳои худшиносии миллӣ будани ҷашни Наврӯз огоҳӣ пайдо карданд. Инсон аз ҷавҳари рӯҳ ва ҷисм иборат аст ва дорои қувваҳои ҳисси панҷгона: ломиса, биноӣ, шунавоӣ, чашидан ва бӯёӣ мебошад. Инчунин, қувваҳои дигари ҳиссӣ низ мавҷуданд, ки боиси инсони комил гаштан дар зиндагӣ мегарданд, ба монанди тахайюл ва тафаккур. Бо ин ҳиссиёти комил инсон аз дмгар махлуқот фарқ мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳам тарбияи рӯҳ ва ҳам ҷисм инсонро ба қуллаҳои баланди инсонӣ, ки яке аз онҳо – худшиносии миллӣ аст, мерасонад. Пас аз анҷоми чорабинии мазкур хонандагон ба саволи «Ба андешаи Шумо таҷлили иди Наврӯз ба худшиносии миллӣ таъсир мерасонад ё не?» чунин ҷавобҳо доданд: аз 37 нафар хонанда 26 нафар ҷавоби мусбат доданд, ки 72,1%-ро ташкил медиҳад, 9 нафар ҷавоби манфӣ доданд ва он 26,9%-ро ташкил медиҳад, 2 нафари боқимонда дар ҷавоб додан худдорӣ карданд, ки аз 1% иборат аст.

Динамикаи болоравии сатҳи худшиносии миллии хонандагонро дар ин мавриди озмоиш дар диаграмма мушоҳида намудан мумкин аст:




| Т/р | Ҷавоби мусбат | Ҷавоби манфӣ | Аз ҷавоб худдорӣ кард. | Фоизи ҷавоби мусбат |
|---|---|---|---|---|
| **Қабл аз чорабинӣ** | 21 | 12 | 3 | 62,3 |
| **Пас аз чорабинӣ** | 26 | 9 | 2 | 72,1 |

Натиҷаи озмоиш нишон дод, ки баргузории чунин чорабиниҳо, ки хусусияти тарбияи худшиносии миллӣ доранд, ва алоқаи онҳоро бо фанни таърихи халқи тоҷик дар бар мегирад, хеле муҳим аст. Ин чорабиниҳо ба болоравии сатҳи худшиносии миллӣ ва худогоҳии хонандагон мусоидат мекунанд.

Дар тарбияи худшиносии миллии хонандагон, дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик қаҳрамониҳои шахсони муборизи халқи тоҷик ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Омӯзгори фанни таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Восеъ Г. Одинаева аз корнамоиҳои ин гуна шахсони муборизи халқи тоҷик ба таври хеле муфид истифода мебарад. Боре дар синф чунин вазъияте ба амал омад, ки Эраҷ ном хонанда ҳамсинфони худро ҳамеша таҳқир менамуд ва ҳавобаландӣ карда, худро аз ҳама беҳтарин ҳисоб мекард. Чунин тарзи рафтори ӯ дар байни ҳамсинфон

норозигиҳоро ба амал меовард. Омӯзгор бо мақсади барҳам додани чунин рафтори Эраҷ аз мавзӯи «Темурмалик сардвари мудофиа» хеле моҳирона истифода намуд, ки мазмунаш чунин аст:

Муҳаммади Хоразмшоҳ, вақте ки ба ҳар як шаҳр мерасид, ба сокинони он мегуфт: «Агар наметавонед гурехт, пас таслим шавед». Вале Темурмалик, ки як қаҳрамони ҳақиқӣ буд, ба чунин суханони пастфитрат аҳамият надод ва мудофиаи шаҳри маҳбубашро вазифаи асосии худ донист. Ӯ хуб медонист, ки мубориза бо душмани хунхор ва пурқувват осон нест, аммо ҳисси ватандӯстӣ ӯро водор кард, ки то охирин қатраи хун биҷангад.

Дар натиҷа, ӯ тасмим гирифт, ки на танҳо нерӯҳои амниятии таҳти фармондеҳиашро сафарбар кунад, балки сокинони шаҳри Хуҷанд ва гирду атрофи онро низ ба ҳимоя даъват намояд. Чи тавре ки амалиёти минбаъдааш нишон дод, вай ин вазифаро бомуваффакият ичро кард. Темурмалик пеш аз хучум ба мугулхо шахри Хучандро аз назар гузаронда, барои сохтани калъа ва камин чои муносиб мечуст. Ҳарчанд Хуҷанд аллакай қалъа дошт, аммо бартарии қалъаи нав аз қалъаи кӯҳна хеле зиёд буд. Дар миёнаи дарёи Сир ҷазираеро кашф кард, ки барои қалъа беҳтарин буд.

Дар марҳилаи аввал, сокинони Хуҷанд ва деҳаҳои наздик ба шаҳрро ба ин кор ҷалб карданд. Ҳамаи табақаҳои ҷомеа дар бинои қалъа бо заҳмат ва кӯшиши зиёд кор карданд. Сохтмони он барои ҳама ҷонибҳо фоидаовар буд. Қалъа шаҳрро то ҳадде аз нобудшавӣ муҳофизат мекард ва тири душман ба он ҷо намерасид.

Темурмалик хуб медонист, ки чингизиёни бадкирдор бо истифода аз манҷаниқ ва зарфҳои пур аз нафт, бисёр шаҳру деҳаҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар минтақаҳоро нобуд карда буданд. Вале қалъаи Темурмалик, ки дар ҷазира сохта шуда буд, аз ин ҳамлаҳо муҳофизат шуда буд, зеро сангҳои манҷаниқ ва зарфҳои нафтдор наметавонистанд ба қалъа расанд. Ҳангоми он ки мардуми Хуҷанд дар сохтани қалъа ва кофтани хандақҳо машғул буданд, хабарҳои нохуши зиёде аз майдони ҷанг байни мардум паҳн мешуд. Бо вуҷуди ин, чунин хабарҳо наметавонистанд рӯҳияи

ҷангӣ ва иродаи матини мардуми Хуҷанд ва раҳбари онҳо, Темурмаликро шикаст диҳанд.

Темурмалик бо ин нерӯҳо лашкари пурқувват ва боэътимод ташкил намуда, бар зидди чингизиҳо мубориза бурд, то шаҳри Урганҷро дар ихтиёр дошта бошад. Ӯ ҳатто тавонист, шаҳри бузургтарини поёноби дарёи Сир, Ёникентро аз дасти муғулони нопок раҳо кунад. Пас аз ин, Темурмалик бо писари Муҳаммади Хоразмшоҳ, Ҷалолуддини Мангубердӣ, ки баъд аз фирори падараш ба тахт нишаста ва дар муборизаҳои шадид дидди муғулҳо шуҷоат нишон дода буд.Темурмалик дар бисёр муҳорибаҳо, ки дар минтақаҳои Хуросон ва Афғонистони имрӯза баргузор шуданд, бо муғулҳо мубориза бурда, пирӯзӣ ба даст овард.

Зиёд шудани ихтилофот ва норасоиҳои тифоқӣ миёни сарлашкарони Ҷалолуддин, ки ин масъалаҳо аз замони падараш мерос монда буданд, монеаи идомаи корнамоиҳои ҷангии Темурмалик шуданд. Бо вуҷуди ҳамаи кӯшишҳояш, ӯ маҷбур шуд ба Хоразм баргардад. Хабари бозгашти Темурмалик ба зудӣ ба маъмурони муғул расид. Онҳо ин маълумотро ба Чағатой, бераҳмтарин ва хунхортарин писари Чингизхон, расонданд. Ба фармони Чағатой, муғулҳо Темурмаликро дастгир ва ба қатл расониданд.

Омӯзгор дар аввал мавзуъро ба хонандагон нақл намуд ва баъд ба хонандагон таклиф намуд, ки биёед нақшҳоро байни худ тақсим намуда. Нақши сардори муғулҳо ба Эраҷ вобаста шуд. Кайд намудан лозим аст, ки ҳангоми тақсими нақшҳо омӯзгор ягон ҳарфе дар бораи рафтори ношоистаи Эраҷ намегӯяд. Хонандагон, ки дар ин ё он нақш бозӣ карданро дӯст медоранд, бо хушнудӣ розӣ мешаванд, ки иштирокчии саҳначаи хурдакаке гардидаанд. Дар он ҷо қувваи некӣ бо бадӣ мубориза мебарад. Эраҷ низ хурсанд буд, ки иштирокчии ин саҳнача бошаду муборизаҳои шадидро дар ҳақиқат инъикос намояд. Пас аз ин саҳнача Эраҷ дар ҳақиқат фаҳмид, ки нисбат ба ҳамсинфонаш муносибати нодуруст кардааст ва баъди гузаронидани ин дарси фанни таърихи халқи тоҷик рафтори ӯ куллан тағйир ёфт. Истифодаи чунин усулҳои тарбиявӣ имконият медиҳад, ки дар

хонандагон бе мушкилӣ ба таври равшану диққатҷалбкунанда донишҳои худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад. Омӯзгорон махсусан, аз усул ва воситаҳои таълимӣ бо мақсади пешгирӣ намудани хасташавии хонандагон дар дарсҳо барои таъсирбахш гардидани тарбияи худшиносии миллии онҳо истифода мебарад. Ба ин офаридани нақшҳо аз рӯйи мавзуъҳои «Империяи Кӯшониён» (синфи 5), «Ташкили давлати Сосониён» (синфи 6), «Шӯриши шоҳзодагони Суғд бо сарварии шоҳ Ғурак дар солҳои 719-720» (синфи 6), «Шӯриши Восеъ» (синфи 9) ва ғ. мисол шуда метавонанд. Дар раванди таҳқиқ, ки дар муассисаҳои озмоишии МТМУ №,57, 77-и шаҳри Душанбе, МТМУ №1-и н.Рӯдакӣ, МТМУ №2, ноҳияи Рӯдакӣ анҷом дода шуд, бо хонандагони синфҳои 8 корҳои фаҳмондадиҳӣ, чорабиниҳои гуногун анҷом дода шуд. Дар натиҷаи кори чандинсола бо ин муассисаҳо имкон пайдо шуд мушоҳида намоем хонандагони синфҳои 8 хонандагоне ҳастанд, ки нисбат ба хонандагони болоӣ бештар ба масъалаи худшиносии миллӣ ва худогоҳии миллӣ аҳамият медиҳанд. Сабаб он аст, ки ин синну соли гузариш ба навҷавонӣ аст ва андешаҳои гуногун доир ба зиндагӣ: Ман кӣ ҳастам?, Чаро зиндагӣ чунин аст? Аҷдоди ман кист? онҳоро фаро мегирад ва дар ҷустуҷӯйи пайдо намудани ҷавоби чунин саволҳо мешаванд. Дар ҳамин марҳила омӯзгори фанни таърихро лозим аст, ки оид ба масъалаи тарбияи худшиносии миллӣ боз ҳам беҳтару бештар бо онҳо кору фаъолият намояд.

Манфиатҳои миллиро ҳифз намудан аз ҷониби шаҳрвандон қарзи шаҳрвандии ҳар як мамлакат мебошад. Ба ин мақсад вақте расида мешавад, ки таълим ва тарбияи дурусти худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба роҳ монда шавад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ фазои муносибатҳои байналхалкиро тағйир медиҳанд ва дар ҳамин замина манфиатҳои миллӣ низ дигар мешаванд. То асрҳои XVIII-XIX, дар ҷомеаҳои бо суръати пасти рушдкунанда, як ақидаи асосӣ вуҷуд дошт, ки манфиатҳои миллӣ бекарор ва ба таври доимӣ боқӣ мемонанд. Вале дар давраи муосир, ба туфайли омилҳои наву сифатан тағйирёфта, ин назария тағйир ёфта, шакли нав гирифт. Агар ба зиндагии ҳаррӯзаи муқаррарӣ назар афканем, маънии дақиқи манфиатҳои миллиро

мушаххас намуда метавонем, яъне маориф, фарҳанг, маданият, расму ойин ва анъанаҳои миллӣ ба он мисол гашта метавонад.

«Роҳҳои татбиқи амалии ислоҳоти маориф, хусусан, дар «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3 майи соли 2002) ба тариқи мушаххас баён ёфтаанд. Аз ҷумла дар ҳуҷҷат омадааст, ки «Консепсияи миллии маълумот ҳуҷҷати муҳими давлатӣ буда, дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад ва тамоюлоти рушди ин системаи аҳамияти стратегидоштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Ҷузъҳои таркибии мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷҷат мақом, мақсад ва вазифаҳои маълумотро дар марҳалаи нави таърихӣ муқаррар менамоянд». Дар «Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 3 майи соли 2010 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, масъалаҳои дарки худшиносии таърихӣ, аз худ намудани муқарраротӣ суннатию башарӣ ва дар ҳамин замина ҳосил намудани фаросати олии ворисӣ ба ҳувият ва анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ, идоракунии демократӣ, фаъолу пажӯҳанда будан барои ба даст овардани комёбиҳои илм, техника, фарҳанг ва ғайра тарҳрезӣ гардидаанд». [87,с.288].

Дарёфти «формула»-и манфиатҳои миллӣ барои ҷомеа ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд, ки ин ба тағйир ёфтани парадигмаи рушди иҷтимоӣ ва ё парокандагии ҷомеа аз ҷиҳати этникӣ, географӣ ва иҷтимоӣ оварда расонид. Ба таври дигар, ҷомеае, ки дар он муттаҳидӣ ба вуҷуд наомада, он ба фрагментҳо тақсим шуда, дар консенсуси асосӣ дар масъалаҳои ҳаётӣ ва рушд ба мувофиқа нарасидааст.

Чунин мисол «ҷомеа»-и парокандаи ИМА дар миёни асри XIX буда метавонад. Дар як давлат ду тарзи инкишофи иқтисоди (индустриали-капиталистӣ Шимол) ва (ғуломдорӣ-аграрии Ҷануб) дида мешавад. Онҳо манфиатҳои миллиро гуногун мефаҳмиданд. Ин мушкилотро ИМА танҳо баъди гузаштан аз ҷанги шаҳрвандӣ баъд аз ғалабаи саноатии Шимол ва шикасти сепаристии Ҷануб таъмини ягонагии давлатро ҳал намуд.

Тағйири парадигмаи инкишофи дохилӣ - ин гузаштан аз сохти тоталитаризм ба ҷомеаи демократия буда метавонад. Мисол, агарчи он аз вазъи геополитикии давлат вобаста набуда, водор месозад, ки ба мазмуни манфиатҳои миллӣ аз дигар нуқтаи назар арзёбӣ гардад. Мушкилот дар он аст, ки Консепсияи манфиатҳои миллӣ (миллӣ-давлатӣ) дар ташаккули худ, имкон дорад, танҳо дар заминаи доктринае ки аз тарафи аксарияти ҷомеа қабул ва дастгирӣ меёбад, амалӣ гардад. Аммо дар таҷриба амалӣ намудани чунин консепсия бисёр мушкил мегардад ва он аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад.

Аз арзёбии хусусиятҳои объективӣ ва воқеияте, ки дар асоси муайян намудани манфиатҳои миллӣ нуҳуфта, аломатҳои субъективизм айён гашта, барои ташаккулёби ва ақидаҳои гузашта, омилҳои идеологие, ки ба менталитет таъсир расонида, ҳатто ин таъсиррасонӣ ба сарварҳои ояндабин ва назоратчиёни миллат аён аст. Дар қатори ин ба мухолифоне, ки зидди ин самт баромад доранд, имконият фароҳам меорад ин докторинаро зери суол гузоранд ва мазмуни объективии манфиатҳои миллиро қабул надоранд.

Дар интихоби самти сиёсии давлат гурӯҳҳои гуногуни фишоровар таъсир мерасонанд, ки мавҷудияти объективии онҳо дар бисёре аз ҷомеаҳо намоён буда, дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат, мазмуни манфиати миллӣ низ дида мешавад. Чунин ихтилофҳо на танҳо хоси ҷомеаи «рушдкунанда» инчунин, хоси ҷомеаи тараққикунанда низ мебошад. Вобастагии онҳо ба хусусиятҳои хоси манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, этникӣ, конфенссионалӣ, синусолӣ, фраксияҳои гуногуни доираҳои корӣ, хусусиятҳои инкишофи минтақаҳои алоҳидаи дохилидавлатӣ дида мешавад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №77- и шаҳри Душанбе ва МТМУ №1- и ноҳияи Рӯдакӣ доир ба масъалаи манфиатҳои миллӣ дар миёни синфҳои 10 саволномаҳо тақсим карда шуд, ки хонандагон дар он фикру ақидаҳои худро навиштанд. Инчунин, дар раванди озмоиш сӯҳбатҳо гузаронида шуд ва хонандагон фикрҳои ҷолиб иброз доштанд. Доир ба нигоҳ

доштани манфиатҳои миллӣ ва таъсири он ба сиёсати давлатӣ, нигоҳ доштани мавқеи мамлакат дар арсаи сиёсати байналхалқӣ, аз таърихи таҷрибаи малакатҳои абарқудрат оид ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ нишондоди ҷавобҳо дар оғози соли таҳсили озмоишӣ чунин буданд:

| Муассиса | Гурӯҳи озмоишӣ | | | Гурӯҳи назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | синф | иштирок | ҷавобҳо | синф | иштирок | ҷавобҳо |
| МТМУ №77 ш.Душанбе | 8А | 35 | 107 | 8А | 35 | 105 |
| | 8Б | 33 | 110 | 8Б | 35 | 113 |
| МТМУ №1 н.Рӯдакӣ | 8А | 29 | 97 | 8А | 37 | 98 |
| | 8Б | 40 | 101 | 8Б | 29 | 103 |
| Ҳамагӣ | | 137 | 415 | | 136 | 419 |

Фаъолияти озмоишӣ бо хонандагон нишон дод, ки дар анҷоми соли таҳсил фикру андешаҳои онҳо оид ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба дараҷаи муайяне боло меравaнд, агар бо онҳо корҳои фаҳмонидадиҳӣ, гузаронида шавад ва таълиму тарбияи мувофиқ ба роҳ монда шавад. Аз ин натиҷа бардоштан мумкин аст, ки гурӯҳи наврасон ва ҷавонон ба ин масъала бисёр осебпазир мебошанд ва дар муассиса ва махсусан, дар таълими ин мавзуъ дар зимни таълими фанни таърихи умумӣ аҳамияти ҷиддӣ додан шарт ва зарур аст.

Ҳамин тавр, зимни таълими фанни таърихи умумӣ бояд ба эътибор гирифт, ки бо ҳам вобастагии мамлакатҳо таъсири худро дар интихоби восита ва усулҳо барои таъмини манфиатҳои миллӣ - давлатӣ мегузоранд. Ярокҳои муосир наметавонанд амнияти як миллат ва ҷомеаро танҳо бо кӯшишҳои худаш таъмин кунанд, бинобар ин, давлатҳоро маҷбур мекунанд, ки барои таъмини амният ва устувории худ ба иттиҳоди ҳарбӣ пайваст шаванд. Амнияти як давлат бевосита амнияти дастаҷамъии тамоми давлатҳоро лозим дониста таъмини ҳуқуқи инсонро дар муносибатҳои байналхалқӣ ба бор меорад, на ин, ки истифодаи қувваро. Устувории

иқтисодӣ аз ҷумла мустаҳкамии қурби миллӣ таъсири худро ба вазъияти иқтисоди ҷаҳонӣ расонида метавонад. Нигоҳдошти муҳити зисти инсон дар ҳар як давлат аз имконияти дуруст пеш бурдани сиёсати дурусти экологӣ низ вобаста аст.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки манфиатҳои миллӣ дар он ҳолат ба даст меоянд, ки он яктарафа набуда бо кӯшиши дастаҷамъии давлатҳое, ки ба манфиатҳои якдигар эҳтиром мегузоранд ва мушкилотҳоро бо роҳи осоишта ва бо риоя намудани меъёрҳои барои ҳама ягона ҳал менамоянд.

## Хулосаи боби дуюм

Дар боби дуюми диссертатсия принсипҳои дидактикии амалигардонии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ҷиҳати тарбияи худшиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавриди тадқиқ ва пажӯҳиш қарор гирифт. Натиҷаҳои озмоиш бо нишондоди микдор ва сатҳи болоравӣ, динамикаи таъсири таҷрибаҳои педагогӣ ба тарбияи худшиносии хонандагон дар ин бо нишон дода шуд. Низоми амалигардонии саводнокии таърихии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ, роҳҳои ташаккули маҳорати таҳлилии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих бо истифода аз тест, принсипҳои ташаккули мактаби миллӣ ва категорияҳои миллӣ дар робита ба таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ин боб мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифт. Хулоса принсипҳои дидактикии амалигардонии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ҷиҳати тарбияи худшиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии нишон медиҳад, ки таъсири тарбия ва таълим, махсусан тавассути фанҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ ба болоравии худшиносии миллии хонандагон ногузир аст. Бо ин мақсад дар ин кори таҳқиқотӣ чунин фаъолиятҳо анҷом дода шуд:

1. Дар раванди фаъолияти таҷрибавӣ ва озмоишӣ, намунаи ташкили кори таълимӣ ва тарбиявӣ таҳия ва амалӣ шуд, ки ин ба амалҳои

ҳамоҳангшудаи унсурҳои зерин шомил мебошад: дарсҳо дар асосҳои илм, курсҳои махсус, экскурсияҳо, осорхонаи мардумшиносӣ, чорабиниҳои беруназсинф ва ҷашнҳои миллӣ.

2. Натиҷаи озмоишҳо бо нишон додани динамикаи тағйирёбии дараҷаи тарбияи худшиносии миллии хонандагон дар муқоисаи синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ нишон дода шуд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки самаранокии фаъолияти таҷрибавию озмоишӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ тасдиқ шудааст. Инчунин, онҳо фарзияи тадқиқотро ва, пеш аз ҳама, он мавзуъҳоро исбот мекунанд, ки бо навсозии мундариҷа ва сохтори таҳсилот, инчунин системаи шаклҳои таълиму тарбия алоқаманд мебошанд.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

## Натиҷаҳои асосии таҳқиқот

Дар рафти иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар асоси маълумоти дар рафти кори озмоишӣ бадастовардашуда, хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Муайян аст, ки синну соли наврасӣ ва ҷавонӣ барои ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ хос мебошад ва он ба давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ рост меояд. Пайдошавии қобилият ба худмуайянкунӣ ва худрушддиҳӣ замни мавҷуд набудани озодии ботинӣ дар муҳити иҷтимоӣ, саъю талоши шахсият, рушдёбии тафаккур ва арзёби, дарки чунин хислатҳо, ба мисли нотакрорӣ, самтгирӣ ба тарҳрезии бошууронаи тай намудани роҳи ҳаёт ва зоҳиркунии самтҳои ҳаётии омодагии хонандагони мактаб ба ғанигардонии таҷрибаи арзишҳои миллӣ ва имконияти татбиқи раванди мазкур дар муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ мушкил мебошад. Дар ин робита, масъалаи ҷустуҷӯи восита, метод ва шаклҳои дастгирии педагогии раванди ғанигардонии таҷрибаи арзишҳои миллӣ ва тарбияи худшиносии миллии хонандагон мубрам мегардад, ки ин имкон медиҳанд, то таъсироти манфии омилҳои муҳит ба ҳадди ақал расонида шаванд. [2-М]

2. Бо вуҷуди коркарди ҷанбаҳои назариявии масъалаҳои ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва тарбияи худшиносии миллӣ, сохтори он, пурракунии мазмуни унсурҳои ба фаъолият нигаронидашуда, дар илми педагогика ҳанӯз масъалаҳои бахшида ба таҳлили маҷмӯӣ ва ҳамаҷонибаи шароити педагогии ғанигардонии арзишҳои миллӣ ва тарбияи худшиносии миллии хонандагон, махсусан, зимни таълими фанни таърих, таҳқиқи имкониятҳо ва захираҳои муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ нокифоя омӯхта шудаанд. [6-М, 9-М]

Принсипҳои асосии анъанаҳо ва эҳтироми арзишҳои миллӣ инҳоянд:

- Принсипи интегратсия: ҳамгироии таълими фанни адабиёт ва тафанни таърих дар асоси тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, эстететикӣ, интеллектуалӣ, тарбияи меҳнатӣ.

- Принсипи аксиологӣ: муносибати инсон ба ҳастии худ, хирадмандӣ, ва ҷасорат. Бовиҷдонӣ, ҳақиқатҷӯй будан, некӣ ва накӯкорӣ, вафодор ва содиқ будан ба Ватани худ.

- Принсипи бардавом будани тарбияи худшиносии миллӣ: ҳамгироии ҳамаи зинаҳои таҳсилот.

